**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**

ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА

МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ

**ТДУ 902 / 904 (575.34)**
**ТКБ 63.4 (2 тоҷик)**
**А-85 –**

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АСОМИДДИНЗОДА САИДШО САНГАЛӢ**

# ЁДГОРИҲОИ АСРИМИЁНАГИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА (АСРҲОИ III–XVIII)

**ДИССЕРТАТСИЯ**

барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD),

доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ

(6D020801 – бостоншиносӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
академики АМИТ,
Яқубов Ю.Я.

**ДУШАНБЕ – 2026**

## МУНДАРИҶА


Феҳристи ихтисораҳо........................................................................3

Муқаддима.......................................................................................4

**БОБИ 1. ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ЁДГОРИҲОИ БОСТОНШИНОСИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА........................................18**

1.1. Маълумоти ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурии ноҳияи Данғара ............18

1.2. Марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара.........................................................................28

1.3. Шарҳи топонимӣ ва масоили санагузории ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара..................................................................51

**БОБИ 2. ЁДГОРИҲОИ БОСТОНШИНОСИИ АСРИМИЁНАГИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА.......................................................................68**

2.1. Ёдгориҳои бостоншиносии ибтидои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–VIII)........................................................68

2.2. Ёдгориҳои бостоншиносии асрҳои IX–XII ноҳияи Данғара ...............97

2.3. Ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнагии баъдина (асрҳои XIII–XVIII)..........................................................................117

2.4. Аҳаммияти ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар таҳқиқи таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик..................................132

**БОБИ 3. ЁДГОРИҲОИ МЕЪМОРИИ АСРҲОИ МИЁНАИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА.....................................................................143**

3.1. Ёдгориҳои меъмории мақбараи Шайх Шақиқи Балхӣ ва мақбараи Мавлоно Обиддин..........................................................143

3.2. Ёдгории меъмории мақбараи Мавлоно Тоҷиддин............................157

**ХУЛОСА.......................................................................................171**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ......................................................................179**

## ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

АРТ – Археологические работы в Таджикистане

АО – Археологические Открытия

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ

НБО – Нерӯгоҳи барқии обӣ

ҶБВ – Ҷанги Бузурги Ватанӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

ЮНЕСКО – Ташкилоти СММ оид ба масъалаҳои маориф, илм ва фарҳанг

ИКОМОС – Шурои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ёдгориҳо ва маконҳои таърихӣ

МИЦАИ – Международным информационно-аналитическим центром

SAA – South Asian Archaeology

п.м. – пеш аз мелод

м. – мелодӣ

га– гектар

см – сантиметр

м - метр

км - километр

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқ:** Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара аз нимаи дувуми асри XX оғоз гардида, то имрӯз бо пайгирии илмию саҳроӣ идома дорад. Аввалин марҳилаҳои омӯзиш дар замони Иттиҳоди Шуравӣ бо роҳандозии барномаҳои мақсадноки илмӣ шуруъ гардида, тадриҷан соҳаи бостоншиносӣ ҳамчун яке аз бахшҳои муҳимми илмӣ дар ин минтақа рушд кард.

Ноҳияи Данғара бахше аз ҳудуди ҷуғрофии минтақаи Кӯлоб маҳсуб меёбад, ки дар раванди густариши таҳқиқоти мактаби маъруфи бостоншиносии Шуравӣ саҳми назаррас дошта ва аз назари бостонӣ як қаламрави муҳим арзёбӣ мегардад. Дар ҳамин замина, дар қаламрави ноҳия чандин ёдгориҳои дорои аҳаммияти таърихидошта, ба монанди бошишгоҳҳои Тутқавул, Сойи Сайёд, Оғзикичик, зистгоҳҳои давраи мезолитии воҳаи Данғара, ки дорои қабатҳои хуб ҳифзшудаи маданӣ мебошад, ҳамчунин гӯрхонаҳо бо нишонаҳои ойинҳои махсуси тадфинӣ (дафн) ва осори мансуб ба давраи биринҷӣ ва асрҳои миёна мавриди омӯзиш ва таҳқиқи бостоншиносӣ қарор гирифтаанд.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин ёдгориҳо имкон медиҳад, ки як қатор масоили муҳимми таърихиву фарҳангии Осиёи Марказӣ ҳаллу фасл гарданд, аз ҷумла, он барои муайян намудани хусусиятҳои маскуншавии ҳудуди минтақа аз ҷониби аҳолии ибтидоӣ дар марҳилаҳои гуногуни асри санг, ошкор намудани сабабҳои равандҳои муҳоҷират, пайгирии ташаккули ҷомеаи ибтидоӣ ва рушди муносибатҳои истеҳсолӣ, пеш аз ҳама, кишоварзӣ, мусоидат менамояд. Маводи бадастомада барои баровардани хулосаҳои илмии асоснок заминаи муътамад фароҳам меорад.

Экспедитсияҳои бисёрсолаи бостоншиносӣ, ки дар ҳудуди Данғара кор бурданд, имкон доданд, натиҷаи назарраси илмӣ ба даст оварда шавад ва ин натиҷаҳо дар мақолаҳо, диссертатсияҳо ва дигар корҳои

илмӣ мунташир гардидаанд. Натиҷаҳои бадастомада дар рушди илми таърих, бостоншиносӣ, мардумшиносӣ, қиёфашиносӣ (антропология) ва дигар фанҳое, ки таърихи ҷомеаи инсониро меомӯзад, саҳми назаррас гузоштанд.

Мубрамии таҳқиқ аз он иборат аст, ки сарфи назар аз анҷом ёфтани таҳқиқотҳои бахшидашуда ба ин масъала, то имрӯз омӯзиши маҷмуии ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара анҷом дода нашудааст. Сҳми назаррасро дар омӯзиши ёдгориҳои алоҳида Ю.Я. Яқубов, Е.П. Денисов, Т.Г. Филимонова, Д. Довудӣ ва дигар муҳақиқон гузоштаанд. Дар доираи таҳқиқоти бостоншиносии ноҳияи Данғара, як зумра масъалаҳои муҳимми таърихӣ, аз қабили давраи аввали асримиёнагӣ, замони давлатдории Сомониён, ҳамлаи муғул ва юриши Темуриён то ҳол таҳлили ҳамаҷониба наёфтаанд ва ниёз ба бознигарии бештари илмӣ доранд. Дар таҳқиқоти мазкур, илова бар таҳлили мероси илмии муҳаққиқони пешин, натиҷаҳои таҳқиқоти саҳрой низ мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Дар асоси маълумоти муаллифони болозикр чандин паҳлуҳоиноравшани таъриху фарҳанги маҳаллӣ мушаххас гардида, ҷойи холии баъзе бахшҳои илми бостоншиносӣ комил шудааст. Омӯзиши осори бостоншиносони замони шуравӣ ва таҳқиқоти муосир дар ноҳияи Данғара метавонад барои мутахассисони ҷавон заминаи муҳимми илмӣ ва амалӣ фароҳам оварда, онҳоро ба таҳқиқи мавзуъҳои аз диққат дурмондаи бостоншиносии маҳаллӣ ҷалб намояд. Дар шароити имрӯза, як қисми назарраси ёдгориҳои бостонии кишвар, аз ҷумла ёдгориҳои Данғара, ба сабаби набудани муҳофизати кофӣ ва таъсири омилҳои табиӣ ва инсонӣ дар ҳолати осебпазир қарор доранд. Таҳқиқоти мазкур метавонад ҳамчун омили таҳрикдиҳанда барои баланд бардоштани маърифати ҳифзи мероси миллӣ дар байни ҷомеа, бахусус насли наврас ва ҷавонон, хизмат намояд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуъ:** оид ба мавзуи «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» таҳқиқоти ҷудогонаи мукаммал то ба

ҳол анҷом дода нашудааст. Бо вуҷуди он ки дар осори чандин олимон ба таври пароканда ба баъзе паҳлуҳои мавзуъ ишора шудааст, аммо пажӯҳиши ҳамаҷониба дар ин самт ҳанӯз мавҷуд нест. Таҳқиқоти мавҷударо вобаста ба ин масъала метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

**Ба гурӯҳи якум** якчанд мақола ва бахши таҳқиқотеро, ки бевосита ба таърихнигории бостоншиносии Тоҷикистон бахшида шудаанд, дохил кардан мумкин аст. Ин гурӯҳро осоре фаро мегиранд, ки ба раванд ва рушди умумии илми бостоншиносӣ дар Тоҷикистон, махсусан дар давраи Шуравӣ бахшида шудаанд. Дар ин замина саҳми муҳаққиқони маъруф, аз қабили Б.Ғ. Ғафуров [33], М.М. Дяконов [103, с. 19-35], Б.Я. Ставиский [144, с. 162-168], Б.А. Литвинский [51; 113, с. 106-123], В.А. Ранов [128, с. 5-45; 131, с. 50-87], С.Ғ. Бобомуллоев [177; 178; 78, 79, с. 230-243; 80, с. 80-90], Г.Р. Каримова [50; 106, с. 13-55] ва дигарон қобили зикр аст. Масалан, соли 1968 Б.А. Литвинский мақолаи худро таҳти унвони «Бостоншиносии Тоҷикистон дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ (Археология Таджикистана за годы Советской власти)» [113, с. 106-123] ба нашр расонд, ки дар он марҳилаҳои асосии рушди илми бостоншиносии кишвар муайян гардидаанд. Муаллиф дар ин мақола баробари таҳлили равандҳои умумӣ, ба масъалаи омӯзиши ёдгориҳои ноҳияи Данғара ишора намуда, доир ба кашфи нахустин бошишгоҳҳои аҳди санг дар Кӯйи Булён ва дигар ёдгориҳои таърихӣ маълумоти мухтасар додааст.

В.А. Ранов дар мақолаи худ таҳти унвони «Омӯзиши асри санги Осиёи Миёна дар муддати бист сол (1945–1965)» [131, с. 50-87], ки ҳамон сол нашр шуд, дастовардҳои бостоншиносонро дар самти омӯзиши ёдгориҳои аҳди санги Тоҷикистон, аз ҷумла Данғара, дар мавсимҳои бостоншиносии солҳои 1956–1960 мавриди баррасӣ қарор додааст.

Ҳамчунин, дар даврони истиқлол омӯзиши ёдгориҳои Данғара идома ёфта, чандин таҳқиқоти илмӣ ва мақолаҳо оид ба таърихи бостоншиносӣ ва мардумшиносии ин минтақа ба табъ расидаанд. Аз ҷумла, яке аз

дастовардҳои муҳим – таҳияи харитаи бостоншиносии ноҳияи Данғара аз ҷониби Т.Г. Филимонова ва М.Р. Ахметзянов мебошад, ки дар натиҷаи корҳои ҷустуҷӯӣ ва саҳроӣ 360 ёдгории давраҳои гуногун аз ҷумла ёдгориҳои асримиёнаро дар бар мегирад, идома доранд, (харита дастнавис буда, ҳоло чоп нашудааст).

Илова ба ин, соли 2010 муҳаққиқ С.Ғ. Бобомуллоев диссертатсияи илмии худро таҳти унвони «Таърихи омӯзиши ёдгориҳои бостншиносии ҷануби Тоҷикистон (асри XX – ибтидои асри XXI)» [177] ба итмом расонд. Дар диссертатсия ва мақолаҳои вобаста ба он маводди зиёде роҷеъ ба инкишофи илмии бостоншиносии кишвар, аз ҷумла ёдгориҳои бостоншиносии Данғара ҷамъоварӣ ва таҳлил гардидааст [177, с. 5].

**Ба гурӯҳи дуюм** таҳқиқоти вобаста ба фаъолияти экспедитсияҳои бостоншиносӣ, ҳисоботҳо ва мақолаҳои марбут ба фаъолияти амалӣ ва мавсимии гурӯҳҳои бостоншиносӣ дохил мешавад. Аз ҷумла, дар маҷаллаи илмии «Корҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон» (Археологические работы в Таджикистане - АРТ)», ки аз соли 1954 то имрӯз мунтазам ба табъ мерасад, маълумот оид ба ҳар мавсими бостоншиносӣ, самт ва натиҷаҳои фаъолияти экспедитсияҳо, инчунин ҷараёни ковишҳо ва таҳқиқоти саҳроӣ дар ёдгориҳои ноҳияи Данғара мунташир шудааст. Ҳангоми таҳияи бахши аввали диссертатсия истифодаи ин сарчашмаҳо имкони муайянсозии хронология ва самти умумии омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии Данғараро фароҳам сохт.

**Гурӯҳи сеюм** Ба ин гурӯҳ таҳқиқоти бунёдӣ, монографияҳо, мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ дохил мешаванд, ки бевосита ба омӯзиши масоили бостоншиносии Данғара бахшида шудаанд.

Дар бахши омӯзиши **давраи асри санг**, саҳми олимон, аз ҷумла А.П. Окладников [118, с. 5-20; 119, с. 5-18; 120, с. 4-15], В.А. Ранов [179; 129, с 5-26], А.Х. Юсупов [159, с. 138-147; 161, с. 22-28; 163, с. 234-346], Т.Г. Филимонова [180; 145, с. 40-60; 146, с. 204-206; 150, с. 227-234] назаррас

мебошад. Муҳаққиқони мазкур доир ба аҳди санги Данғара мақолаҳои илмӣ ва оммавӣ нашр намудаанд.

**Давраи биринҷӣ.** Омӯзиши ёдгориҳои давраи биринҷӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара нисбат ба давраи санг хеле камтар омӯхта шудааст. То имрӯз, ба истиснои ҳисоботҳои мавсимии бостоншиносӣ ва чанд мақолаи илмии оммавӣ, таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷониба дар ин самт ба анҷом нарасидаанд. Аз ҷумла, дар байни муҳаққиқоне, ки ба ин мавзуъ даст задаанд, метавон Н.М. Виноградова [81, с. 74-83; 82, с. 126-137; 83, с. 242-253], Л.Т. Пянкова [125, с. 349-363] ва дигаронро ном бурд. Аммо баррасии онҳо, асосан, хусусияти умумӣ дошта, таҳлили амиқи сохторӣ ва фарҳангии ёдгориҳои ин давраро дар Данғара фаро намегирад. Ин фазои холии илмӣ зарурати таҳқиқоти минбаъдаро дар мавриди давраи биринҷии ин минтақа нишон медиҳад.

**Аҳди бостон (антиқа).** Ёдгориҳои давраи антиқа дар ҳудуди Данғара танҳо аз ҷониби Е.П. Денисов [41; 42; 87, с. 50-55; 91, с. 577; 93, с. 41; 94, с. 474; 99, с. 174-178; 100, с. 182-186] мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Таҳқиқоти он асосан, ба тавсифи хусусиятҳои умумии маконҳои аҳолинишин, тағйирёбии фарҳангӣ ва равандҳои иҷтимоиву иқтисодии давраи мазкур бахшида шуда, дар асоси корҳои саҳроӣ ва маълумоти таърихӣ таҳлилу тавсиф шудаанд. Бо вуҷуди ин, омӯзиши ҳамаҷониба ва махсуси ёдгориҳои давраи антиқа дар Данғара то ҳол ниёз ба тавсеа ва таҳқиқоти нав доранд.

Дар бахши омӯзиши **давраи асримиёнагӣ,** омӯзиши ёдгориҳои давраи асримиёнагӣ дар ноҳияи Данғара аввалин бор аз ҷониби П.И. Смоличев [142, с. 93-107] оғоз гардид. Натиҷаи таҳқиқоти ӯ ба он овард, ки бори аввал чандин ёдгориҳои асримиёнагӣ ба қайд гирифта шуданд, ки ин ба ҳайси аввалин кӯшиши муназзами бақайдгирии мероси таърихии ин минтақа арзёбӣ мегардад. Баъдан, ин раванд аз ҷониби академик Ю.Я. Яқубов [168, с. 189-195; 169, с. 171-182; 170, с. 109-137;171, с. 135-145; 172, с

3-4; 174, с.2] бо такя ба усулҳои муосири илмӣ идома ёфта, шумораи ёдгориҳои ин давра бештар ва дақиқтар муайян карда шуданд.

Дар марҳилаҳои баъдӣ таҳқиқоти ёдгориҳои асримиёнагии Данғара аз ҷониби В.А. Ранов ва Э.А. Юркевич [127, с. 169-172], Е.П. Денисов [41; 88, с. 561; 89, с. 566; 95, с. 96-105; 96, с. 86-94; 97, с. 483; 98, 289-296], Ғ. Ғоибов [30; 37] ва як қатор муҳаққиқони дигар низ идома ёфтанд. Ин таҳқиқотҳо хусусиятҳои меъморӣ, мазмуни динӣ-фарҳангӣ ва аҳаммияти иҷтимоии ёдгориҳоро равшан намуда, барои шинохти равандҳои фарҳангиву сиёсӣ ва иқтисодии асрҳои миёна дар минтақаи Кӯлоб замина гузоштанд. Аз ҷумла, яке аз самтҳои муҳимми омӯзиш, ки дар даврони истиқлол фаъолона рушд ёфт, таҳқиқи ёдгориҳо бо мақсади тартиб додани харитаи бостоншиносии ноҳияи Данғара буд. Дар ин самт олимон Е.П. Денисов, Т.Г. Филимонова ва М.Р. Ахметзянов [148, с. 14-44; 149, с. 55-11] корҳои муҳимро анҷом додаанд. Харитаи бостоншиносӣ ҳамчун санади таҳқиқотӣ имконият фароҳам овард, ки эҳёи пахншавӣ ва таназзул ёдгориҳо дар тули таърихи асримиёнагии Данғара ҷамъоварӣ шавад.

Бахши алоҳидаи таҳқиқоти бостоншиносӣ ва таърихӣ дар ноҳияи Данғара омӯзиши ёдгориҳои меъморӣ ва мазорӣ ба ҳисоб меравад. Дар ин самт пажӯҳиши В.Л. Воронина [85, с. 209-218], Ғ. Ғоибов [36], Н. Валиев ва Н. Ахмедов мақоми вижа доранд. Махсусан, таҳқиқоти В.Л. Воронина, ба таври муфассал хусусиятҳои меъморҳо, таърихи мақбараҳо, мазорҳо ва аҳаммияти фарҳангии онҳоро инъикос мекунад.

Инчунин, муҳаққиқон М. Музаффарӣ, Ҳ. Камол ва З. Наботзода [52] дар омӯзиши баъзе ҷузъиёти фарҳангии мазорҳо ва масъалаҳои марбут ба онҳо саҳм гузоштаанд. Пажӯҳиши онҳо дар таҳкими маърифат ва ҳифзи мероси маънавии Данғара нақши назаррас доранд.

Таҳлили осор, мақолаҳои илмии зикршуда нишон медиҳад, ки бо вуҷуди он ки паҳлуҳои мухталифи мавзуи мавриди таҳқиқ дар солҳои гуногун аз ҷониби муҳаққиқони алоҳида баррасӣ гардидаанд, то ба имрӯз

ягон таҳлили ҳамаҷониба ва мукаммал анҷом дода нашудааст. Дар натиҷа, як қатор масъалаҳои баҳсталаб ва нуқтаҳои торик дар таърихи омӯзиши бостоншиносии ноҳияи Данғара, аз ҷумла ёдгориҳои асримиёнагӣ боқӣ мондаанд, ки ниёз ба таҳқиқу таҳлили амиқ доранд. Аз ин рӯ, зарурати таълифи як диссертатсияи мустақили илмӣ бо истифода аз манобеи аввалия, таҳқиқоти илмии давраи шуравӣ, маводди замони истиқлол таҳқиқоти саҳроӣ ва таҳлилҳои муосир ба миён омадааст. Ин гуна диссертатсия метавонад ба тартиб додани тасвири возеҳ ва асосноки равандҳои бостоншиносӣ, таҳаввулоти таърихӣ ва ба аҳаммияти фарҳангии ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара мусоидат намояд.

**Робитаи таҳқиқ бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионии мазкур дар доираи татбиқи нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон барои солҳои 2021–2025 «Таърихи халқи тоҷик: Бостоншиносии Тоҷикистон (аз асри санг то ибтидои асрҳои миёна)» таҳия шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади асосии таҳқиқоти мазкур таҳлили ҳамаҷониба ва илмии «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII)» мебошад. Дар доираи ин нуҳ омӯзиши маводди моддии бостоншиносӣ, ки дар натиҷаи таҳқиқоти саҳроӣ ба даст омадаанд, мавриди баррасӣ қарор мегиранд.

Бо мақсади расидан ба ҳадафҳои муаяншуда иҷрои вазифаҳои зерин зарур аст:

- баррасии масоили ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурии ноҳияи Данғара;
- муайян кардани марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара;

– таҳқиқи масъалаҳои топонимӣ ва санагузории ёдгориҳои таърихии ноҳия;
– мушаххас кардани ёдгориҳои бостоншиносии ибтидои асримиёнагии ноҳия;
– таҳлили ёдгориҳои бостоншиносии асрҳои IX–XII;
– баррасии ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнагии баъдина (асрҳои XIII–XVIII);
– муайян кардани аҳаммияти ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар таҳқиқи таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик;
– омӯзиши ёдгориҳои меъмории мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ ва Мавлоно Обиддин;
– таҳқиқи ёдгории меъмории мақбараи Мавлоно Тоҷиддин

**Объекти таҳқиқотиро** ёдгориҳои давраи асримиёнагии ҳудуди ноҳияи Данғара ташкил медиҳанд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқотро** маҷмуи ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III–XVIII) ташкил медиҳанд. Омӯзиш ва таҳлили онҳо дар асоси маводди бадастомада аз экспедитсияҳои бостоншиносӣ, сарчашмаҳои илмӣ ва ёддоштӣ, асарҳо ва мақолаҳои илмӣ-оммавӣ, инчунин маълумоти шифоҳии сокинони маҳаллӣ анҷом дода шудааст.

**Марҳила, макон ва давраҳои таҳқиқот** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шуда, ду марҳиларо дар бар мегирад:

Марҳилаи аввал солҳои 2021–2022 дар бар гирифта, дар ин муддат корҳои зерин ба анҷом расиданд: интихоби мавзуъ ва роҳбари илмӣ, тасдиқи мавзуъ дар шурои илмии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи Аҳмади Дониш, тартиб додани нақшаи кор, ҷамъоварӣ ва танзими мавод оид ба мавзуи интихобшуда, ҷустуҷӯи ҳуҷҷатҳои бойгонии шуъба, мавриди омӯзиш қарор додани дигар

адабиёти илмӣ, навиштани бобҳои якум ва дуюми диссертатсия, нашри мақолаҳо дар мавзуи диссертатсия, иштирок дар таҳқиқоти бостоншиносӣ ва конференсияҳои илмӣ;

Марҳилаи дуюм, солҳои 2023–2024-ро дар бар мегирад. Дар марҳилаи мазкур корҳои зерин анҷом дода шуд: навиштани боби сеюм, навиштани муқаддима ва ҷамъбасти диссертатсия, нашри мақолаҳо дар мавзуи таҳқиқот, суханронӣ дар конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ, супоридани имтиҳони маҷмуӣ аз рӯйи ихтисос ва пешниҳоди диссертатсия.

**Доираи хронологии таҳқиқот** давраи васеи таърихиро аз асри III то асри XVIII милодӣ дар бар мегирад. Бо мақсади омӯзиши ҳамаҷониба ва таҳлили низомманди маводди бостоншиносӣ, ин давра ба се марҳилаи асосӣ ҷудо карда шудааст: давраи аввали асрҳои миёна (асрҳои III–VIII милодӣ), давраи ташаккул ва рушди сулолаҳои маҳаллӣ ва минтақавӣ (асрҳои IX–XII милодӣ) ва давраи исломии асрҳои миёна ва охири асрҳои миёна (асрҳои XIII–XVIII милодӣ). Чунин тақсимоти хронологӣ имконият фароҳам меорад, ки равандҳои таърихӣ ва фарҳангии минтақа, хусусиятҳои ташаккул ва рушди ёдгориҳои бостоншиносӣ, инчунин тағйироти иҷтимоию иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа дар пайдарҳамии таърихии онҳо ба таври муназзам мавриди таҳлил, муқоиса ва арзёбии илмӣ қарор дода шаванд.

**Асосҳои назарӣ ва методологии таҳқиқот.** Диссертатсия дар заминаи методҳои таърихӣ–муқоисавӣ, назарӣ–муқоисавӣ, таҳлилӣ, таҳқиқотии анъанавӣ дар илмҳои таърихию бостоншиносӣ ва ҷамъбасти таҳлили ёдгориҳо анҷом дода шудааст. Дар рафти таҳқиқоти диссертатсионӣ, муаллиф ба усулҳои муҳимми илмӣ-таҳқиқотӣ такя намудааст. Аз ҷумла, усули объективии илмӣ, ки яке аз принсипҳои асосӣ ва муосири методологияи бостоншиносӣ ба шумор меравад, ҳамчун меҳвари таҳқиқ истифода шудааст. Бо истифода аз усули назариявию муқоисавӣ,

масъалаҳои марбут ба таҳлили ёдгориҳои асримиёнагии ҳаммарз, инчунин, паҳлуҳои муқоисавии онҳо бо ёдгориҳои шабеҳи минтақаҳои дигар мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Ҳамзамон, ба воситаи усули таҳлилӣ, таъинот ва хусусиятҳои таъинотии ёдгориҳои асримиёнагии ҳудуди ноҳияи Данғара ба таври амиқу дақиқ баррасӣ ва арзёбӣ гардидаанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот.** Навгонии илмии таҳқиқоти мазкур дар он ифода меёбад, ки бори аввал таҳқиқоти ҳамаҷониба вобаста ба ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара дар шакли рисолаи илмӣ пешниҳод мегардад. Омӯзиш ва таҳлили масоили марбут ба ёдгориҳои таърихию бостоншиносии асримиёнагии ноҳияи Данғара, ки ба омӯзиши ёдгориҳое бахшида шудааст, ки ба асрҳои III–XVIII м. тааллуқ дорад. То ҳол дар ин самт таҳқиқоти фарогир ба таври комил анҷом дода нашудааст.

Ин таҳқиқот дар заминаи маълумоти бостоншиносӣ ва бо истифода аз усулҳои муосири таҳқиқоти таърихӣ анҷом ёфтааст, ба омӯзиши ҳамаҷонибаи ёдгориҳои моддии фарҳангӣ ва таҳлили хусусиятҳои иҷтимоию сиёсӣ ва фарҳангии онҳо равона шудааст.

Навоварии илмии таҳқиқот дар нукоти зерин инъикос меёбад:

- масоили ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурии ноҳияи Данғара баррасӣ гардид;
- марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара муайян карда шуд;
- масъалаҳои топонимӣ ва санагузории ёдгориҳои таърихии ноҳия таҳқиқ гардид;
- ёдгориҳои бостоншиносии ибтидои асримиёнагии ноҳия мушаххас шуд;
- ёдгориҳои бостоншиносии асрҳои IX–XII мавриди таҳлил қарор гирифт;
- ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнагии баъдина (асрҳои XIII–XVIII) баррасӣ шуд;

– аҳаммияти ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар таҳқиқи таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик муайян гардид;
– - ёдгориҳои меъмории мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ ва Мавлоно Обиддин мавриди омӯзиш қарор гирифт;
– ёдгории меъмории мақбараи Мавлоно Тоҷиддин таҳқиқ шуд.

**Нуқтаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Объекти асосии таҳқиқоти диссертатсияро омӯзиши илмӣ ва таҳлили таърихии раванду марҳилаҳои омӯзиши ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара ташкил медиҳад. Дар асоси таҳлили гузаронидашуда, раванди омӯзиши бостоншиносии минтақа ба се марҳила ҷудо карда мешавад: марҳилаи аввал солҳои 1942–1950; марҳилаи дуюм солҳои 1955–1990; марҳилаи сеюм солҳои 1997–2024. Бо вуҷуди мавҷуд будани нашрияҳои алоҳидаи илмӣ, то имрӯз таҳқиқоти маҷмуие, ки ба таҳлили ҳамаҷонибаи ҳар як марҳила бахшида шуда бошад, анҷом дода нашудааст.

2. Омӯзиш, таҳлил ва низоммандсозии корҳои илмӣ ва маводди бойгонӣ, ки ба омӯзиши бостоншиносии давраи асримиёнагии ноҳияи Данғара ва илмҳои байнисоҳави бахшида шудаанд.

3. Ҷамъбасти натиҷаҳои фаъолияти экспедитсияҳои сершумори бостоншиносӣ, ки дар тули чандин даҳсола дар ҳудуди ноҳияи Данғара фаъолият намуда, ба ҷустуҷӯ ва таҳқиқи ёдгориҳо машғул буданд, имкон дод, ки шумораи зиёди ёдгориҳои нодири бостоншиносӣ, ки дорои арзиши баланди илмӣ ва таърихию фарҳангӣ мебошанд, ошкор карда шаванд.. Ин бозёфтҳо ҷиҳати дарки бештари ҷараёни таърихии халқи тоҷик ва таҳкими ҳувияти фарҳангии миллӣ нақши назаррас бозидаанд.

4. Таҳлили хусусиятҳои меъморӣ, тарҳрезии биноҳо ва унсурҳои ороишии ёдгориҳои меъмории асрҳои миёнаи ноҳияи Данғара нишон медиҳад, ки мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ, Мавлоно Обиддин ва Мавлоно Тоҷиддин дар заминаи анъанаҳои устувори меъмории маҳаллӣ

ташаккул ёфта, ҳамчун намунаҳои арзишманди меъмории асримиёнагӣ дар рушди фарҳанги шаҳрсозӣ ва меъмории минтақа нақши муҳим доштаанд.

**Аҳаммияти назарӣ ва амалии таҳқиқот.** Таҳқиқоти мазкур дорои аҳаммияти назарӣ ва илмию амалӣ буда, натиҷаҳои он метавонанд дар пешбурди корҳои илмии муаррихон, бостоншиносон ва мутахассисони соҳа нақши муассир гузорад. Натиҷаи таҳлилу баррасии масоили марбут ба мавзуи диссертатсия барои дарки амиқӣ таърихи давраҳои қадимтарин, қадим ва асрҳои миёнаи халқи тоҷик, бахусус, дар доираи омӯзиши мероси моддии ноҳияи Данғара, заминаи боэътимоди илмӣ фароҳам месозад. Дар диссертатсия ҷанбаҳои муҳимми бостоншиносии минтақа мавриди таҳқиқ қарор гирифта, маълумоти нав ва таҳлили манбаъҳои мавҷуда пешниҳод гардидаанд, ки онҳо ба худ аҳаммияти назариявиро касб менамоянд. Ин метавонад дар амал тадбиқ шудани корҳои саҳроии бостоншиносӣ, таҳияи харитаҳои таърихӣ ва бостоншиносӣ, инчунин барои навиштани мақолаҳо ва монографияҳои илмӣ дар мавзуҳои марбут ба бостоншиносӣ ва таърихи Тоҷикистон ҷойгоҳи густурда дошта бошад.

Муҳтаво ва хулосаҳои диссертатсия метавонанд дар таҳияи асарҳои ҷамъбастӣ оид ба таърихи халқи тоҷик ва барои таълими курсҳои академӣ, аз ҷумла «Асосҳои бостоншиносӣ дар Тоҷикистон», «Бостоншиносии давраи асримиёнагӣ», «Таърихнигории бостоншиносии Ҷумҳурии Тоҷикистон» ҳамчун манбаи ёридиҳанда истифода шаванд. Хулосаҳо ва тавсияҳои дар диссертатсия пешниҳодшуда барои ҳаллу фасли масоили калидӣ ва баҳсталаби таърихи Тоҷикистон, махсусан дар давраи асримиёнагӣ, заминаи муътамади илмӣ буда, метавонанд самти таҳқиқоти минбаъдаро низ муайян созанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** аз чандин омилҳои муҳимми методологӣ ва амалӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла, дақиқ будани

маълумоти бадастомада, кофӣ будани ҳаҷми маводди таҳлилшуда, сатҳи коркарди натиҷаҳои илмӣ, миқёси интишорот ва мавҷудияти таҳқиқоти диссертатсионӣ дар мавзуи мавриди назар, ба сифати далелҳои асосии муътамад хизмат мекунанд. Хулосаҳо ва тавсияҳои пешниҳодшуда бар пояи таҳлили амиқи илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва таҷрибавӣ, аз ҷумла, корҳои саҳроӣ ва ҳафриётӣ, таҳия гардидаанд.

**Мутобиқати диссертатсия бо шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсия таҳти унвони «Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – XVIII) », ки барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисос пешниҳод шудааст, ки ба шиносномаи ихтисоси 6D020800 – бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ (6D020801 - бостоншиносӣ), ки аз ҷониби Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ шудааст, пурра мутобиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ.** Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия аз рӯйи сатҳи навоварии илмии таҳқиқот, аҳаммияти хулосаҳои илмии пешниҳодшаванда, инчунин, таҳия ва нашри мақолаҳои илмӣ, иштирок дар семинарҳои назариявӣ ва конференсияҳои илмӣ-амалӣ, ҳамзамон иштироки бевосита дар фаъолияти экспедитсионии бостоншиносӣ собит мегардад. Илова бар ин, тарзи таҳияи масъала, мантиқ ва услуби баён дар диссертатсия, инчунин шеваи коркарди манбаъҳо ва таҳлили маводди илмӣ шаҳодат медиҳанд, ки таҳқиқоти мазкур натиҷаи заҳмати мустақили илмии довталаб буда, саҳми шахсии ӯро дар рушди омӯзиши ёдгориҳои таърихию меъмории ноҳияи Данғара ба таври возеҳ инъикос менамояд.

**Тасвиби амалии натиҷаҳои таҳқиқот.** Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар Конференсияҳои илмӣ-амалӣ ва назариявии ҷумҳуриявю байналмилалӣ, аз ҷумла дар Конференсияҳои байналмилалии илмии «Дастовардҳои бостоншиносӣ, маданияти моддӣ ва фарҳангии водии Зарафшон ва

ҳудудҳои ҳаммарз», Конференсияҳои байналмилалии илмии «Комплексные результаты археологических исследований в Таджикистане», Конференсияҳои илмӣ-амалии «Илм аз дидгоҳи олимони ҷавон», инчунин Конференсияҳои якуми ҷумҳуриявии илмӣ-амалии «Нақши олимони ҷавон дар рушди илм, инноватсия, иқтисоди рақамӣ ва давлатдории миллӣ» дар шакли мақолаҳо ва маърузаҳо ироа гардида, мавриди баррасӣ қарор гирифтанд.

Диссертатсия дар шуъбаи бостоншиносии Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш муҳокима шуда суратҷаласаи № 7 аз 6- уми октябри соли 2025 барои дифоъ пешниҳод гардид.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия**. Аз рӯйи мавзуи диссертатсия 4 мақолаи илмӣ дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақола дар дигар нашрияҳои илмӣ ба табъ расидаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз муқаддима, се боб, нуҳ зербоб, хулоса, феҳристи адабиёти истифодашуда ва замима иборат аст.

# БОБИ I. ТАЪРИХИ ОМӮЗИШИ ЁДГОРИҲОИ БОСТОНШИНОСИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

## 1.1. Маълумоти ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурии ноҳияи Данғара

Ноҳияи Данғара яке аз водиҳои бостонии кишвар ба шумор рафта, дар он 360 номгӯи мероси таърихию фарҳангӣ ба қайд гирифта шудаанд, ки таҳлилу баррасии онҳо барои дарки муҳимтарин масоили таърихи кишвар ҷойгоҳи махсуси илмиро касб мекунад. Т.Г. Филимонова дар робита ба мавқеи ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурии ноҳия Данғара чунин ибрози назар менамоянд: «Дар ин росто, баррасӣ ва муайян намудани мавқеъи ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурии ноҳияи Данғара дорои аҳаммият муҳим буда, барои таҳлили ёдгориҳои бостонӣ, махсусан, ёдгориҳои асримиёнагӣ, заминаи мусоиди илмӣ фароҳам хоҳанд овард» [152, с. 117-118].

Салимзода Ф. оид ба мавқеи ҷуғрофии ноҳияи Данғара чунин ибрози назар менамояд: «Ноҳияи Данғара аз лиҳози мавқеи ҷуғрофӣ ҳудуди фарохро дар бар гирифта, дар самти ҷанубу ғарбии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгир мебошад» [68, с. 66]. Бояд зикр намуд, ки ноҳия аз ҷиҳати геоморфологӣ ҳамчун бахше аз пастхамии (депрессияи) Афғону Тоҷик шинохта мешавад ва дар як воҳиди релефии транзитӣ байни кӯҳистон ва доманаи теппаҳо қарор дорад. Мавқеи ҷуғрофии он дар байни 37°40’ ва 38°20’ дараҷа арзи шимолӣ ва 69°30’ ва 70°15’ дараҷа тули шарқӣ воқеъ гардида, баландии умумии водӣ аз сатҳи баҳр тақрибан 500-700 метрро ташкил медиҳад.

Ноҳияи Данғара аз ҷиҳати масоҳат: дорои 45 км дарозӣ ва паҳноии то 20 км мебошад. Аз самти шимол он бо қаторкӯҳи Вахш ва қаторкӯҳи Гули Зиндон, аз шарқ бо Моркӯҳ (Морон), аз ҷануб бо қаторкӯҳи Рангонтоғу Сарсарак ва аз ғарб бо Қаратов иҳота шудааст [5, с. 67]. Баландии кӯҳҳои атроф аз 300 то 2300 метр фарқ мекунад. Ин

гуногуншаклии релеф шароити иқлими минтақа, аз ҷумла, субтропикӣ (нимгармсел)–ии хушк бо тобистони гарм ва зимистони муътадилро муайян месозад. Ин иқлим барои рушди соҳаҳои кишоварзӣ, боғдорӣ ва чорводор мусоид аст [68, с. 44].

Ноҳияи Данғара дорои захираҳои фаровони об буда, аз сарчашмаҳои кӯҳӣ, чашмасорон ва дарёчаҳои минтақавӣ маншаъ мегиранд. Оби Тоҳир ва шохобҳои он аз манбаъҳои асосии обёрӣ ва захираҳои муҳимми табиӣ буд. Аммо бо шароити тағйири иқлим ва афзудани ниёз ба оби полезӣ оби ин дарё кам гаштааст. Хусусан, барои обёрии заминҳои кишоварзӣ, чашмаҳои Булён, Қизилтов, Пушинг ва дигар манбаъҳои об нақши калидӣ доранд.

Дашти Данғара яке аз даштҳои калонтарини минтақаи Кӯлоб ҳисобида мешавад, ки аз доманаи қаторкӯҳи Вахш дар шимол оғоз меёбад ва то охири кӯҳи Морон ва доманаи кӯҳи Тирак дар ҷануб паҳн мешавад. Қисми ҷанубии даштро пуштакӯҳи Олимтой иҳота кардааст. Тибқи маълумоти ҷуғрофии ноҳияи Данғара метавон хулоса кард, ки он аз се тараф бо кӯҳҳои нисбатан паст иҳота гардида, як тарафи он ба самти биёбонҳо ва нимбиёбонҳо кушодааст. Ҷойгиршавии ноҳия дар қисмати ҷануб ба сарҳадди минтақаҳои нимбиёбонӣ мерасад, ки ин омил шароити иқлимии онро ба як иқлими муътадили хушки континенталӣ (қараи ё хушкӣ) наздик месозад. Ин омилҳо, эҳтимол, ба шаклгирии табиат, кишоварзӣ ва ҳаёти иҷтимоии аҳолии дар давраҳои гуногуни таърихӣ, бахусус, асрҳои миёна таъсири назаррас расонидаанд. Ҳамин тавр, таҳқиқи ҷуғрофии ноҳияи Данғара на танҳо барои омӯзиши ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии мардум, балки барои фаҳмиши таърих ва рушди фарҳанги маҳаллӣ аҳаммияти хос дорад.

Ҳ. Қурбонов роҷеъ ба дашти Данғара чунин менависад: «Дашт дар қисмати ҷанубии Тоҷикистон, дар байни дарёҳои Вахш ва Сурхоб (Қизилсу) ҷойгир шудааст. Аз ҷиҳати маъмурӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара

воқеъ мебошад. Аз шимол ба ҷануб ба масофаи 45 км тул кашидааст. Данғараро аз ғарб кӯҳҳои Оқсуяк ва Бешҷӯяк, аз шимол доманаҳои кӯҳҳои Гули Зиндон, аз шарқ кӯҳи Ҷилонтоғ ва аз ҷануб пуштакӯҳҳои Олимтой иҳота кардаанд. Дашти Данғара пастхамии байникӯҳӣ буда, бо мурури замон аз обовардҳои дарёҳо ва селобаҳо пӯшида шудааст. Сатҳи он ҳамвор буда, ба самти ҷануб тадриҷан паст мешавад» [111, с. 237-238

Дар хусуси таърихи ноҳияи Данғара муҳаққиқон асарҳо ва мақолаҳои илмии зиёд навиштаанд. Аз миёни онҳо муаррихи тоҷик Ғ. Ғоибов дар такя ба сарчашмаҳо, зикр менамояд, ки муаррихони асрҳои миёна ба монанди Ал-Истахрӣ [9], Ибни Ҳавкал [8], Ҷувайнӣ [6], Мирхонд [14], Шарафуддин Алии Яздӣ [18], Ибни Асир [7], Гулшанӣ [54] дар хусуси номҳои Тамлиёт, Дашти Кӯлак, Кулон ва Данғара маълумот додаанд. Ба хусус дар осори ҷуғрофии асри X «Ҳудуд-ул-олам»-и муаллифаш номаълум омадааст: «Борсориғ, Мунк, Тамлиёт шаҳракҳоеанд хурд ва бисёрнеъмату ободон ва мардумони ин шаҳракҳо ҷангианд» [17, с. 119], Ал-Истахрӣ ва Ибни Ҳавкал дар бораи ҷойгиршавии шаҳри Тамлиёт чунин менависанд: «Тамлиёт аз Пули Сангин дар дурии чор фарсах (24 км - А. С.) дар роҳи корвонгузари Мунк воқеъ гаштааст» [9, с. 424; 115, с. 57-99].

Муаррих Ғ. Ғоибов дар таҳқиқоти худ роҷеъ ба хароб гардидани Тамлиёт аз ҷониби муғулҳо чунин қайд мекунад: «Тамлиёт (Тамлиёт) дар соли 1220 аз ҷониби дастаҳои муғул таҳти роҳбарии Чингизхон пурра хароб карда шудааст. Зеро тибқи маълумоти сарчашмаҳои таърихӣ, дар ҳамин сол лашкари Чингизхон ба минтақаи Кангурт ва Сомон ҳуҷум оварда, онро хароб намуда буданд» [36, с. 10].

Муаррих Ғ. Ғоибов дар ҷойи дигар бо истинод ба асари Равзат-ус-сафо таъкид менамояд, ки дар ин сарчашма номи Тамлиёт мустақиман зикр нагардидааст. Муаррих Ғ. Ғоибов ин матлабро ба товри зерин меорад: «Ва чун хотири Чингизхон аз харобии Тирмиз фориғ гашт, ба

ҳудуди Кангурт ва Сомон рафт. Ва зимистон дар он ҷо раҳли иқомат афрохта, ба куштану кандан ва тохтан он диёрро низ аз вуҷуди одамону ободонӣ пок сохт» [37, с. 257].

Ф.Ф. Салимзода чунин менависад: «Муаррихи асри XIII Атомалики Ҷувайнӣ низ дар «Таърихи Ҷаҳонкушой» айнан ҳамин хабарро оварда, ба ҷойи Кангурт, Лангурт ва номи "Сомон"-ро "Самон" зикр намудааст» [37, с. 257; 6, с. 36]. Ғ. Ғоибов дар идома менависад: «Гумон меравад Самон ё Сомон деҳаи ободоне дар наздикиҳои Данғараи ҳозира бошад» [37, с. 237].

Муаллиф, ҳамзамон, таъкид менамояд, ки ноҳияи Данғара, ба ҷуз аз Тамлиёт, дар сарчашмаҳои таърихӣ бо номҳои дигар низ ёд шудааст. Аз ҷумла, яке аз чунин номҳо Дашти Кӯлак, Кулон ё Куланг мебошад. Вожаи Дашти Кӯлак бори аввал дар асари «Зафарномаи Темурӣ»-и Шарафуддин Алии Яздӣ зикр гардидааст. Ба андешаи муҳаққиқ, ҳудуди имрӯзаи Данғара дар асри XIV бо номи Дашти Кӯлак маъруф будааст. Алии Яздӣ дар ин хусус чунин менависад: «Амир Ҳусайн ва ҳазрати соҳибқирон (Амир Темур) аз он ҷо ба ҷониби Солисарой (ноҳияи Панҷи ҳозира) убур намуданд ва мутаваҷҷеҳи Хатлон шуданд. Аз чӯл гузашта дар мавзеи Дашти Кӯлак хайма заданд» [139, с. 30–32].

Муаррих Ғ. Ғоибов дар асоси омӯзиши сарчашмаҳои гуногун чунин менависад: «Номи Дашти Кӯлак то асри XVI боқӣ мондааст. Масалан, дар «Таърихи Рашидӣ»-и Мирзо Ҳайдар дар бораи ватани Мавлоно Тоҷиддин, яъне Дашти Кӯлак чандин маротиба ёд шудааст. Ӯ дар ҷараёни тавсифи ҳодисаҳои ҷанги байни Бобур ва султонҳои узбаки Ҳисор, Дашти Кӯлакро ҳамчун яке аз мавзеъҳои машҳури Хатлон зикр менамояд. Ҳамчунин, дар баробари Дашти Кӯлак, деҳаи Пушинг низ дар ҳамон давра яке аз маҳаллаҳои калон ва ободи ноҳия ба шумор мерафт, ки дар сарчашмаҳои таърихии зиёде зикр гардидааст. Дар Таърихи Рашидӣ Пушинг соли 912 ҳиҷрӣ (1506–1507 мелодӣ) низ ёд шудааст» [37, с. 369].

Деҳаи дигаре, ки дар сарчашмаҳои таърихии асрҳои миёна бисёр ёд шудааст, корвонсаройи Кӯлон (ҳоло деҳаи Себистон) мебошад.

Сафиуддин Воизи Балхӣ оид ба маҳалли шаҳодати орифи машҳур Шайх Шақиқи Балхӣ чунин менависад: «Ва Шақиқ ба иззи шаҳодат мушарраф шуд ба марҳалаи Кӯлон миёни Хатлон ва Вашгирд» [16, с. 21; 71, с. 130-131]. Ибни Асир роҷеъ ба шаҳодати Шайх Шақиқи Балхӣ чунин маълумот медиҳад: «Дар ин сол (194 ҳ.) Шақиқи Балхии зоҳид дар ғазои Кӯлон... кушта шуд» [72, с. 64]. Содиқхоҷаи Гулшанӣ чунин менависад: «Ҷамъияти аҳолии ин вилоят аз зиёда аз даҳ ҳазор хонавор иборат буда, ҳамаи онҳо тоҷиканд». Ҳамчунин, дар ҳошияи қасабаи Кангурт бо хатти худи муаллиф ва бо ранги сурх ибораи «Куллияи сокинони Кангурт – 10 ҳазор» сабт гардидааст. Аз ин бармеояд, ки дар он давра Данғара тобеи Кангурт буда, аҳолии қисмати шимолии ноҳияи Данғара асосан тоҷиконро ташкил медодаанд [37, с. 546; 13].

Маълумоти муфассал оид ба ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғара аз ҷониби сайёҳ ва муҳаққиқи рус Н. А. Маев [11, с. 349-463; 12, с. 130-280] оварда шудааст. Н.А. Маев соли 1975 аз самти чапи дарёи Вахш (ки ба ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғара рост меояд А.С.) убур намуда, доир ба Пули Сангин, деҳаҳои Кӯли Суфиён, Талхоб, Гули Зиндон ва ҳамчунин, дар бораи табиати кӯҳии Себистон маълумоти ҷолиб додааст. [11, с. 349-463]

Дар бораи ҳудуди бекии Балҷувон ва сарзамини имрӯзаи Данғара маълумоти муфассали дигарро метавон дар асари сайёҳ ва ҷуғрофиёдони рус В. И. Липский таҳти унвони «Бухорои кӯҳӣ» *(Горная Бухара)* пайдо кард [10, с. 268]. Дар ин асар муаллиф аз деҳаҳои Кангурт, Пушинг, Сангтӯда, ҳамчунин аз табиати зебои минтақа ва пистазорҳои Данғара ёдовар шудааст.

А.В. Нечаев низ соли 1908 аз даштҳои Данғара гузашта, натиҷаҳои сафар ва таассуроти худро дар асараш «Дар Бухорои кӯҳӣ» («По горной

Бухаре») баён намудааст. Ӯ дар бораи деҳаҳои Сангтӯда ва Саргазон маълумоти муфассал дода, ҳатто аксҳои ин деҳаҳоро дар асараш ҷой додааст. Нечаев Дашти Данғарароро Саргазон номида, онро ҳамчун чарогоҳи васеъ, пуралаф ва дорои чорвои зиёд, ҳамчунин, кӯҳи Морон (Ҷелонтоғ)-ро ҷойи серҷангал ва зебо тавсиф намудааст [15, с. 67].

Маълумоти мазкур на танҳо арзиши таърихию ҷуғрофӣ дорад, балки барои омӯзиши тағйироти топонимӣ (ҷойномӣ), роҳҳои қадимаи тиҷоратӣ ва тарзи ҳаёти аҳолии минтақаи Данғара дар нимаи дуюми асри XIX низ аҳаммияти илмӣ доранд.

Дар таҳқиқи масъалаи тақсимоти маъмурӣ ва муаянсозии ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғара дар ибтидои асри XX саҳми муҳаққиқон А.Е. Снесарёв [64], С.С. Юнусов [73], Ҷ.Ҳ. Талбаков [67] ва Х.М. Муҳаббатов [53] назаррас мебошад. Олими рус А.Е. Снесарёв соли 1906 таҳқиқоти ҷуғрофӣ ва оморӣ дар хусуси қаламрави Данғара анҷом додааст [64, с. 17], ки он, асосан, ба омӯзиши қисматҳои кӯҳии Аморати Бухоро (Бухорои Шарқӣ) бахшида шуда буд. Дар асари ӯ маълумоти ҷуғрофӣ дар бораи роҳҳои тиҷоратӣ, пулҳо ва ағбаҳои минтақа оварда шуда, ҳамчунин ҳудудҳои бекии Қаротегин, Дарвоз ва қисматҳои Кӯлобу Балҷувон муайян гардида буданд, ки ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғара ба онҳо дохил мешуд.

С.С. Юнусов оид ба таърихи маъмурию ҳудудии ноҳияи Данғара чунин менависад: «Масоҳати имрӯзаи Данғара асосан ба бекии Балҷувон ва қисман ба бекии Кӯлоб тааллуқ дошта, ҳамроҳ бо дигар навоҳии водиҳои Ҳисор ва Вахш ба минтақаи “Бухорои Шарқӣ” дохил мешуд ва таҳти ҳокимияти Аморати Бухоро қарор дошт. Ҳудуди имрӯзаи ноҳия аз рӯйи тақсимоти маъмурӣ ба се амлокдорӣ – Пушинг, Тутқавул ва Олимтой ҷудо гардида буд. Амлокдориҳои Пушинг ва Тутқавул ба бекии Балҷувон мансуб буда, амлокдории Олимтой ба бекии Кӯлоб тааллуқ

дошт. Аз миёни ин амлокдориҳо Пушинг калонтарин ба шумор рафта, дорои аҳаммияти бештари ҷуғрофию маъмурӣ будааст» [73, с. 14].

Муаллиф, ҳамзамон, таъкид менамояд, ки ноҳияи Данғара дар гузашта аз лиҳози сохтори маъмурӣ ва амлокдорӣ бо минтақаҳои таърихии Балҷувон ва Кӯлоб робитаи зич дошта, ҷойгиршавии ҳудудии он бо манотиқи муҳимми водиҳои Ҳисор ва Вахш ва низоми идории Аморати Бухоро ҳамоҳанг будааст. Ба андешаи ӯ тақсимоти амлокдориҳои Пушинг, Тутқавул ва Олимтой на танҳо хусусиятҳои ҷуғрофии ноҳияро инъикос менамуд, балки аҳаммияти маъмурию иқтисодии онро низ нишон медод [73, с. 14].

Таҳқиқи таърихӣ нишон медиҳад, ки ин минтақа на танҳо аҳаммияти ҷуғрофӣ ва иқтисодӣ дошт, балки дар роҳҳои тиҷоратии Бухорои Шарқӣ нақши муҳимми стратегӣ ва фарҳангӣ бозидааст. Ҷойгиршавии кӯҳҳо ва даштҳои ноҳия барои муҳофизати аҳолӣ ва рушди фарҳанги маҳаллӣ аҳаммияти зиёд доштааст, ки ин омилҳо ба ташаккули анъанаҳо ва шароити зиндагии аҳолӣ таъсир расониданд.

Мувофиқи таҳқиқоти баъдии таърихӣ пас аз таъсиси Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ (ИҶШС), соли 1926 дар шаҳри Тошканд асаре таҳти унвони «Ноҳиябандии Осиёи Миёна» чоп шуд, ки яке аз ҷилдҳои он ба таҳқиқи таърихи Бухорои Шарқӣ бахшида шуда буд [66, с. 20-79]. Аз рӯи маълумоти ин сарчашма, дар солҳои 1921–1924 ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғара ба ҳайати бекии Балҷувон ва тумани Кангурт дар вилояти Кӯлоб дохил мешуд [66, с. 20].

Дар давраи солҳои 1930-1932 Данғара дар ҳайати ноҳияи Кангурт қарор дошт, вале бо қарорҳои нави маъмурӣ, 8-уми июли соли 1932 ноҳияи мустақили Данғара таъсис шуд [4, Д.10. – Л.57]. Мувофиқи маълумоти расмӣ, қаламрави ноҳия то соли 1936 ба номи Оқсу (Ёхсу) маъруф буд [139, с, 34]. Ба ҳайати он Оқсу (Ёхсу), Булён, Иғрон, Макеев ва Сангтӯда дохил мешуданд [68, с. 270].

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ноҳияи Данғара дар авҷи ташаккули маъмурии Шуравӣ пай дар пай тақсимоти нав дучор гардида, аз бекии Балҷувон ва тумани Кангурт ҷудо шуда, дар соли 1932 ҳамчун ноҳияи мустақил таъсис ёфт. Истифодаи номҳои гуногун, аз ҷумла Оқсу (Ёхсу), барои қаламрави Данғара то соли 1936, нишондиҳандаи равандҳои идории пайваста (динамикӣ) ва ташаккули ҳокимияти маҳаллӣ дар Осиёи Миёна мебошад.

Мувофиқи таҳқиқоти Ҷ.Ҳ. Талбаков ва Х.М. Муҳаббатов, ноҳияи Данғара то соли 1938 ба гурӯҳи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дохил мешуд. Дар давраҳои баъдӣ сохти маъмурии он чанд бор тағйир ёфт: солҳои 1944–1947 дар ҳайати вилояти Қӯрғонтеппа, солҳои 1947–1955 ва 1974–1992 дар ҳайати вилояти Кӯлоб қарор дошт. Аз соли 1955 то соли 1973 Данғара дубора ба зумраи ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ дохил гардид [67, с. 178]. Бо тағйироти навбатии маъмурӣ дар соли 1993 мувофиқи маълумоти Х.М. Муҳаббатов, вилоятҳои Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа муттаҳид гардида, вилояти Хатлон ташкил ёфт, ки ноҳияи Данғара низ ба ҳайати он шомил шуд [53, с. 20,] Аз ҷиҳати ҷуғрофӣ Данғара бо ноҳияҳои Норак, Темурмалик, Восеъ, Ёвон, Абдурраҳмони Ҷомӣ, Леваканд, Кӯшониён, Вахш ва Фархор ҳамсарҳад буда [182, с. 15], масоҳати умумии он 2,1 ҳазор км$^2$-ро ташкил медиҳад.

Таҳлили тағйири маъмуриву ҷуғрофии ноҳияи Данғара як воҳиди маъмурӣ дар таърихи муосир борҳо мавқеи худро дар сохтори идории кишвар иваз намудааст, ки ин раванд ба ташаккули устувори воҳидҳои маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон иртиботи наздик дорад. Имрӯз ноҳияи Данғара ҳамчун воҳиди муҳимми вилояти Хатлон бо мавқеи ҷуғрофӣ, имкониятҳои иқтисодӣ ва захираҳои табиӣ аҳаммияти стратегии миллӣ дорад.

Ҳоло ноҳияи Данғара яке аз марказҳои босуръат рушдёбандаи вилояти Хатлон ба шумор меравад. Дар он соҳаҳои кишоварзӣ, саноатӣ

ва инфрасохтори босуръат рушд доранд. Илова бар ин, мавҷудияти муассисаҳои таълимӣ, аз ҷумла, Донишгоҳи давлатии Данғара, ноҳияро ба як маркази асосӣ илмӣ ва фарҳангӣ табдил додааст.

Ф.Ф. Салимзода оид ба воҳиди маъмурию ҳудудии ноҳияи Данғара чунин менависад: «Мувофиқи маълумоти Идораи омори ноҳияи Данғара, воҳиди маъмурию ҳудудии ноҳия ҳоло аз 1 ҷамоати шаҳрак ва 8 ҷамоати деҳот иборат мебошад. Маркази маъмурии ноҳия – шаҳраки Данғара аст. Ҳар як ҷамоат дорои марказ ва як қатор деҳаҳои тобеъ буда, сохтори маъмурии ноҳияро чунин ташкил медиҳад:

1. Ҷамоати деҳоти Лолазор, марказаш деҳаи Чорсада.
2. Ҷамоати деҳоти Лоҳур, марказаш деҳаи Тоҷмаҳал.
3. Ҷамоати деҳоти Пушинг, марказаш деҳаи Алиҷон.
4. Ҷамоати деҳоти Исмат Шарифов, марказаш деҳаи Хуррамзамин (собиқ Ҷартеппа).
5. Ҷамоати деҳоти Корез, марказаш деҳаи Рахшонзамин (собиқ Данғараи Боло).
6. Ҷамоати деҳоти Себистон, марказаш деҳаи Себистон.
7. Ҷамоати деҳоти Ёхсу, марказаш деҳаи Файзбахш.
8. Ҷамоати деҳоти Сангтӯда, марказаш деҳаи Гулистон» [181, с. 19].

Аз ин тақсимоти маъмурӣ маълум мешавад, ки ноҳияи Данғара дорои низоми васеи ҷамоатҳо ва деҳаҳо мебошад, ки дар маҷмуъ низоми муназзами идоракунии маъмуриро ташкил медиҳанд. Ҳар ҷамоат аз нигоҳи масоҳат, шумораи аҳолӣ, имконияти истеҳсолӣ ва захираҳои табиӣ хусусиятҳои ҷуғрофию иҷтимоии хосси худро дорад, ки дар рушди иқтисодиву иҷтимоии ноҳия нақши муҳим мебозанд.

Таҳлили сохтори маъмурию ҳудудии ноҳияи Данғара нишон медиҳад, ки ин ноҳия дорои низоми идоракунии муназзам, инфрасохтори рушдёфта ва пойгоҳи устувори иҷтимоиву иқтисодӣ мебошад. Ҷойгиршавии мутаносиби ҷамоатҳо ва гуногунрангии захираҳои табиӣ имкон медиҳад,

ки ноҳия ба яке аз марказҳои стратегӣ ва муҳимми рушди устувори вилояти Хатлон табдил ёбад.

Ҳамин тариқ, ноҳияи Данғара аз лиҳози мавқеъи ҷуғрофӣ ва ҷойгоҳи он дар таърихи минтақа хеле муҳим мебошад. Масъалаҳои ҷуғрофии ноҳия аз лиҳози табиат, захираҳои табиӣ ва заминҳои корам ва зист мусоид, дар миёни дигар манотиқи кишвар бо хусусиятҳои худ махсусан, омезиши талу теппаҳо ва пастхамиҳои гуногун бо заминҳои ҳамвору фарох, ки дар ҳудуди Тоҷикистону Афғонистон камназир аст, барои дарки манзараи ҷуғрофии ноҳия ва муқоисаи он бо дигар манотиқи кишвар, муфид арзёбӣ мегардад. Аз лиҳози таърихӣ бошад, ноҳия борҳо бо номҳои гуногун ва мавзеъҳои таърихии ба он алоқаманд дар сарчашмаҳо ва адабиёти мухталифи илмӣ ёдгардида мавриди баррасӣ қарор гирифтааст. Имрӯз ноҳияи Данғара ба яке аз навоҳии рушдкардаи вилоят ва ҷумҳурӣ табдил меёбад.

## 1.2. Марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара

Таърихи халқи тоҷик дар заминаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ асос ёфта, мероси сершумори гузаштагони халқи тоҷик сарчашмаи муътамад барои дарки муҳитарин масоили ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва сиёсии, на танҳо Осиёи Марказӣ, балки дар сатҳи ҷомеаи башарӣ низ мебошад. Ноҳияи Данғара яке аз он воҳаҳое мебошад, ки дар он нишонаҳои ҳаёт оғоз аз замони аҳди санг мушоҳида мегарданд. Гуфтаҳои моро бозёфтҳои бошишгоҳҳои давраи асри санг, ки дар ҳудуди ноҳияи Данғара кашф шудаанд, тасдиқ мекунанд.

Данғара аз ҷумлаи минтақаҳои бостонии тоҷикнишин ба шумор меравад, ки дар қаламрави он осори муҳимми таърихию фарҳангӣ аз давраҳои гуногун ба қайд гирифта шудаанд. Дар ғорҳои кӯҳии ин минтақа нишонаҳои ҳаёти инсон дар давраи палеолити боло муайян гардидаанд, ки тахминан аз 100 то 40 ҳазор сол муқаддамро дар бар мегиранд [152, с. 119]. Ҳамзамон, далелҳои аз масканҳо ва ҷойҳои дафн дар водии оби Тоҳир ёфтшуда ба давраи тақрибан 4 ҳазорсолаи пеш аз мелод мансубанд [2-М, с. 147].

Муаррих Ғ. Ғоибов дар асоси сарчашмаҳои ҷуғрофиёшиносони араб оид ба шаҳри Тамлиёт чунин менависад: «Шаҳри бостонии Тамлиёт дар масофаи 24 км (4 фарсах) аз Пули Сангини болои рӯди Вахш ҷойгир будааст (расм 1). Ба андешаи ӯ, ин шаҳр дар мавзеи Қалъаи Золи Зард, наздики деҳаи имрӯзаи Корез, қарор доштааст. Харобаҳои боқимондаи ин шаҳр хусусиятҳои меъмории асримиёнагиро нишон медиҳанд, ки барои таҳқиқи шаҳрсозӣ дар давраҳои қабл аз ислом аҳаммияти хос доранд» [38, с. 25].

Ҳамзамон, дар асоси натиҷаҳои таҳқиқот таъкид мегардад, ки маълумоти овардашуда дар баъзе сарчашмаҳо аз лиҳози муайян кардани масофа саҳеҳ нест ва дар ин замина эҳтимоли носаҳеҳии ҳисобҳои ҷуғрофӣ

вуҷуд дорад. Ба андешаи муҳаққиқ, Тутқавул бо шаҳри бостонии Тамлиёт робитаи таърихӣ дошта метавонад.

Ба иттилои манбаъ, «Харобаҳои ин шаҳр (Тамлиёт – А.С.) то ҳол дар сатҳи баландии назаррас қарор дошта, осори шаҳракҳои асримиёнагӣ дар онҳо хуб эҳсос мешаванд» [170, с. 113]. Академик Юсуфшо Яқубов таърихи ноҳияи Данғараро мавриди таҳқиқ қарор дода, менависад: «Дар сарчашмаҳои асрҳои XIV–XVI ин мавзеъ бо номи Дашти Кӯлак зикр ёфтааст. Ба эҳтимоли зиёд Кӯлаки зикршуда ҳамон кӯле мебошад, ки дар маркази харобаҳои Қалъаи Золи Зард ҷойгир аст, зеро дар ин атроф кӯли дигар ба қайд гирифта нашудааст» [171, с. 4].

Таҳқиқоти бостоншиносӣ нишон медиҳад, ки дар ҳамин давра шаҳракҳои Булёни Боло, Булёни Поён, Пушинг ва Кангурт ба ҳайси марказҳои калон ва ободи ин минтақа шомил мегаштанд. Номи аслии Булёнҳо – Буроб будааст, ки бо номи қадимии оби Тоҳир иртибот дорад. Гумон меравад, ки вожаи Буроб маънои «оби бурранда» ё «оби шикананда»-ро дорад, яъне обе, ки заминро буридааст. Аз ҳамин реша номи деҳаҳои Булён, ки дар соҳили рости Оби Тоҳир ҷо гирифтаанд, ба вуҷуд омадааст [174, с. 2].

Данғара, дар асрҳои XIV–XVI яке аз марказҳои муҳимми фарҳангӣ ба шумор мерафт. Дар ин хусус боқимондаҳои ёдгориҳои меъмории Мавлоно Тоҷиддин, Маҷмааи назди чашма, сағонаҳои аз хишти пухтаи Булёни Поён, ҳамчунин харобаҳои шаҳракҳои асрҳои XII–XIX дар худи шаҳри Данғара ва Пушинг гувоҳӣ медиҳанд.

Дар асрҳои XIV–XV дар ин минтақа яке аз намояндагони маъруфи тариқати Нақшбандия, шогирди Хоҷа Баҳовуддин – Мавлоно Тоҷиддини Дашти Кӯлакӣ зиндагӣ мекард. Ба зиёрати ӯ шахсони зиёде, аз ҷумла Амир Темур ва Хоҷа Аҳрори Валӣ ташриф овардаанд.

Дар ҳамин давра Данғара ба як шаҳри калон мубаддал гардида, беш аз 50 гектар масоҳатро фаро мегирифт. Шаҳр дорои мадрасаҳо,

масҷидҳои панҷвақта ва ҷомеъ, бозор, корвонсаройҳо, ҳаммомҳо ва устохонаҳои кулолгарӣ бо боқимондаҳои хумдонҳо барои истеҳсоли зарфу хишт буд [172, с. 3].

Дар асоси таҳлилу барассии маводди бостоншиносӣ, марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории ноҳияи Данғараро метавон ба чунин давраҳо тақсим намуд.

**1. Давраи аввал: Марҳилаи ибтидоии иктишофӣ (1942–1950).** Ин марҳиларо метавон оғози таҳқиқоти ёдгориҳои таърихию бостоншиносӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара шумурд. Хусусияти асосии давра дар ташаккули аввалин тасаввуроти илмӣ, сабти муқаддамотии мавқеъ ва хусусиятҳои умумии ёдгориҳо, корҳои саҳроии ҷустуҷӯӣ ва ҷамъоварии маълумоти ибтидоӣ аз манобеи шифоҳӣ ва мушоҳидавӣ ифода меёбад.

Заминаи аввалини омӯзиши илмии ёдгориҳои таърихии Данғара аз соли 1942 оғоз мегардад, ки дар он экспедитсияи Институти таърих, забон ва адабиёти филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои Иттиҳоди Шуравӣ бо роҳбарии олимон Б.И. Ниёзмуҳаммадов, С. Бурҳонов ва П.И. Смоличев корҳои ҷустуҷӯӣ ва сабти саҳроӣ анҷом доданд [142, с. 93-107]. Ин таҳқиқот дар шароити Ҷанги Бузурги Ватанӣ (ҶБВ) ва маҳдудияти захираҳои илмӣ сурат гирифта бошанд ҳам, як қадами муҳим дар ташкили пойгоҳи маълумоти илмӣ дар бораи таърихи ин минтақа ба ҳисоб меравнд.

Дар ҷараёни корҳои саҳроӣ гурӯҳ баъзе ёдгориҳои бостоншиносиро дар ҳудуди ноҳия пайдо карда, онҳоро ба қайд гирифтанд. Маълумоти бадастомада аз ҳамсуҳбатӣ бо сокинони маҳаллӣ, мушоҳидаи мустақим ва муқоисаи топографӣ (андозагирии замин) ба даст омада буданд. Дар ин миён се шаҳрак: яке бо номи худи Данғара дар маркази ноҳия ба қайд гирифта шуд; дуюм, мақбараи Мавлоно Тоҷиддин дар наздикии деҳаи Корез, харобаи Золи Зард дар канори деҳаи Чоркӯл ва сеюм шаҳраки Ёхсу (Вахшу) дар шимоли деҳаи Паркамчӣ, ҳамчунин қӯрғонҳои сангӣ дар

атрофи деҳаҳои Сангтӯда ва Хуррамзамин (собиқ Ҷартеппа А.С.) сабт гардиданд. Ин маълумот на танҳо дорои аҳаммияти илмӣ, балки барои муайян сохтани харитаи таърихии минтақа низ муҳим буданд.

Маводди бадастомада баъдтар аз ҷониби П.И. Смоличев дар шакли мақолаи алоҳида нашр гардид [142, с 93- 107], ки онро метавон аввалин маълумоти чопшудаи илмӣ дар бораи ёдгориҳои Данғара арзёбӣ кард. Гарчанде ки ин мақола дар шакли илмӣ – оммавӣ навишта шуда аст, вале дар асоси он маълумоти илмӣ дар бораи мавҷудияти ёдгориҳои бостонӣ ва меъмории ноҳия вуҷуд дорад.

Соли 1950 бостоншинос Н.Н. Забелина дар доираи барномаи ҷустуҷӯии васеътар корҳои саҳроиро дар ҳудуди ноҳияи Данғара анҷом дод. Аммо, мутаассифона, натиҷаҳои таҳқиқи ӯ ба таври расмӣ ва мукаммал нашр нагардиданд. Бо вуҷуди ин, тибқи маълумоти ғайримустақим пажӯҳишҳои ӯ дар муайянсозии шумора ва навъи баъзе ёдгориҳои иловагӣ муҳим буданд.

Солҳои 1942-1950 ҳамчун давраи ташаккули пояҳои аввалини дониши илмӣ оид ба ёдгориҳои Данғара арзёбӣ мешавад. Ҳарчанд ин таҳқиқ дар ин давра бештар хусусияти ҷустуҷӯйӣ ва муқаддамотӣ доштанд, аммо аҳаммияти онҳо дар таърихи илми бостоншиносии Тоҷикистон назаррас аст. Маҳз ҳамин марҳила ба муҳаққиқони давраҳои баъдӣ имкони таҳқиқи амиқ ва густардаро фароҳам овард.

**2. Давраи дуюм: Давраи ҳафриёти мақсадноки ёдгориҳои бостоншиносӣ ва бақайдгирии онҳо (1955–1990).** Хусусияти асосии ин марҳилаи омӯзиш дар он таҷассум меёбад, ки фаъолияти бостоншиносӣ дар доираи сиёсати фарҳангии Иттиҳоди Шуравӣ ва ҳамчунин, гузаронидани таҳқиқоти саҳроӣ, сабти ёдгориҳо дар харитаҳо ва таъсиси захираҳои осорхонавӣ ба назар мерасад.

Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ин давра, ки аксаран дар доираи лоиҳаҳои васеи шуравӣ ва ҳамкориҳои байниидоравӣ анҷом мешуданд,

имкон фароҳам оварданд, ки харитаи таърихии ноҳия пурратар гардад ва зиёда аз садҳо ёдгории гуногун, аз аҳди санг то асрҳои миёнаи исломӣ ба қайд гирифта шаванд. Ин таҳқиқот ба муносибати сохтмони Неругоҳи барқи обии Норак ва васеъшавии низомҳои коммуникатсионӣ, барои наҷот ва ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ аҳаммияти ҳалкунанда доштанд.

Таҳқиқоти бостоншиносии ноҳияи Данғара дар соли 1955 аз ҷониби бостоншинос В.А. Ранов идома дода шуд. Вай шаҳраки Пушинги қадимро, ки дар самти шимолу ғарбии деҳаи ҳозираи Пушинг воқеъ аст, аз назар гузаронид. В.А. Ранов дар асоси зарфҳои сафолии ҷамъовардашуда, ки дар байни онҳо сафолҳои сирдор мавҷуд буданд, таърихи шаҳракро ба асрҳои XI-XII мелодӣ мутааллиқ донистааст. Дар наздикии деҳаи Кизилҷар В.А. Ранов боз як ёдгории аҳди сангиро кашф кард [126, с. 107].

Тирамоҳи соли 1956 гурӯҳи кории бостоншиносони ленинградӣ бо сардории А.П. Окладников дар қаламрави Тоҷикистони Ҷанубӣ корҳои бостоншиносӣ гузарониданд. Оид ба натиҷаҳои омӯзишҳои бостоншиносӣ академик А.П. Окладников чунин менависад: «Ҳангоми омӯзиш дар ноҳияи Данғара як қатор ёдгориҳои таърихӣ ба қайд гирифта шуданд, аз ҷумла зистгоҳҳои неолитӣ дар назди деҳаҳои Булёни Поён, Тутқавул, Сойи Сайёд, Қизилҷар, Дашти Мазор (собиқ Хуҷаракӣ), Чашмаи Тор, (собиқ Бошбулоқ) ва Оби Ғиҷовак» [120, с. 11].

Соли 1957 А.П. Окладников таҳқиқоти бошишгоҳи Кӯйи Булёнро оғоз намуд. Ин аввалин ёдгории палеолити боло 40 ҳазор сол дар қаламрави Данғара буд [119, с. 18], ки дар солҳои 1957–1959 мавриди омӯзиши мунтазам қарор гирифт. Баъдан, соли 1987 корҳои кофтуковӣ дар ин бошишгоҳ аз ҷониби Т.Г. Филимонова идома ёфтанд, ки натиҷаҳои он имкони муайян намудани хусусиятҳои асосии давраи неолит дар ҳудуди Данғараро фароҳам оварданд [2-М, с. 148]. Солҳои 1958–1959, дар баробари ковиши бошишгоҳи Кӯйи Булён, А.П. Окладников корҳои

таҳқиқотиро дар ҳудуди ноҳияи Данғара низ идома дод. Дар натиҷаи ин таҳқиқот, ӯ дар наздикии деҳаи Саргазон бошишгоҳеро ошкор намуд, ки эҳтимол, аз рӯйи ҷойгиршавии қабатҳои соҳилӣ ба давраи палеолити боло мансуб дониста мешавад. Илова бар ин, дар наздикии деҳаи Ёхсу (Вахшу) ва деҳаи Хуррамзамин (собиқ Ҷартеппа) низ бошишгоҳҳои маданиятии намуди Ҳисор муайян гардиданд [2-М, с. 148]. Кашфиёти мазкур аҳаммияти илмӣ дошта, далели густариши васеи маданияти қадимӣ дар ҳудуди Данғара мебошанд ва барои барқарорсозии тасвири умумии марҳилаҳои ташаккули инсони ибтидоӣ дар ҷануби Тоҷикистон заминаи боэътимод фароҳам меоранд.

Солҳои 1957 ва 1958 В.А. Ранов ва Э.А. Юркевич харобаи Тоҷикқалъаро, ки дар ҷануби деҳаи Булёни Поён ҷойгир аст, мавриди таҳқиқ қарор доданд [127, с. 169]. Муаллифон, ҳамчунин, харобаи Кофирқалъаро, ки дар наздикии ҳамин маҳал ҷойгир мебошад, ба қайд гирифтанд. Аз рӯйи ном ва хусусиятҳои умумии ин ёдгорӣ онҳо замони пайдоиши онро ба давраи пеш аз ислом мансуб донистанд. Баъдан, соли 1960 ба муносибати сохтмони Нерӯгоҳи барқи обии Норак дар минтақаи сохтмон ва обанбор корҳои васеи бостоншиносӣ анҷом дода шуданд [127, с. 172]. Натиҷаҳои ин таҳқиқ имкон фароҳам оварданд, ки маълумоти нав дар бораи ёдгориҳои таърихи ноҳия ба даст оварда шавад.

Соли 1960 бостоншинос Э.А. Юркевич боз як бори дигар бошишгоҳи Тутқавулро, ки қаблан аз ҷониби А.П. Окладников ба қайд гирифта шуда буд, мавриди омӯзиш қарор дод [158, с. 148-149]. Дар ҳамин давра, дар мазори маҳаллии деҳаи Дараи Шӯр А.М. Мухторов ва Э.А. Юркевич зерсутуни сангиро, ки ба асрҳои XV-XVII мансуб аст, пайдо намуда, онро барои омӯзиши баъдӣ ба Институти таърих интиқол доданд [158, С. 149]. Ин бозёфтҳо аҳаммияти хоссаи илмӣ дошта, имкон доданд, ки маълумоти иловагӣ дар бораи фарҳанги меъморӣ ва суннатҳои мазҳабии аҳолии минтақаи Данғара дар давраҳои асрҳои миёна ба даст оварда шавад.

Соли 1961 корҳои бостоншиносӣ дар харобаи Тутқавули қадим таҳти роҳбарии Е.А. Юркевич оғоз ёфта, дар натиҷаи ҳафриёт муайян гардид, ки қабатҳои болоии ёдгорӣ ба асрҳои X–XII ва қабатҳои поёнии он ба асрҳои VII–X мансубанд [159, с. 114]. Ҳамзамон бо корҳои ҳафриётӣ дар Тутқавул Е.А. Юркевич таҳқиқоти ҷустуҷӯӣ анҷом дода, дар наздикии деҳаи Челон (дар соҳили чапи сойи Хучаракӣ) бошишгоҳ ва дафнгоҳеро, ки ба давраи охири асрҳои миёна тааллуқ доранд, кашф намуд. Дар асоси ин бозёфтҳо ва таҳлилҳои муфассали таърихию бостонӣ, Е.А. Юркевич ба хулосае омад, ки маҳалли дар сарчашмаҳои хаттӣ зикршуда бо номи «Тамлиёт» маҳз бо харобаи Тутқавул мувофиқат мекунад [159, с. 123].

Соли 1963 таҳқиқот дар харобаи Тутқавул аз ҷониби Т.М. Атаханов идома ёфт. Т.М. Атаханов оид ба натиҷаҳои таҳқиқоти харобаи Тутқавул чунин менависад: «Дар натиҷаи ҳафриёт қабатҳое муайян гардиданд, ки ба асрҳои IX–XII мансубанд. Бо такя ба маълумоти қаблӣ маълум шуд, ки Тутқавул дар асрҳои VII–XII ҳамчун маркази муҳими фарҳангӣ вуҷуд доштааст» [76, с. 52]. Муҳаққиқ аҳаммияти иқтисодию стратегии ин шаҳракро низ таъкид намуда, бо таваҷҷуҳ ба мавқеи ҷуғрофӣ онро як нуқтаи асоси пайвандгари Хутталон бо вилоятҳои шимолӣ ва шарқии Осиёи Миёна арзёбӣ кардааст [76, с. 52]. Чунин таҳқиқот собит месозанд, ки Тутқавул на танҳо аҳаммияти маҳаллӣ, балки дар рушди робитаҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа нақши минтақавӣ доштааст.

Ба шумораи ёдгориҳои муҳимтарини солҳои 60-ум кофтукови ёдгории бисёрқабатаи Тутқавул (солҳои 1963 – 1969) ва Шаҳраки Сайёд (1966–1972) мебошад, ки барои омӯхтани маданияти давраи мезолиту неолитии навъи Ҳисор мавқеи муҳим доранд [160, с. 138-147].

Таҳқиқоти В.А. Ранов ва Г.Ф. Коробкова нишон дод, ки ҷамъиятҳои ин минтақа дорои таҷрибаи рушдёфтаи истеҳсоли олоти сангӣ буданд ва дар ҳаёти хоҷагидорӣ марҳилаҳои гузариш аз шикор ва ҷамъоварӣ ба кишоварзӣ ва чорводорӣ ба назар мерасанд.

Дар ҳамин замина корҳои А. Юсупов дар ёдгории Сайёд далелҳои муҳим оид ба рушди маданияти неолитиро ироа намуданд. Ӯ тавонист дар такя ба бозёфтҳои сафолӣ ва олоти сангӣ марҳилаҳои ташаккули маданияти Ҳисорро дақиқтар муайян созад. А. Юсупов, ҳамчунин, нишон дод, ки аҳолии ин минтақа дар тамос ва робитаи доимӣ бо минтақаҳои ҳамсоя қарор дошта, равандҳои фарҳангӣ ва иқтисодӣ, хусусияти минтақавӣ доштаанд.

Ҳамин тавр, хулосаҳои В.А. Ранов, Г.Ф. Коробкова ва А.Х. Юсупов барои барқарор намудани манзараи умумии рушди ҷамъиятҳои ибтидоӣ дар ҷануби Тоҷикистон ва дар маҷмуъ дар ҳудуди Осиёи Марказӣ аҳаммияти калидӣ касб намуда, то имрӯз яке аз асосҳои муҳимми таҳқиқоти бостоншиносӣ дар мавриди маданияти мезолит ва неолити Ҳисор маҳсуб меёбанд.

Соли 1970 гурӯҳи бахши таърихи асрҳои миёнаи Институти таърихи Академияи илмҳои ҶШС Тоҷикистон дар ҷараёни корҳои ҷустуҷӯӣ дар атрофи деҳаи Пушинг ду ёдгории аҳди кушонӣ, қабри асримиёнагӣ ва зерсутуни сангии кандакоришуда бо навиштаҷотро кашф ва аксбардорӣ намуданд. Ин бозёфтҳо ба равшан намудани паҳлуҳои гуногуни ҳаёти мазҳабӣ ва фарҳангии аҳолии давраи Кушониён мусоидат карданд [116, с. 252].

Дар солҳои 1971–1972 бошад, академик Ю.Я. Яқубов маҷмуи биноҳои асримиёнагиро, ки дар доманакӯҳи наздики деҳаи Кибил, (воқеъ дар канори шаҳри Норак) ҷойгир буданд, мавриди омӯзиш қарор дод. Таҳқиқот нишон дод, ки ин биноҳо хусусияти муҳимми меъморӣ ва сохтмонӣ дошта, дар барқарорсозии таърихи иҷтимоиву иқтисодӣ ва фарҳангии минтақа нақши арзанда бозиданд. Ю.Я. Яқубов дар мавриди аҳаммияти бозёфтҳои Пушинг ва Кибил чунин менависад: «Дар маҷмуъ, бозёфтҳои Пушинг ва Кибил аҳаммияти махсуси илмӣ доранд, зеро онҳо имкон фароҳам оварданд, ки маълумоти дақиқтар дар бораи паҳншавии

марказҳои фарҳангӣ ва мазҳабии давраҳои қадим ва асрҳои миёна дар ҷануби Тоҷикистон ба даст оварда шавад» [169, с. 179].

Соли 1971 ва дар чанд мавсими баъдӣ (1972, 1976, 1977) таҳти роҳбарии В.А. Ранов, бо иштироки А.Г. Амосова ва В.А. Жуков яке аз машҳуртарин бошишгоҳҳои давраи мусте дар Осиёи Миёна – Оғзикичик дар наздикии Кӯли Суфиён мавриди таҳқиқ қарор гирифт [75, с. 16-21]. Дар ҷараёни ҳафриёт аз ин ёдгорӣ осори зиёди моддии палеолити миёна, аз ҷумла, асбобҳои сангӣ, устухонҳои ҳайвоноти шикорӣ ва далелҳои марбут ба тарзи зиндагии инсонҳои қадим ба даст оварда шуданд. Натиҷаҳои ин таҳқиқ аҳаммияти назаррас дошта, Оғзикичикро ба сифати яке аз нуқтаҳои калидӣ дар омӯзиши паҳншавӣ ва рушду ташаккули маданияти мустеии Осиёи Миёна муаррифӣ намуданд [129, с. 5-9].

Соли 1972 дар самти шимолии деҳаи Пушинг гурӯҳи бостоншиносии Экспедитсияи Осиёи Миёнаи Донишгоҳи давлатии Маскав таҳқиқоти марбут ба гӯристони асримиёнагиро анҷом дод. Дар натиҷа, зерсутунҳои сангини давраи Кушонӣ дар ҳудуди ҳамин деҳа ба қайд гирифта шуданд, ки онҳо барои омӯзиши маросими дафни аҳолии маҳаллӣ аҳаммияти илмӣ доранд [123, с. 199]. Ҳамин гурӯҳ соли 1973 таҳқиқоти худро идома дода, масҷид ва дигар ёдгориҳои меъмории мавҷуд дар ҳудуди Кангуртро мавриди омӯзиш қарор дод. Натиҷаҳои ин таҳқиқот имкон дод, ки маълумоти дақиқтар дар бораи рушди меъморӣ ва хусусиятҳои фарҳангии минтақа дар асрҳои миёна ба даст оварда шавад. Дар маҷмуъ, корҳои анҷомдодаи экспедитсия саҳми арзандае дар шинохти таърихи иҷтимоӣ ва фарҳангию мазҳабӣ дар ҷануби Тоҷикистон гузоштанд [85, с. 2009-210].

Таҳқиқот дар қаламрави ноҳияи Данғара оид ба ёдгориҳои аҳди бостону асрҳои миёна аз соли 1972 то соли 1984 идома ёфт. Гурӯҳи муҳаққиқон таҳти роҳбарии Е.П. Денисов фаъолият намуда, ҳам ёдгориҳои қаблан зикршударо дубора мавриди омӯзиш қарор дод ва ҳам баъзе ёдгориҳои навро кашф намуд. Ба шумори ёдгориҳои тозакашф, пеш

аз ҳама, Тӯпхона мансуб аст, ки дар қисмати шимолии деҳаи Иғрони Боло ҷойгир буда, аз он ҷо муҳри нодири гилӣ ба даст оварда шуд. Ин бозёфт аз ҷиҳати таърихӣ арзиши хосса дошта, далели равшани рушди робитаҳои маъмурӣ ва фарҳангӣ дар минтақа мебошад [90, с. 225]. Илова бар ин, қалъаи асримиёнагии Чортеппа, боқимондаҳои бинои давраи исломӣ дар деҳаи Шар-Шар, Чашмаи Тор (Торбулоқ), осори Чортов ва баъзе ёдгориҳои замонҳои қадим дар қисмати ҷанубу ғарбии водии Ёхсу кашф гардиданд. Натиҷаҳои ин таҳқиқ нишон дод, ки қаламрави Данғара яке аз марказҳои муҳимми ҳаёти фарҳангӣ ва иқтисодӣ буда, робитаи наздик бо дигар минтақаҳои Осиёи Миёна доштааст [90, с. 227].

Минбаъд низ таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ноҳияи Данғара идома ёфт. Аз соли 1978 корҳои асосии гурӯҳи таҳқиқотӣ ба ҳафриёти қабристони охири асри II то мелод ва асри II мелодӣ, ки дар ҳавзаи дарёи Ксиров ҷойгир аст, равона гардид. Таҳқиқот бо кушодани се қурғон – Ксиров I, II ва III – оғоз ёфта буд. Ҳафриёти аввалин дар гурӯҳи Ксиров III ҳанӯз соли 1977 оғоз шуда, то соли 1981 идома ёфт. Дар натиҷа, тамоми гурӯҳи Ксиров-III, ки иборат аз 25 қурғон аст, пурра омӯхта шуд. Илова бар ин, дар гурӯҳи Ксиров IV, ки 7 қабрро дар бар мегирад, 8 гӯр қисман таҳқиқ гардид. Ҳамчунин, қабрҳои алоҳида дар гурӯҳҳои Ксиров I, II ва V низ мавриди ҳафриёт қарор гирифтанд. Маълумоти ба дастомада нишон дод, ки ин қабристонҳо ба як марҳалаи муҳимми таърихи қабилаҳои маҳаллӣ мансубанд. Бозёфтҳои гуногун, аз ҷумла, ашёи хоҷагӣ, силоҳ, зарфҳои сафолӣ ва ороишоти гуногун, гувоҳӣ медиҳанд, ки аҳолии ин минтақа дорои низоми мураттаби иҷтимоӣ, урфу одатҳои маросимии дафн ва робитаҳои иқтисодиву фарҳангӣ бо дигар минтақаҳои Осиёи Миёна будаанд [90, с. 228-230].

Дар солҳои 70–80-уми асри XX ба муносибати сохтмони обанбори Неругоҳи барқи обии Норак, ин қаламрав мавриди таҳқиқи бостоншиносӣ қарор гирифт. Бостоншинос А.Х. Юсупов оид ба

натиҷаҳои корҳои бостоншиносӣ чунин менависад: «Натиҷаи ин таҳқиқоти бисёрсолаи илмӣ, ки зиёда аз бист сол идома ёфтааст, муайян намудани 143 бошишгоҳи бостониро дар бар мегирад» [164, с. 85–86]. Ин ёдгориҳо ба давраҳои гуногуни таърихӣ мансуб буда, маълумоти арзишмандро аз аҳди санг - аз палеолити миёна то асри биринҷӣ фаро мегиранд. Бостоншинос А.Х. Юсупов дар идома менависад: «Маводди бадастомада имкон дод, ки равандҳои асосии ташаккули фарҳанги бостонии минтақа дақиқтар муайян карда шаванд. Аз ҷумла, бозёфтҳои давраи палеолит далели истиқомат ва фаъолияти тулонии инсон дар водии миёнаи Вахш мебошанд. Ёдгориҳои неолит ва энеолит бошанд, марҳалаҳои гузариш аз хоҷагии ибтидоии истеъмолӣ ба истеҳсолӣ, аз ҷумла рушди чорводорӣ ва кишоварзиро инъикос менамоянд. Осори асри биринҷ низ сатҳи баланди рушди техникаи истеҳсолӣ, истифодаи васеи филиз ва мураккабшавии сохтори иҷтимоиро нишон медиҳад» [164, с. 85–86]. Ҳамин тавр, маҷмуи ёдгориҳои кашфшуда дар ҳавзаи дарёи Вахши Норак на танҳо барои муайян кардани таърихи фарҳанги моддӣ ва зиндагии иҷтимоии аҳолии минтақа аҳаммияти бузург доранд, балки дар омӯзиши марҳалаҳои умумии тамаддуни Осиёи Миёна низ нақши калидӣ мебозанд.

Масканҳои асри санг дар тамоми суфасоҳилҳои даманакӯҳҳо боқӣ мондаанд. Идае аз масканҳо дар қаторкӯҳҳои Гули Зиндон ва минтақаҳои атрофи Кӯли Суфиён ва Чилондара то баландии 200 м аз сатҳи пешини рӯди Вахш ҷойгир шудаанд. Бузургтарин маканҳои ин давра, ки то ба имрӯз мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд, иборатанд аз Теғак (Теғузак), Гули Зиндон, Даҳана, Кӯли Суфиён, Иғрони Боло ва дигар манбаъҳои муҳимми фарҳангии давраи асри санг мебошанд. Ин ёдгориҳо маълумоти арзишмандро дар бораи шаклҳои иқомати инсон, усули истеҳсоли олоти сангӣ ва тарзи зиндагии ҷамъиятҳои ибтидоӣ фароҳам меоранд. Мавқеи ҷуғрофии масканҳо дар доманакӯҳҳо ва наздикии рӯдҳо нишон медиҳад,

ки аҳолии ин минтақа роҳҳои обёрӣ ва манбаъҳои обиро дар ҳаёти худ самаранок карданд [130, с. 11].

Баҳори соли 1974 А.Х. Юсупов ва Т.Г. Филимонова дар мавзеъҳои Себистон, қад-қади қаторкӯҳҳои Гули Зиндон корҳои ҷустуҷӯӣ анҷом дода, дар манотиқи Иғрони Боло ва Поён, Кӯли Суфиён ва Гули Зиндон чанд бошишгоҳи неолитро пайдо карданд. Ҳамчунин, корҳои ҷустуҷӯиро дар соҳили рости оби Тоҳир то деҳаи Кангурт идома доданд [166, с. 222].

Соли 1978 таҳти роҳбарии А.Х. Юсупов ва П.Т. Самойлик дар бошишгоҳи неолити Теғузак (Теғак А.С.) корҳои ҳафриётӣ гузаронида шуданд. Дар ин ҷараён 16 гумонаи омӯзишӣ кашф гардид, ки майдони васеи таҳқиқро фаро мегирифтанд. Маводди ба дастомада то ҳол нашр нашудаанд. Дар рафти ҳафриёт дар Теғузак, ба ғайр аз бозёфтҳои неолитӣ, қабатҳои марбут ба давраи биринҷӣ низ муайян шуданд. Аз соли 1979 то 1981 ҳафриёти қабатҳои биринҷӣ дар ҳамин ёдгорӣ бо раҳбарии Л.Т. Пянкова идома ёфт. Натиҷаҳои ин таҳқиқ нишон доданд, ки ёдгории Теғузак на танҳо аҳаммияти муҳим дар омӯзиши маданияти неолит дорад, балки марҳалаҳои ибтидоии асри биринҷро низ равшан месозад, ки барои таҳлили рушди иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии аҳолии давраҳои қадим дар водии Данғара муҳим мебошад [125, с. 350].

Соли 1978 гурӯҳи экспедитсияи Тоҷикистони Ҷанубӣ таҳти роҳбарии бостоншинос Н.М. Виноградова ба кофтукови бошишгоҳҳои асри биринҷӣ дар наздикии деҳаи Кангурттут оғоз намуд. Ин деҳкада аввалин бор аз ҷониби Ғулом Ёрбобоев муайян шуда буд. Ҳафриётҳо дар Кангурттут то соли 1990 идома ёфтанд. Натиҷаҳои таҳқиқ нишон дод, ки бошишгоҳ бисёрқабата ва ҳудудҳои васеи иқоматӣ дорад, ки марҳалаҳои гуногуни рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолии асри биринҷро инъикос менамоянд. Ин таҳқиқ саҳми арзандае дар омӯзиши тамаддуни ибтидоии

минтақаи ҷануби Тоҷикистон ва робитаҳои он бо минтақаҳои ҳамсояи Осиёи Миёна доштанд [81, с. 74].

Дар вақти кофтукови бостоншиносӣ дар Кангурттут дар зери дафнҳои асри биринҷӣ боз қабати неолитӣ низ дарёфт шуд. Соли 1987 В.А. Ранов ва Т.Г. Филимонова ба таҳқиқи ин қабат шуруъ карданд. Ҳафриёти бостоншиносӣ аз соли 1988 то соли 1990 давом кард [132, с. 69].

Дар солҳои 90-ум Н.М. Виноградова ба омӯзиши ёдгории дигари асри биринҷӣ бо номи Тошгузар машғул гардид. Ёдгории асри биринҷии Тошгузар соли 1990 дар ҳавлии як сокини маҳаллӣ В. Маҳмудов кашф ва кушода шуд [83, с. 242].

Таҳқиқи ин ёдгорӣ имкон дод, ки хусусиятҳои сохтори қабатҳо, воситаҳои истеҳсолӣ ва тамоюлҳои мадании аҳолии маҳаллӣ дар асри биринҷ равшантар муайян гарданд. Бозёфтҳои Тошгузар нақши илмӣ дар омӯзиши паҳншавии маданияти биринҷӣ дар ноҳияи Данғара ва робитаҳои он бо минтақаҳои ҳамсояи Осиёи Миёна доранд.

Ҳамин тавр, солҳои 1955–1990 дар ноҳияи Данғара ҳамчун марҳилаи таҳқиқоти низомнок ва саҳроии васеъ ба ҳисоб меравад, ки бо таъсиси пойгоҳҳои илмӣ, ҷамъоварии муназзами мавод ва таҳлили амиқи фарҳангҳои гузашта фарқ мекунад. Рӯйхати ёдгориҳои бостоншиносӣ ба таври назаррас васеъ гардид ва қисми муҳимми ин мавод ба захираҳои осорхонавии ҷумҳурӣ ва Иттиҳоди Шуравӣ ворид шуд. Маводди ҷамъоварда то имрӯз асоси таҳқиқоти таърихию фарҳангии минтақаи Данғараро ташкил медиҳанд.

Қайд кардан зарур аст, ки гарчанде ин муҳаққиқон, асосан, ба омӯзиши ёдгориҳои давраи асри санг ва биринҷ машғул буданд, онҳо, ҳамзамон ба ёдгориҳои марбут ба асрҳои миёна низ таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ҷумла, аз ёдгориҳои ба давраи асрҳои миёна мансуб, ки дар ин давра мавриди таҳқиқ қарор гирифта буданд, метавон Тоҷикқалъа, Чортеппа ва маҷмааи Иттиҳод (1-5) ва ғайраро ном бурд.

**3. Давраи сеюм: «Давраи эҳё ва рушди таҳқиқи мустақил дар даврони истиқлол» (1997-2022).** Давраи истиқлол бо густариши пажӯҳишҳои ватанӣ, афзоиши таваҷҷуҳи ҷомеа ва ниҳодҳои давлатӣ ба мероси таърихӣ, татбиқи барномаҳои муҳофизат, тармим ва муаррифии ёдгориҳо, ҷалби мутахассисони соҳа ва шуруи ҳамкориҳои байналмилалӣ тавсиф мешавад.

Солҳои 1997–1998 таҳти роҳбарии меъмор Н. Валиев ва бостоншинос Н. Ахмедов, аз ҷониби Муассисаи давлатии илмӣ-истеҳсолии Вазорати фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон, омӯзиши ёдгориҳои меъмории ноҳияи Данғара анҷом шуд (маводди мазкур то ҳол нашр нашудааст).

Солҳои 2006-2007 дар робита ба бунёди Нерӯгоҳи барқи обии Сангтӯда бо роҳбарии Т.Г. Филимонова гурӯҳи махсуси бостоншиносӣ таъсис шуд. Вазифаҳои гурӯҳ таҳқиқи пурраи ёдгориҳои таърихии дар минтақаҳое, ки ҳангоми сохтмони НБО-и Сангтӯда I зери об мемонад дар бар мегирифт. Ин корҳо идомаи таҳқиқи қатъшудае буданд, ки И. Маслов дар соли 1991 оғоз намуда буд. И. Маслов дар ин ҷо қалъаи ибтидои асримиёнагии Сари Купрукро қисман таҳқиқ карда буд. Дар солҳои 2000-ум боқимондаҳои қалъа, қабристони асри биринҷӣ, ки дар қабати боло ҷойгир аст, ғорҳо дар канори сойи Осиёб, харобаи ёдгории асримиёнагии Ғазако ва дигар объектҳо бозомӯзӣ шуданд [149, с. 55].

Солҳои 2007–2008 аз ҷониби гурӯҳи бостоншиносии Данғара (зери роҳбари Т.Г. Филимонов) кофтукови ёдгории бисёрқабатаи Теғузак идома ёфт.

Солҳои 2009–2010 вазифаи асосии экспедитсия тартиб додани харитаи бостоншиносии ноҳияи Данғара буд [149, с. 55-56]. Бо ин мақсад, гурӯҳ қисмҳои шимолӣ, шимолу ғарбӣ ва шимолу шарқии ноҳияи Данғараро муфассал таҳқиқ намуд. Кори тартиб додани харитаи бостоншиносии ноҳия дар ду самт гузаронида шуд:

**Якум:** ёдгориҳои аллакай маълум бо мақсади гирифтани маълумоти иловагӣ оид ба таҳияи нақшаҳои ёдгориҳои ҳафриётшуда, аксбардории соҳаҳо, нақшаҳои топографӣ (андозагирии замин) аз нав дида баромада шуданд.

**Дуюм:** ҷустуҷӯйи ёдгориҳои нав дар қаламравӣ ноҳия гузаронида шуд ва дар натиҷа, 53 ёдгории нав кашф гардиданд [149, с. 55].

Соли 2018 таҳти сарварии Ю.Я. Яқубов дар бозёфти номаълуми Т.Г. Филимонова дар ҳавлии М. Бозоров ҳафриёт гузаронида шуд. Дар натиҷаи ҳафриёти бостоншиносӣ маълум шуд, ки ин боқимондаи хумдони хиштпазии асрҳои XIII – XVII мебошад. Хиштҳои пухтаи Мазори чашма, мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ва дигар меъмориҳо аз ин хумдон мебошад.

Соли 2019 Экспедитсяи якҷояи Тоҷикистону Фаронса барои омӯзиши ёдгориҳои замони давлатдории Юнону Бохтарӣ ташкил шуд. Экспедитсияро аз ҷониби Тоҷикистон академик Ю.Я. Яқубов ва аз ҷониби Фаронса Матилд Желин роҳбарӣ намуданд. Экспедитсия омӯзишро аз деҳаи Пушинг оғоз намуд, зеро дар гузашта Пушинг яке аз деҳаҳои қадим ва калони ноҳияи Данғара ба шумор рафта, дар домани кӯҳҳои Вахш, дар баландии 1100 м аз сатҳи баҳр ҷойгир аст. Калимаи Пушинг хеле қадим буда, аз ду бахш: «пуш(т)» ва «инг» иборат мебошад. Бахши аввал «пуш» ба маънои пун - поён омада, бахши дувум «инг» ба маънои баландӣ, яъне деҳаи дар поёни баландӣ будаpo ифода мекунад. Деҳаи қадимаи Пушинг имрӯз ба гӯристон табдил дода шудааст ва аз ду бахш Пушинг 1 ва 2 иборат мебошад. Аз байни деҳа оби Чорчашма, ки дар қадим дарёча буд онро, ба ду бухш ҷудо менамояд.

Академик Ю.Я. Яқубов соли 1970 ҳамроҳи Б.А. Литвинский аз харобаи Пушинг дидан намуда, зерсутунҳои асрҳои III–I пеш аз мелод ва I–III мелодӣ аз ҷинси оҳаксангро тарошида, дар гӯристон парешон дида, дар ин бора ба А. Мухторов гуфта буд ва соли 1973, меъмор В.Л. Воронина ба он ҷо сафар намуда, дар бораи зерсутунҳо ва сарсутуни Пушинг ва масҷиди асрҳои XIX ва ибтидои асри XX–и маҳаллаи

Давлатшоён ҷамоати деҳоти Кангурт мақолае навиштааст [170, с. 109-110].

Дар аввали моҳи декабри соли 2019 Ю.Я. Яқубов ва диссертант ду сафар ба деҳаи Пушинг доштанд. Дар сафари якум ҳамроҳи Президанти Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, академик Фарҳод Раҳимӣ аз харобаи қадими Пушинги 1 дидан намуда, бо сафолпораҳои дар болои турбати гӯрҳои навканда, ки ба асрҳои гуногун ва зерсутуни сангии замони бостон (антиқа) ва гаҳворасангҳои болои гӯрҳои асрҳои XV-XVI нисбат дошта шинос шуданд (расми 2). Харобаи Пушинг аз ду бахш иборат аст. Бахши якум аз 12 га масоҳат дорад. Дар сафари дуюми илмӣ, Экспедитсияи якҷояи Тоҷикистону Фаронса аз 2-юм то 12-уми моҳи декабр давом дошт, бахши дуюми харобаи қадими Пушингро таҳқиқ намуданд. Ин бахш беш аз 20 га буда, аз кӯшк ва деҳистони калон иборат аст. Бахши қадимааш садсолаҳо боз ҳамчун гӯристон истифода мешавад, ба ин дар ҷанубу ғарбии он як гӯри бо гаҳворасанг ва навиштаҷоти хатти зебои настаълиқӣ мансуб ба асрҳои миёна гувоҳӣ медиҳад (расм 3). Дар болои гӯрҳо зерсутунҳои пора шудаи замони Юнону Бохтарӣ мушоҳида мешаванд. Бахши ҷанубии онро роҳи мошингузар бурида мегузарад. Дар ин буриш экспедитсия сафолпораҳои замонҳои Ҳахоманишиҳо, Юнону Бохтариҳо, Кӯшониён ва давраи Исломиро ба даст оварданд ва гуфтан мумкин аст, ки Пушинг деҳаи бисёр қадим буда, омӯзиши он умедбахш мебошад [170, с. 112]. Сардори Экспедитсияи Осиёи Миёнаи кафедраи этнографияи Донишгоҳи давлатии Москва, С.П. Поляков, ки дар Пушинг таҳқиқот анҷом додааст, маълум кард, ки дар қабристони маҳаллӣ зерсутунҳои қадимии сангӣ вуҷуд доранд, ки ҳамчун санги мазор истифода мешаванд. С.П. Поляков қайд менамояд: «Ман худ шахсан се пойгоҳи оҳаксанги мармариро андозагири намудам» [123, с. 202].

Зерсутунҳои сангӣ, ки дар қабристонҳои Ёхсу (Вахшу), Маликова ва Пушинги ҳозира мавҷуданд, зарурати ҷамъоварӣ ва таҳқиқи ҷиддиро

доранд. Бархе аз ин зерсутунҳо соли 1973 аз ҷониби меъмор В.Л. Воронина ва баре аз дигар соли 2020 аз ҷониби Ю.Я. Яқубов тахти пажуҳиш қарор гирифтанд. Айни ҳол онҳо дар болои гӯрҳо ҷой доранд. Зерсутун бо санъати баланди ҳаҷҷорӣ тарошида шуда, албатта, танҳо нест; сетои дигар зеризаминӣ буда, эҳтимолан барои ороиши бинои боҳашамат хизмат мекарданд [85, 209].

Академик Ю.Я. Яқубов оид ба зерсутунҳои сангии аз деҳаи Пушинг дарёфтгардида чунин маълумот медиҳад: «Зерсутунҳои сангии Пушинг имрӯз дар Осорхонаи миллии бостонии Тоҷикистони назди Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносӣ ба номи А. Дониш ва инчунин Осорхонаи ноҳияи Данғара маҳфузанд, ки омӯзиш ва таҳқиқи минбаъдаи онҳо зарур мебошад» [170, с. 114]. Чанде аз онҳо аз ҷониби меъмор В.Л. Воронина таҳқиқ шуданд, ки он замон дар болои замин буданд ва яке бузург ва ду ададӣ онҳо хурд мебошанд. Меъмор Вера Леонидовна Воронина оид ба андоза ва хусусиятҳои зерсутунҳо чунин маълумот медиҳад: «Андозаи зерсутуни калон: қисми боло 44 см, поён 51 см ва баландӣ 27 см мебошад. Бахши болои зерсутунро ду унсури ороишии хурду бузург ва поёнашро ду такягоҳи росткунҷа ташкил медиҳад. Дар бисёр ҷойҳо он шикастагӣ дорад. Дар маркази қисми болоии доирашакл чуқурии мудаввар бо қутри 7 см барои шинонидани сутуни чӯбин мавҷуд аст. Зерсутун бо маҳорати баланди наҷҷорӣ тарошида шудааст. Ин танҳо як намуна нест, зеро се зерсутуни дигар низ, ки қисман зери хок қарор доранд, ба ҳамин бинои боҳашамат тааллуқ доштаанд. Онҳо аз як навъ ва эҳтимолан аз дасти як усто сохта шудаанд. Зерсутунҳои хурд пора-пора буда, аз ду нимдоира ва асоси чоркунҷа иборатанд. Андозаи онҳо якхела аст: боло 31 см, поён 36 см ва баландӣ 34 см. Зерсутуни калон, бошад аз кӯзагӣ, нимқавси фурӯрафта ва асоси мураббаъ иборат буда, осори шикастагӣ дар он эҳтимолан қасдан ба вуҷуд оварда шудааст» [85, с. 210–212; 170, с. 114].

Академик Ю.Я. Яқубов оид ба андозаҳои зерсутунҳо чунин менависад: «Андозаи зерсутуни калон: боло 55 см, поён 60 см ва баландӣ 35 см-ро ташкил медиҳад. Ин зерсутунҳо осори биноҳои бунёдии Пушинг мебошанд. Онҳо шаҳодат медиҳанд, ки ин деҳа дар давраи ободии чунин иншоотҳо маркази ноҳия ва ё яке аз марказҳои динии зардуштиён будааст» [170, с. 114]. (расми 4).

Зерсутунҳои Пушинг аз лиҳози сохт ба зерсутунҳои Чашмаи Тор (Торбулоқ) –и Лоҳури ноҳияи Данғара шабоҳат доранд, Ҳамчунин, намунаҳои худро дар дигар ёдгориҳои минтақа пайдо менамоянд [112, 99-111; 110, с. 93-94 (расми 13)]. (расми 5).

Дар замони Сомониён низ Пушинг яке аз деҳаҳои бузургу обод будааст ва ба ин сарсутуни кандакории дар қабристон ёфтшуда, гувоҳӣ медиҳад. Сарсутун аз берун тарҳи 8 таркаи нимсутундорро дошта, бо гулҳои барҷастаи ба замони Сомониён хос кандакорӣ шудааст. Сарсутун 2 м дарозӣ ва қутраш 35 см аст, (расми 6).

Аз лиҳози нақшбандӣ ба сарсутунҳои чӯбини асрҳои X-XI мелодии деҳаи Урметани ноҳияи Айнӣ ва сутунҳои масҷиди ҷомеи Хева шабоҳат дорад, ки дар ин бора олимон маълумоти мушаххас додаанд [27, рис. 3-4; 84, 210-220. (таб. 12-13); 170, с. 131]. Сарсутун нодир буда, аз санъати баланди ҳунари наҷҷории мардуми Пушинг гувоҳӣ медиҳад. Дар баъзе ҷойҳо гаҳворасангҳои мунаққаши болои қабр ба назар мерасанд, ки аз маркази динӣ ва фарҳангӣ будани деҳа дар асрҳои миёна гувоҳӣ медиҳанд.

Деҳаҳои Ғиҷовак ва Паркамчӣ ҳамзамони Пушинг мебошанд. Дар деҳаи Ғиҷовак пайконҳои аз оташсанг сохтаи замони неолит, зарфҳои асри биринҷӣ ёфт шудаанд. Бостоншинос Ю.Я. Яқубов оид ба мафҳуми деҳаҳои болозикр маълумот дода, чунин менависад: «Вожаи Ғиҷовак (Ғуҷовак) хеле қадим буда, маънояш ҷойи сероб мебошад. Дар Паркамчӣ ду қалъа ҷой доранд, ки яке аз онҳо ба асрҳои IV–III пеш аз мелод нисбат доранд. Вожаи Паркамчӣ аз решаи “пара” - паҳлу гирифта шуда, маънои

“гӯша”, “канора”-ро дорад. Дар адабиёти замони ҳуҷуми Искандари Мақдунӣ мардумони ин диёр ба муқобили ӯ шӯриш бардошта буданд ва он бо номи Паракана ёд мешавад. Шуриши Параканро ду қаҳрамони ҳамсафони Спитамен - Катан ва Овсиан роҳбарӣ менамуданд ва дар ин ҷанг ҳалок мешаванд. Бешубҳа, дар ин мубориза фарзандони он замони ноҳияи Данғара фаъолона ширкат доштанд» [170, с. 132].

Экспедитсияи соли 2019 дар ёдгориҳои антиқаи Ғиҷовак, Паркамчӣ, Маликова, Вахшу (Ёхсуи ҳозира А.С.) ва Золи Зард таҳқиқот бурда, маводди зиёд ҷамъ намуд. Шаҳраки Вахшуи бостонӣ калотарин дар ноҳияи Данғара ба шумор мерафт ва дорои биноҳои бунёдии маъмурӣ буд. Меҳроби маъбади оташи Вахшуро сутунчаҳо ва сарсутунҳои аз оҳаксанг тарошида оро медоданд. Мутаассифона, солҳои 70–уми асри гузашта боқимондаҳои шаҳри Вахшуро ҳамвор намуда, дар ҷояш обамбор ва ҳавзҳо сохтанд. Баъзе зерсутунҳои онро ба масҷиди маҳалла бурда ва бештарро зери хок карданд, ки ёфтани онҳо ғайри мумкин аст. Академик Ю.Я. Яқубов дар мақолаи худ «Миҷмарҳои хурди маросимии Данғара» чунин қайд намудааст: «Чунин зерсутунҳоро дар гӯристони Ёхсу партофтаю шикаста дидем. Аз афташ, дар ин ҷо, дар болои маскани асри биринҷӣ биноҳои замони Юнону Бохтар буданд, ки ба гӯристон табдил ёфтаанд. Бозёфтҳо аз Кангурт, Ғарғара, Пушинг, Ғиҷовак, Паркамчӣ, Маликова, Вахшу, Чоркӯл (Турткул), Золи Зард, Данғара, Чашмаи Тор (Торбулоқ) ва Булёни Поён (Буроб ё Бурдони поён) ба он гувоҳӣ медиҳанд, ки дар қадим ва асрҳои миёна Данғара яке аз ободтарин мавзеъҳои Хатлон будааст. Дар замони Мавлоно Тоҷиддин ва Ҳоҷӣ Муҳаммад Ҳусайни Кангуртӣ (1868–1917) ин ҷо маркази илму фарҳанги Хатлон буд» [112, с. 99–111; 169, с. 172]. Бояд тазаккур дод, ки чунин миҷмар фарохтар аз ҳудуди ноҳияи Данғара пайдо шуда, яке аз охирин бозёфтҳо соли 2024 аз қабати поёнии ёдгории Лағмони ноҳияи Ҷалолидини Балхӣ пайдо гардидааст. [110, с. 94(рис. 12)]

Экспедитсияи якҷояи Тоҷикистон ва Фаронса ба омӯзиши мунтазами ёдгориҳои антиқаи Данғара, аз ҷумла, дар Золи Зард шуръ намуда, таҳқиқро дар дигар бахшҳо идома мебахшад.

Соли 2020 бо сабаби бемории сироятии COVID-19, ҳамчунин бо сабаби иштироки маҳдуди ҳайатҳои байналмилалӣ таҳқиқоти топографии шаҳрҳои қадимии воқеъ дар минтақаи Золи Зард, маҳаллаҳои Пушинг ва Паркамчӣ аз ҷониби муҳаққиқони тоҷик Ш. Султанмамадов ва С. Абдуллоев ба таври мунтазам идома ёфтанд [104, с. 196].

Корҳои бостоншиносӣ соли 2021 дар қалъаи Золи Зард оғоз гардидаанд, ки як марҳилаи муҳимми таҳқиқи таърихиу фарҳангӣ минтақа ба шумор меравand. Ин таҳқиқ дар асоси банақшагирии дақиқ дар се қитъаи стратегӣ (соҳаҳои бостоншиносӣ аз рӯйи рақамгузории фаронсавиҳо 7000, 6000 ва 8000) сурат гирифт, ки ҳар кадом ҷойгоҳ ва аҳаммияти махсуси хешро дар заминаи меъморӣ ва мудофиавии қалъа доранд. Қитъаи 7000 дар канори рахнаи қисми шимолу шарқии девори берунӣ барои омӯзиши системаи муҳофизатии қалъа интихоб шудааст. Қитъаи 6000 дар теппаи А ҷойгир буда, барои шиносоӣ бо зинаҳои иқоматию маъмурии дохили қалъа ва таҳаввули тарҳи фазоии он зарур мебошад. Қитъаи 8000, ки наздик ба дарвозаҳои ҷанубу ғарбӣ қарор дорад, барои таҳқиқи роҳҳои вуруд ва муоширати бо муҳити атроф аҳаммияти муҳим дорад [104, с. 197-200].

Илова бар корҳои ҳафриётӣ таҳқиқи геоматикӣ ва мушоҳидаҳои визуалӣ низ гузаронида шуданд, ки ба муайян намудани таркиб, масир ва ҷойгиршавии мантиқии иншоот мусоидат намуданд. Қисми шимолии рахна, ки дар натиҷаи корҳои булдозерӣ шакли табиие ба худ гирифта буд, бо назардошти рӯшноии мувофиқ ва имкони аксбардории самаранок, ҳамчун минтақаи асосӣ барои таҳқиқ интихоб гардид.

Дар маҷмуъ, ин марҳилаи таҳқиқоти муназзам, ки бо роҳнамоии мутахассисони тоҷик ва байналмилалӣ амалӣ гашт, заминаи илмии

муътамад барои таҳлили фазои меъморӣ, тарҳрезии дифоӣ ва сохторҳои иҷтимоии қалъаи Золи Зард фароҳам овард.

Таҳқиқоти бостоншиносии соли 2022, ки дар қалъаи Золи Зард ва ҳудудҳои атрофи он бо иштироки экспедитсияи муштараки тоҷикӣ-фаронсавӣ амалӣ гардид, намунаи равшани таҳқиқоти муосири гурӯҳи байнисоҳавӣ мебошад. Ҳадафи марказии ин таҳқиқ равшансозии муносибати таърихию фарҳангии байни тамаддунҳои юнонию бохтарӣ ва Кӯшониён буд, ки дар ҳудуди қаторкӯҳҳои Гули Зиндон дар масофаи нисбатан наздик ҷойгир шудаанд. Ин таҳқиқ идомаи мантиқии корҳои саҳроии соли 2021 маҳсуб ёфта, доираи васеи масъалаҳои марбут ба таърихи маскуншавӣ, меъмории дифоӣ, вазифаи иҷтимоӣ ва низомии қалъаро фаро гирифт [105, с. 285-307].

Яке аз дастовардҳои муҳимми пажуҳиши соли 2022 ҳамгироии усулҳои бостоншиносӣ ва геофизикӣ ба шумор меравад, ки бо истифода аз таҷҳизоти муосири озмоишгоҳи Géops (CNRS-Фаронса) сурат гирифтааст. Ин равиш имкон дод, ки дар маҳалҳои калидӣ – рақами шартии 6000 (теппа A), 7000 (шикастагии девори шарқӣ) ва 8000 (дарвозаи ҷанубу ғарбӣ) – боқимондаҳои сохторҳои меъморӣ, таркиби стратиграфӣ (заминшиносӣ) ва зоҳиршавии қабатҳои зист ба таври дақиқ таҳлил гарданд. Ин таҳқиқ дақиқ кард, ки нишонаҳои иқомат дар қисматҳои ҳамвор вуҷуд надорад, аммо нишонаҳои маскунӣ дар баландкӯҳҳои қалъа ҷой дошт. Таҳқиқоти соли 2022 дар қалъаи Золи Зард дар заминаи як ҳамкории мутавозини байналмилалӣ ва истифодаи равишҳои муосир, натиҷаҳои амиқу муътамад ба бор овард. Қалъаи Золи Зард ҳамчун як ёдгории табақабандӣ ва бисёрқабатаи таърихӣ, намунаи барҷастаи таҳаввули меъморӣ ва фарҳангии минтақа маҳсуб ёфта, ҳоло низ дорои арзиши хос барои бостоншиносии тоҷик ва ҷаҳонӣ мебошад. Ин таҳқиқ заминаи муҳимме барои ҳифз ва муаррифии мероси фарҳангии Тоҷикистон дар сатҳи байналмилалӣ гузошт [105, с. 286-289].

Дар марҳалаи сеюми рушди бостоншиносӣ, яъне даврони Истиқлол (аз 1997 то 2022) чанд хусусияти муҳим мушоҳида мешавад:

1. **Такмил ва густариши таҳқиқоти илмӣ**: Ҷалби муассисаҳои илмии ватанӣ ва байналмилалӣ, аз ҷумла экспедитсияҳои муштараки Тоҷикистону Фаронса сабаби эҳё гардидани омӯзиши ҳамаҷонибаи ёдгориҳои бостоншиносӣ гардид.
2. **Ҳифз ва муаррифии мероси фарҳангӣ**: Бо дастгирии давлат ва ҷомеа корҳои ҳифз, тармим ва муаррифии ёдгориҳо суръат гирифтанд. Барномаи давлатии ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ қабул гардиданд.
3. **Истифодаи усулҳои муосири илмӣ**: Бостоншиносӣ дар ин давра бо усулҳо ва технологияҳои навин муҷаҳҳаз шуда, истифодаи харитаҳои рақамӣ, таҳлилҳои георадарӣ ва озмоишии бозёфтҳо ба роҳ монда шуд.
4. **Кашфи нав ва эҳёи хотираи таърихӣ**: Муайян кардани мавқеи марказҳои қадима, монанди Пушинг, Паркамчӣ ва Ғиҷовак ҷиҳати эҳёи мероси таърихии минтақа ва таҳкими ҳувияти миллӣ саҳми назаррас гузоштанд.

Ҳамин тавр, таҳқиқоти солҳои охир дар ноҳияи Данғара ва манотиқи ҳамсоя нишон медиҳанд, ки ин минтақа дар тули таърих яке аз марказҳои асосии тамаддун дар ҷануби Тоҷикистони имрӯза будааст. Даврони истиқлол барои бостоншиносии тоҷик фурсати эҳё, тавсеа ва ҳамгироии илмии байналмилалӣ фароҳам овард. Ҳоло вазифаи муҳимми муҳаққиқон он аст, ки ин дастовардҳоро ҳифз кунанд ва ба манфиати илм, фарҳанги мардум истифода кунанд.

Хулоса, раванди таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ноҳияи Данғара ба таври шарҳи таърихӣ се марҳилаи асосиро дар бар мегирад, ки ҳар кадом бо хусусиятҳои муайяни илмӣ, методологӣ ва ташкилӣ фарқ мекунанд. Марҳилаи аввали солҳои 1942–1950, ки хислати ҷустуҷӯйӣ ва таҳқиқоти муқаддамотӣ дошт, пояҳои аввалини донишҳои илмиро гузошт ва замина барои таҳқиқи баъдӣ фароҳам овард. Дар марҳилаи дуввум (1955–1990)

корҳои саҳрои̣ ва таҳқиқоти бонизом ба сатҳи баланд бароmaданд, ки натоиҷи он бо таъсиси пойгоҳҳои илмӣ ва ворид гардидани бозёфтҳои муҳимми бостоншиносӣ ба осорхонаҳо ба таври густурда сабт шуданд. Ниҳоят, марҳалаи сеюм (1997–2022), ки ба давраи соҳибистиқлолии кишвар рост меояд, бо такя ба ҳамкориҳои байналмилалӣ таҳқиқи ёдгориҳои таърихии Данғара бештар ба роҳ монда шуда, сатҳи ҳифз ва муаррифии мероси фарҳангӣ ба таври назаррас боло рафт.

Ҳамин тариқ, таҷрибаи таҳқиқи бостоншиносӣ дар Данғара на танҳо саҳми арзандае дар шинохти тамаддуни қадимаи ҷануби Тоҷикистон гузоштааст, балки нишон медиҳад, ки рушди пайдарпай ва устувори илмӣ бо истифодаи мантиқӣ аз мероси пешин метавонад заминасоз ва роҳнамо барои таҳқиқоти баъдина гардад. Имрӯз ҳифз ва омӯзиши ҳамаҷонибаи ин мероси беназир на танҳо як вазифаи илмӣ, балки як рисолати миллӣ ва фарҳангист.

### 1.3. Шарҳи топонимӣ ва масоили санагузории ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара

Азбаски номҳои ҷуғрофӣ ҷойномашиносӣ (топонимика) ҷузъи луғавии забон маҳсуб мешаванд ва ба қонунҳои забони муайян итоат мекунанд, онро як бахши илми забоншиносӣ низ мешуморанд. Ҳамзамон, ба сабаби мафҳуму қонунҳои ҷуғрофиро ифода кардани номҳо, ҷойномашиносӣ ба соҳаи илмҳои ҷуғрофӣ низ тааллуқ дорад.

Ҳарчанде номҳои ҷуғрофӣ ба қонунҳои умумии забон марбутанд, вобаста ба навъи объект (дарёҳо, маҳалли зист, шаклҳои замин – релеф ва ғайра) хусусиятҳои фарқкунанда доранд. Аз ин рӯ, дар баробари истилоҳи умумии «топонимика» (аз калимаи юнонии topos – «ҷой, маҳал» ва onoma – «ном») истилоҳоти махсус, аз қабили гидронимия (номҳои объектҳои обӣ), оронимия (номҳои шаклҳои релеф) ва ғайра низ истифода шуда, қадимӣ будани маҳалро ифода мекунанд.

Дар ибтидои асри XX идае аз таърихнигорону забоншиносон ба масъалаҳои омӯзиши забон ва топонимикаи Тоҷикистон низ таваҷҷуҳ намудаанд. Аз ҷумла, С.И. Климчитский [108, с. 137-139; 109, с. 6-9], Н.Г. Маллитский [114, с. 278-787], А.Ю. Якубовский [167, с. 32-39], М.С. Андреев [24; 25; 26], О.И. Смирнова [62; 63; 141, с. 220-230], Б.Ғ. Ғафуров [33], Ю.Я. Яқубов [74] Ғ. Ғоибов [30; 38; 86, с. 50-55] ва дигарон.

Муҳаққиқоне, ки бевосита топонимҳои Тоҷикистонро таҳқиқ карданд, А.З. Розенфелд [134; 135; 136; 137], Д.И. Эделман [157, с. 41-62], А.Л. Хромов [70; 153, с. 36-42; 154, с. 350-358], Р.Х. Додихудоев [46; 47; 48; 102, с. 3-9], Б.Ғ. Ғафуров [31; 32], А. Девонақулов [39], Ҷ. Алимӣ [20; 21; 22; 23], Н. Офаридаев [55;121, с. 35-41], А. Абдунабиев [176], О. Ғафуров [35] ва дигарон мебошанд. Ин муҳаққиқон аслан забоншиносанд, бинобар ин ба ҷабҳаҳои забоншиносӣ – лексикии номҳо бештар диққат додаанд.

**Дар бораи топонимикаи мафҳуми «Данғара».** Топонимикаи ноҳияи Данғара яке аз бахшҳои муҳимми омӯзиши таърихи ҷуғрофӣ ва фарҳангии Тоҷикистон ба шумор меравад. Таҳлили этимологии номи «Данғара» ба фаҳмиши муҳити табиӣ, забонӣ ва фарҳангии минтақа мусоидат мекунад. Номи Данғара дар сарчашмаҳои таърихӣ камтар во бораи вожаи «Данғара» пешниҳод мекунанд, зарурати барқароркунии таърихӣ, ки бар асоси ёдгориҳо ҳангоми таҳқиқоти бостоншиносӣ сабтшуда дар мадди аввал меистад. Дар бораи калимаи «Данғара» дар миёни олимони таърихшинос фикру ақидаҳои гуногун вуҷуд дорад.

Масъалаи пайдоиш ва маънои номи «Данғара» аз нигоҳи илмӣ таваҷҷуҳи бостоншиносон, забоншиносон ва муаррихонро ба худ ҷалб кардааст. Академик Ю.Я. Яқубов дар таҳлили этимологии номи «Данғара» бо истифода аз маълумоти луғавии забонҳои қадимаи ориёӣ ва бо дарназардошти ҷойгиршавии ҷуғрофии минтақа масъалаи мазкурро мавриди баррасӣ қарор додааст. Академик Ю.Я. Яқубов оид ба вожаи «Данғара» чунин менависад: «Номи Данғара метавонад реша дар забони сокинони қадими соҳилҳои Баҳри Сиёҳ - яъне аҳди охшиёнҳо дошта бошад, ки дар он вожаи “don” маънои “об” ва “ghar” маънои “кӯҳ”-ро ифода мекунад» [174; 2-М, с. 148]. Аз ин рӯ, вожаи «Данғара» метавонад маънии «оби кӯҳӣ» ё «оби баромада аз доманаи кӯҳ»-ро ифода намояд.

Ин шарҳ, махсусан, ба ҷуғрофиёи шимоли ноҳияи Данғара рост меояд, ки он минтақа бо доманакӯҳҳои сабзпӯш, аз ҷумла, қаторкӯҳҳои Гули Зиндон, Санглох, Сарсаряк ва Мористон (Ҷилантов) иҳота шудааст. Дар гузашта ин кӯҳсорҳо бо ҷангалзорҳои зич пӯшида буданд ва имрӯз ҳам дар қуллаҳои онҳо боқимондаҳои чунин ҷангалҳо вуҷуд доранд. Дар ин доманакӯҳҳо чашмаҳои зиёд мавҷуд буд, ки шояд бо мафҳуми «оби кӯҳӣ» иртибот дошта бошанд.

Вожаи Данғара бо таҳқиқоти баъзе забоншиносони рус, бавижа, В.С. Расторгуева ва Д.И. Эделман низ мутобиқат дорад. Онҳо бар онанд, ки

дар забони ориёиҳои қадим вожаи «dhana» маънои «замини хушк»-ро дошта, вожаи«ghar» ба «гармӣ», «сӯзон» ишора мекунад [57; 58, с. 160]. Дар маҷмуъ, ин шарҳҳо ба муҳити табии ноҳияи Данғара, яъне як минтақаи дорои иқлими гарму нисбатан биёбонӣ хеле мувофиқанд.

Метавон хулоса кард, ки ҳар ду ақида дар заминаи табиӣ ва таърихии худ асос доранд. Ба ақидаи якум қисмати шимолии ноҳия ва минтақаҳои кӯҳистонӣ мувофиқ аст, ки дар онҳо ҷангалҳо, чашмаҳо ва манзараи сабз зиёданд, ақидаи дуюм бештар ба минтақаи марказӣ ва ҷанубии ноҳияи Данғара, ки водии ҳамвор ва иқлими гарму хушк доранд, мутобиқат мекунанд [9-М, с. 114].

Пажӯҳиши баъдӣ дар хусуси топонимҳои минтақа метавонад ба фаҳмиши дақиқи таърихи номгузорӣ ва равандҳои фарҳангиву забонӣ дар тули асрҳо мусоидат кунад.

Олимони дигар гуфтаанд, ки исми Данғара, аз касби мардуми ин ҷо сар мезанад. Мардуми Данғара аз қадим ба деҳқонӣ машғул буданд. Бинобар ин, калимаи Данғара аз ихтисору тағйири калимаҳои мардумӣ «дона хара – хара», яъне ғарами донаҳои гандум реша мегирад, «дон» ва «ғара» ба амал омадааст. Маънии «ғарами дон, яъне ғарами- гандум»-ро дорад. Шояд дар ин ривояти халқӣ низ ҳақиқат ҷо дошта бошад.

**Масоили санагузории ёдгориҳои ноҳияи Данғара.** Ин масъала дар натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ ва натиҷаҳои ковишҳои илмӣ, имрӯз маълумоти зиёде дар бораи табақабандии пайдарҳамии ёдгориҳо, даврабандии рушди фарҳанг ва шинохти осори моддӣ ба даст омадааст. Омӯзиши якҷои топонимика ва пайдарҳамии ёдгориҳо имкон медиҳад, ки таърихи ин минтақа дар иртибот бо ҷуғрофиё ва муҳити иҷтимоию фарҳангии он амиқтар таҳқиқ шавад.

Дар ноҳияи Дангара ёдгориҳои палеолити боло, ки 50-40 ҳазор солро дар бар мегиранд, дар мавзеи Булёни Боло, Сойи Саёд ва Оғзикичик ба қайд гирифта шудаанд, ки ба замони инсонҳои қадим (неандерталҳо), ки

дар минтақаҳои гуногуни Аврупо, Шарқи Наздик, Осиёи Миёна, Қафқоз ва Қазоқистон зиндагӣ мекарданд, марбут мебошанд. Таҳқиқот нишон дод, ки масканҳои асосии онҳо дар домани кӯҳи рӯди Вахш ва сарчашмаҳои он ҷойгир мебошад, [164, с. 85-86] ки дар замони худ дорои аҳаммияти бузурги стратегӣ буданд.

М.М. Пахомов оид ба маскангоҳи Оғзикичик маълумот дода навиштааст: «Маскангоҳи Оғзикичик (Оғзикучак), ки дар қаторкӯҳи Гули Зиндони ноҳияи Данғара ҷойгир мебошад, дар натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ муайян гардид, ки сокинони ғори Оғзикичик аз олоти сангӣ истифода намуда, дар ғизо аз рустаниҳои гуногун ва ҳайвонот, аз ҷумла асп, оҳуи сурх, буз, гург, хирс, хуки ваҳшӣ ва ғайра истифода мекарданд. Дар натиҷаи омӯзишҳои зиёд бостоншиносон маданияти ин бошишгоҳро ба давраи мустеъ нисбат додаанд, ки вуҷуди чунин қабатҳои маданию фарҳангӣ на танҳо дар ноҳияи Данғара, балки дар дигар ёдгориҳои атроф низ беназир аст» [122, с. 100].

Дар соҳилҳои дарёи Вахш ва ноҳияи Данғара дар ҳазораи VI–IV пеш аз мелод қабилаҳои чорводори навъи маданияти Ҳисорӣ сукунат доштанд. Барои он маданияти Ҳисор мегӯянд, ки аввалин бор бозёфтҳои хосси ин маданият аз теппаи Ғозиён соли 1953 аз ҷониби А.П. Окладников дар наздикии Ҳисор кашф шудааст, Бо ин сабаб ин маданият ба худ номи маданияти Ҳисорро гирифтааст. Ҳарчанд бори аввали осори ин маданият дар наздикии Ҳисор кашф шудааст, аммо маҳаллаҳои асосии аҳолинишини ин маданият маҳз дар ҳудуди ноҳияи Данғара ҷойгир шудаанд, ки инҳо Тутқавул, Сойи Сайёд, Теғузак (Теғак), Кангурттут, Булёни Поён бо теъдоди 100 адад таҳқиқ карда шудаанд [133, с. 14-16].

Дар асоси ёдгориҳои неолитӣ (асри санги охир), ки дар минтақаи обанбори Норак ҷойгиранд, метавон оғози ташаккули низоми воҳидҳои масканиро пайгирӣ кард, ки дар давраҳои баъдии таърихӣ, асоси муносибатҳои байнишаҳрӣ, марказӣ ва деҳаҳои атроф гардид. Дар водии

миёнаҷойи дарёи Вахш ду нуқтаи асосии сукунати мезолитӣ ва неолитӣ – Тутқавул ва Сойи Сайёд ба қайд гирифта шудааст. Аммо дар гирду атрофи ин ду бошишгоҳи неолитӣ, боз чанд ҷойи сукунати муваққатиро кашф карданд. Ин маконҳоро метавон дар ҳамаи сатҳҳои дарёӣ, дар минтақаҳои теппагӣ ва дар соҳилҳои байни дарёӣ пайдо кард, ки аксаран дар соҳили ҷӯйҳо ва дар умқи дараҳои хурд ҷойгир буданд [152, с. 121]. Ин минтақаҳои сукунати муваққатӣ барои ҷамъоварии гиёҳҳо ва шикори ҳайвонот хеле ғанӣ буданд. Дар бошишгоҳи Тутқавул осори устухонҳои ду марду зан ва як кӯдакро ёфтанд, ки ба ҳазораи VIII–VII пеш аз мелод мансуб мебошанд.

Давраи гузариш аз асри санг ба энеолит (аҳди мису санг) ва марҳилаи аввали асри биринҷӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара бо номи Кангурттут маълум аст. Таҳқиқот нишон додаанд, ки танҳо дар охири ҳазорсолаи III то мелод дар ҳудуди Бохтари Шарқӣ маҷмуи нави бостоншиносӣ ташаккул меёбад, ки онро олими машҳури фаронсавӣ А. П. Франкфорт «Маданияти Окс» номгузорӣ кардааст [175, с. 174]. Бо ин назария Н. М. Виноградова мувофиқ аст. Ӯ бар он ақида аст, ки маводди нави бостоншиносӣ собит месозад, ки дар соҳили рости Панҷ ва шохобҳои он Вахш, Сурхоб, Вахшу (Ёхсу) ва Оби Тоҳир, дар охири ҳазорсолаи III ва аввали ҳазорсолаи II то мелод марказҳои маҳаллии тамаддуни Бохтар шакл гирифтааст. Ин марказҳо бо тамаддунҳои Байнаннаҳрайну Элам алоқамандӣ доштанд [29, с. 99]. Нишонаҳои ин маданият дар ноҳияи Данғара дар қабристони Қуруқсой ва аз канори деҳаи Ғиҷовак пайдо шудааст.

Аз рӯйи тартиби санагузорӣ мансуби маданияти ёдгориҳо ба миёнаҳои охири ҳазораи II пеш аз мелод чунин тасниф мешаванд: Гӯристони Норак мавқеи гузаришро байни марҳилаҳои миёна ва баъдии давраи биринҷӣ ишғол мекунад. Ба марҳилаи баъдии асри биринҷӣ дар ноҳияи Данғара гуристони Кангурттут ва Теғузак (асрҳои XV–XI то

мелод) тааллуқ доранд, ки ин гӯристонҳо ба кишоварзони муқимӣ нисбат доранд. Гурӯҳи калонтари гӯристонҳои чорводорнон дар назди деҳаҳои Кули Суфиён, Дараи Шӯр, Мундоқ, Аличон ва Моҳпора таҳқиқ шуданд, ки ба маданияти Бешкент-Вахш хешовандӣ доранд. Деҳкадаи Тошгузар бошад, мавқеи гузаришро байни давраи охири биринҷӣ ва оғози асри оҳан (асрҳои X-IX то мелод) ишғол мекунад, ки ба маданияти чорводории андроновӣ шабоҳҳат дорад. Инро осори зарфҳои хоси сафолии намуди саҳроӣ (зарфи дастисоз), кордҳои биринҷии думдор ва дигар ашёи хос тасдиқ мекунанд [152, с. 121].

Дар бораи зиндагӣ дар аввали асри оҳан (асрҳои IX-VII то мелод) ва дар замони салтанати Ҳахоманишиён, ки Бохтар яке аз вилоятҳои (сатрапия, хшатрап) он ба шумор мерафт (асрҳои VI-IV то мелод), дар водии Данғара ин шаҳрак бо номи Рахшонзамин вуҷуд доштааст. Ҳамчунин, бостоншиносон ҳангоми таҳқиқ дар Данғара маълумоти марбут ба давраи Ҳахоманишиён аз шаҳракҳои мавҷудаи шарқии Данғара ва қисмати шарқии деҳаи Бӯлёни Поён ва Пушинг ба даст овардаанд [152, с. 122].

Сохт ва таркиби сафолҳо ба намунаи аввалин ҳунари кулолгарии давраи Ҳахоманишиён, шаклҳои маҳсулоти шабеҳ ба маданияти Вахши асри биринҷӣ мебошанд. Алоқамандии унсурҳои маданияти моддӣ ва маънавии аҳолии давраи ниҳоии биринҷӣ ва марҳилаи баъдии оҳани ибтидоӣ метавонад идомаи қавмии онҳоро низ нишон диҳад.

Дар ноҳияи Данғара шаҳрҳои даврони истилои Искандари Мақдунӣ дар наздикии деҳаҳои Пушинг, Хушдилон (собиқ Торбулоқ), Маликова, дар шарқи маркази имрӯзаи ноҳияи Данғара ва дар назди деҳаи Корез – қалъаи Золи Зард ва Ёхсу пайдо шудаанд. Санаи ин шаҳрҳоро осори пайдошуда, аз ҷумла, зарфҳои кулолӣ ва сангӣ, ҳамчунин муҳимтар аз ҳама, ин зерсутунҳои сангин ва аз меҳробҳои маъбадҳои оташ муаян мекунанд [170, с. 109-137]. Чунин зерсутунҳои сангин аз ҳафриёти шаҳрҳои

маъруфи замони Юнону Бохтарӣ, ба мисли Тахти Сангин (Ҷануби Тоҷикистон), Ойхонум (Шимоли Афғонистон) низ ёфт шудаанд [152, с. 122]. Маъбадҳои зардуштӣ қисми муҳимми шаҳрҳо ба шумор мерафтанд. Дар деҳаи Ёхсу – Вахшу табақ сангӣ ва ҳовуни нодир ёфт шудааст. Чунин зарфҳо дар ҳафриёти маъбадҳои юнонии ҳавзаи Баҳри Миёназамин маълуманд, ки онҳо барои маросими намози зардуштӣ истифода мешуданд [170, с. 114]. Дар Осиёи Миёна, зарфҳои сангӣ барои таёр кардани хум ва ё ҳаума - нушокии муқаддас истифода мешуд.

Дар ноҳияи Данғара шаҳракҳо дар ҷойи деҳаҳои имрӯзаи Ғиҷоваку Паркамчӣ, Маликова, Корез ва Пушинг ҷойгир буданд. Мутаассифона, бо сохтани хонаҳои иқоматӣ дар болои ёдгориҳо аз ҷониби сокинон, қисми зиёди деҳаҳои кунунӣ онҳо нобуд шудаанд. Аз даврони гузашта танҳо ба мо ашёи пароканда омада расидаанд, ки аз ҷониби сокинони маҳаллӣ ҳангоми корҳои хоҷагӣ пайдо шуда, ба бостоншиносон дастрас гардидаанд.

Дар бораи вуҷуди шаҳри Юнону Бохтарӣ ва Кушонӣ дар ноҳияи Данғара сиккаҳои ёфтшудаи Евтидем (охири асри III - оғози асри II то мелод); Вима Такту (65–105 м), Канишка (105–128 м), Ҳувишка (131–166 м), Васудева (191–232 м) ва сиккҳои тақлидӣ ба Ҳувишка (асрҳои III-IV мелодӣ) гувоҳӣ медиҳанд. Сиккаҳои Евтидем бештар аҳаммият дорад, зеро ин навъи сикка бори аввал дар Тоҷикистон кашф шудаанд ва барои Осиёи Миёна низ нодир мебошад. Бозёфти сиккаҳои се шоҳи дигари Юнону Бохтарӣ дар бораи муомилоти пулӣ дар чоряки охири асри III то мелод гувоҳӣ медиҳанд. Дар ноҳияи Данғара дар муомилоти шаҳрҳо на танҳо сиккаҳои калон - тетрадрахмаҳо, балки сиккаҳои мисӣ бештар амал менамуданд. Муомилоти пулӣ на танҳо дар шаҳрҳо, балки дар деҳаҳо вуҷуд доштанд [45, с. 14-21].

Бояд тазаккур дод, ки ду сиккаи Диодот мутааллиқ ба нимаи дуюми асри III то мелод аз деҳаи Хушдилон, сиккаҳои Евтидеми II марбут ба

солҳои 70 – уми асри II то мелод ва Евкратид (171–145 п.м), мансуб ба чоряки дуюми асри II то мелод аз ёдгории Дараи Шӯр дарёфтшуда, далели гуфтаҳои боло мебошанд [138, с. 88].

Бостоншинос Т.Г. Филимонова дар асоси маводди мавҷуда оид ба ин масъала чунин таъкид менамояд: «Рушди фаъоли сохтмони шаҳрҳо дар ҳудуди ноҳияи Данғара ба давраи шукуфоии давлати Кушониён рост меояд. Тақрибан чор аср вуҷуд доштани ин давлат ба таҳкими суботи сиёсӣ ва иҷтимоии минтақа мусоидат намуд. Дар ин давра шумораи зиёди маҳалҳои аҳолинишин – ҳам хурд ва ҳам бузург – ба вуҷуд меоянд. Марказҳои сукунати аҳолӣ дар ду нишеби қаторкӯҳи Гули Зиндон, инчунин дар ҳудуди деҳаҳои Ёхсу, Кангурт ва минтақаи марказии ноҳияи Данғара ҷойгир буданд. Дар ин мавзеъ як қатор шаҳракҳои давраи антиқӣ мавҷуд буданд, ки ҳудудҳои онҳо ба ҳам наздик ва дар баъзе ҳолатҳо ба ҳам пайваст буданд. Ҳамзамон, дар ин давра шаҳракҳои бостонии Теппаи Киёвшайдӣ (назди деҳаи Ёхсу), Кампиртеппа (назди деҳаи Паркамчӣ), Тӯпхона (назди деҳаи Иғрони Боло), Малишо (назди деҳаи Себистон), Кӯли Суфиён ва дигар маҳалҳои аҳолинишин арзи вуҷуд доштаанд» [152, с. 122–123].

Бояд қайд намуд, ки дар ин давра зиндагӣ дар шаҳраки Пушинг, Ғиҷовак ва қалъаи Золи Зард, ки атрофи он дар масофаи 1 км идома меёфт, давом дошт. Дар наздикии қалъаи Золи Зард боз як шаҳраки дигар, ки ҳоло дар қалъаи он мазори Мавлоно Тоҷиддин ҷойгир аст, пайваст мешавад. Ин маҳалла қариб ба шаҳраки қадими Данғара мерасид, ки қисман дар болои теппа дар қисмати шимолу шарқии маркази ноҳия то ҳол боқӣ мондааст. Дар асрҳои II то мелод – III мелодӣ бисёр шаҳракҳо, қалъаҳо, ва деҳкадаҳо вуҷуд доштанд, ки онҳо дар нишебиҳои қаторкӯҳи Гули Зиндон ва кӯҳи Санглох ҷойгир буданд. Ин шаҳракҳо ҳудуди деҳаҳои имрӯзаи Мундок, Ғарғара, Экизак, Пехо, Ширинсой ва дигар маҳаллаҳоро дар бар мегиранд [152, с. -123].

Е.П. Денисов менависад: «Давраи Кушониён бо сатҳи баланди рушди фарҳанги моддӣ ва намунаҳои арзишманди худ аз дигар давраҳо фарқ мекунад» [93, с. 41]. Дар шаҳракҳои мазкур ҳунармандӣ рушд карда буд. Кулолгарӣ ба дараҷаи хуб тараққӣ намуд, косаҳо ва ҷомҳо дорои ранги ангобии сурх ва ҳайкалчаҳои фариштагони авестоӣ сохта шудаанд. Ҳунари сангтарошӣ дар сохтани зерсутунҳои сангӣ дар меъмории бохтарӣ маълум мешавад. Ҳамчунин, нусхаҳои хурди ин зерсутунҳо барои меҳробҳои оташкадаҳо низ сохта мешуданд. Дар нишебиҳои қаторкӯҳҳои Санглох, Чортов, Чашмаи тор (Торбулоқ), Найзабулоқ, Бешкаппа, Иттиҳод (Ҷетерган) ва Ксиров қабристонҳои замони кушонӣ дар паҳлуи маҳалҳои иқоматӣ ҷойгир шудаанд. Аз ҳафриёти онҳо маводди зиёди заргарӣ ба даст омад, ки аз равнақи ин соҳа гувоҳӣ медиҳанд. Е.П. Денисов чунин менависад: «Ин қабристонҳо ба қабилаҳои юэҷиҳо нисбат дода мешаванд. Аз сабаби кам будани манбаъҳои хаттӣ оид ба таърихи Империяи Кушониён, чунин натиҷагирӣ аҳамияти калон дорад, зеро маҳз юэҷиҳои тахорӣ асосгузорони ин давлат ҳисобида мешаванд. Дар сарчашмаҳои чинӣ дар бораи шикасти давлати Юнону Бохтар ва ба ҷои он таъсис ёфтани давлати Кушониён аз ҷониби қабилаҳои юэҷиҳо борҳо зикр шудааст» [93, с. 41].

Дар ноҳияи Данғара ёдгориҳои замони Кушониён хуб омӯхта нашудаанд, аммо аз ҷониби бостоншиносон миқдори зиёди сиккаҳои мутааллиқ ба ин давра пайдо шуда, ба он далолат мекунад, ки дар замони Кушониён Данғара як қисми таркибии империяи онҳо буд.

Д. Довудӣ дар асоси бозёфтҳои бостоншиносӣ, аз ҷумла маводди сиккашиносӣ, чунин менависад: «Дар марҳилаи аввали ҳукмронии Кушониён дар муомилот сиккаҳои нуқрагин мавҷуд буданд, ки шакли тетрадрахмаҳои нуқраи холис ва сиккаҳои мисии охирин шоҳи Юнону Бохтар Ҳелиоклро такрор менамуданд. Яке аз чунин сиккаҳои мисӣ аз шаҳраки Теппаи Шоид, воқеъ дар наздикии деҳаи Сангтуда, ёфт

гардидааст. Дар рӯйи сикка нимпайкараи Ҳелиокл ва дар пушти он тасвири Зевс ҷой дошта, дар се тарафи тасвир навиштаҷоти юнонӣ «ΒΑΣΙΛΕΩΣ ΜΕΓΑΛΟΥ ΗΛΙΟΚΛΕΟΥΣ – (БАСИЛЕОС МЕГАЛОЙ ГЕЛИОКЛ)» («Шоҳи бузург Ҳелиокл») сабт шудааст. Дар марҳилаи дуюми ҳукмронии Кушониён муомилоти пулӣ бо номи шоҳони Кушонӣ густариши бештар пайдо мекунад. Аз ҳудуди ноҳияи Данғара қариб ҳамаи сиккаҳои мансуб ба шоҳони Кушонӣ, аз давраи Вима Такту (35–65) то замони Васудева (184–218) пайдо гардидаанд» [45, с. 14–16].

Дар замони Кушониён, ноҳияи Данғара ба яке аз марказҳои муҳимми сиёсӣ ва иқтисодӣ табдил ёфта, бо рушди ҳунармандӣ, кулолгарӣ ва шаҳрсозӣ шуҳрат пайдо кардааст. Таҳқиқоти бостоншиносӣ нишон медиҳад, ки роҳҳои тиҷоратии ин давра бо мавҷудияти сиккаҳои нуқрагӣ ва мисӣ муайян шудаанд, ки аҳаммияти стратегиро собит месозанд. Дар маҷмуъ, таҳқиқоти бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки ноҳияи Данғара дар ташаккули маданият, рушди муносибатҳои иқтисодӣ ва таҳаввулоти фарҳангӣ нақши муҳим бозидааст.

Бостоншинос Т.Г. Филимонова менависад: «Ҳарчанд шумораи ёдгориҳо дар асрҳои миёнаи барвақт коҳиш меёбад, аммо он ёдгориҳое, ки то имрӯз маълуманд, шаҳрҳои нисбатан калон ба шумор рафта, дар қисматҳои гуногуни ноҳияи Данғара ҷойгир буданд. Деҳаи Ғиҷовак на танҳо мавҷудияти худро нигоҳ доштааст, балки хеле васеъ низ гардида буд. Дар наздикии деҳаи Сангтӯда, бо мақсади назорати гузаргоҳи дигари дарёи Вахш, қалъаи Сари Купрук бунёд шудааст. Дар соҳили рӯди Тоҳир, дар ҳудуди деҳаи муосири Булёни Боло, шаҳри давраи Сомониён мавҷуд буд, ки масоҳати он ба 15 гектар мерасид. Ин ёдгорӣ ба асрҳои VI–I пеш аз мелод ва I–X мелодӣ мансуб буда, дар Данғара ҳамчун қалъаи пуриқтидори Хусравқалъа (Ҷартеппа) маъруф аст» [152, с. 123].

Дар ибтидои асримиёнагии мутараққӣ воҳаи Данғара ба ҳайати мулки Хуттал дохил шуда, ҷузъи давлати Сомониён ба шумор мерафт.

Шумораи зиёди шаҳрҳо ва маҳалҳои аҳолинишин, ки ба асрҳои X – XII мелодӣ мансубанд, маҳз дар натиҷаи вазъи нисбатан устувори сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангие, ки давраи ҳукумронии давлати Сомониён фароҳам омада буд, ташаккул ёфтаанд.

Сарчашмаҳои хаттии замони Сомонин аз Пули Сангин ва шаҳри Тамлиот ёд мешавад [159, с. 120].

Дар ноҳияи Данғара осори меъмории давраи Сомониён ин зерсутуни кандакорӣ бо навиштаҷоти хатти арабӣ мебошад, ки он аз қабристони деҳаи Пушинг дар натиҷаи таҳқиқоти бостоншиносӣ пайдо гардидааст. Ҳамин гуна зерсутуни кандакоришуда аз мазори деҳаи Дараи Шӯр низ ёфт гардидааст. Навиштаи зерсутуни Пушинг, ба охири асри XI ва ибтидои асри XII нисбат дошта, аз ҷониби Л. Додхудоева хонда шудааст.

Дар ҳудуди маркази Данғара шаҳраки давраи Сомониён вуҷуд дошт, ки он аз қалъа ва шаҳристон иборат буд. Қалъа дар соҳили ҷӯйи, ки аз маркази ноҳияи мегузарад, бунёд гардида буд. Дар наздикии он мақбараи шахси номаълуме, ки ба асри X мелодӣ мансуб аст, кашф шудааст. Дар асрҳои баъдӣ бинои мазкур таъмир гардида, дар ороиши он аз гаҷ ва кандакорӣ истифода бурда шудааст. Дар сарчашмаҳо ин шаҳрак бо номи Дашти Кулак маъруф аст, ки дар асри XIV чандин бор дар робита бо ҷангҳои Темур бо душманонаш зикр шудааст [30, 3-4].

Ҳамлаи муғул ба тамоми қаламрави Данғара зарбаи шадид расонд. Дар давраи пас аз истилои муғул ягон шаҳри бузург дар Данғара зикр намешавад. Ҳаёт бештар дар деҳот тамаркуз меёбад, ки инро пораҳои сафолҳои бо ранги тира тасдиқ мекунанд.

Довуди Д. оид ба сиккаҳои аҳди Темуриён аз ёдгориҳои ноҳияи Данғара чунин менависад: «Дар давраи ҳукмронии Темуриён дар ноҳияи Данғара дубора эҳё гардидани ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, инчунин бунёди шаҳрҳои нав ба мушоҳида мерасад. Ба ҳамин давра аксари сиккаҳои мисии ҷудогона ва ганҷинаҳои нуқрагӣ, ки аз ҳудуди деҳаҳои

Ғиҷовак ва Гулистон ба даст омадаанд, мансуб дониста мешавад. Сиккаҳои ҳамаи ҳокимони Темуриён аз Амир Темур (1370–1405) то охирин намояндаи ин сулола Султон Ҳусайни Бойқаро аз ёдгориҳои ноҳияи Данғара пайдо шудаанд. Аз таҳлили сиккаҳои ёфтшуда бо муҳрҳои шаҳрҳои гуногун, аз ҷумла минтақаҳои Эрони Ғарбӣ, метавон хулоса кард, ки Хуттал ва дар маҷмӯъ ноҳияи Данғара ба гардиши тиҷорати байналмилалӣ дар доираи Темуриён шомил буда, дар равандҳои иқтисодии васеи минтақавӣ фаъолона иштирок доштааст» [45, с. 39–40].

Ба ёдгориҳои охири асримиёна танҳо қалъаи Чортеппа дар Себистон ва харобаҳои шаҳри Дашти Кӯлак дар назди мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ва худи Данғара мутааллиқанд Охирин марҳилаҳои зиндагӣ дар шаҳраки Данғара, Золи Зард ва Қалъаи Сангтӯда ба асрҳои XVIII-XIX рост меоянд. Гарчанде ёдгориҳои асосии асрҳои XIII-XVIII бештар мазорҳо ва мақбараҳо ҳастанд, онҳо маҳорати баланди меъмориро нишон медиҳанд. Ба ин гурӯҳ се ёдгорӣ мансуб аст: боқимондаҳои иншооти монументалӣ дар маҳаллаи Қабри Козак (деҳаи Шаҳбур), дуюмӣ дар назди деҳаи Корез ва сеюмӣ дар деҳаи Шар-Шар, ки дар гирду атрофи онҳо пораҳои кандакории гаҷӣ, зарфҳои сирдор бо ранги кабуд, ҳамчунин, пораҳои сафолҳои сирдор дорои нақшу нигор ёфт шудаанд, ки аз рӯйи сифат ва нақш, ба ороиши биноҳои Самарқанд ва Бухоро монанд мебошанд [152, с. 124].

Мақбараҳои бунёдӣ, ки бо хиштҳои пухта, гаҷ аз маҳлули гаҷхок сохта шудаанд, ҳамчун маконҳои муқаддас назди мардум мавриди эҳтиром буданд. Ба чунин ҷойҳо мазорҳои Мавлоно Обиддин, Мавлоно Тоҷиддин дар деҳаи Корез, Хоҷа Зариф дар назди деҳаи Маликова, Хоҷа Шақиқи Балхӣ дар Себистон мансубанд ва дар миёни мардум дар бораи онҳо ривоятҳо мавҷуд аст.

Муҳаққиқ Ш.Т. Юсупов оид ба раванди ташаккули ҳудуди ноҳияи Данғара чунин менависад: «Дар сарчашмаҳои таърихӣ, аз ҷумла дар

асари Муҳаммад Яъқуб “Гулшану-л-мулук”, вазъи умумии бекигарии Балҷувон дар солҳои 1244–1287 ҳиҷрӣ (1828/1829–1870/1871 м.), ки ҳудуди имрӯзаи ноҳияи Данғараро низ фаро мегирифт, инъикос ёфтааст. Дар он давра, аз маҳаллаҳои асосии минтақа Ховалинг, Кангурт ва Пушинг бештар мавқеи намоён доштанд. Ховалинг бо тақрибан 60 хоҷагӣ ва Кангурт бо 20–30 хоҷагӣ дар муқоиса бо дигар деҳаҳои хурд, ки одатан 3–4 хоҷагӣ доштанд, аҳамияти бештар доштанд. Маркази маъмурии минтақа дар асри XIX ва ибтидои асри XX деҳаи Оқсу (Ёхсу) ба ҳисоб мерафт, ки танҳо дар солҳои 30-уми асри XX марказ ба деҳаи Данғара кӯчонида шуд. Баъдтар, дар замони истиқлол, номи Оқсу расман ба Ёхсу иваз гардид. Дар қаламрави ноҳияи Данғара аз давраҳои қадим роҳҳои муҳими тиҷоратӣ фаъолият мекарданд, ки то асри XX аҳамияти стратегӣ ва иқтисодии худро нигоҳ дошта буданд. Дар масири ин роҳҳо шаҳракҳо ва корвонсаройҳо ҷойгир буданд, ки мавҷудияти онҳо ҳам дар ёддоштҳои сайёҳони рус ва ҳам дар боқимондаҳои бостоншиносӣ тасдиқ мегардад. Аз ҷумла, корвонсаройи деҳаи Саргазон дар роҳи байни водии Вахш ва Данғара, инчунин як корвонсарой дар канори Себистон ва ду корвонсарой дар атрофи деҳаи Иттиҳод (Ҷетерган) мавҷуд буданд. То ибтидои асри XX инчунин қалъаи Сари Кӯпрук фаъолият доштааст, ки бо як ҳодисаи муҳимии таърихӣ марбут мебошад: тибқи маълумот охирин амири Бухоро Олимхон ҳангоми ақибнишинӣ аз Душанбе тавассути Ёвон аз дарёи Вахш гузашта, дар ҳамин мавзеъ бо таъқиби нерӯҳои савора рӯ ба рӯ шудааст. Дар раванди ин ҳодиса пул сӯхта ва амир мувaққатан дар деҳаи Ёхсу паноҳ бурда, баъдан ба Кӯлоб ақибнишинӣ намудааст ва ниҳоят 5 марти соли 1921 ба Афғонистон фирор кардааст» [162, с. 134–136].

Р.Л. Неменова доир ба амлокдории Тутқавул чунин менависад: «Дар амлокдории Тутқавул охири асри XIX тақрибан 50 деҳа мавҷуд буд, ки аз онҳо 40-тоаш тоҷикнишин ва танҳо 10-тои он маҳалли зисти лақайҳо

буданд» [117, с. 45]. Ёфт шудани ганҷинаи иборат аз 200 сиккаи бухорӣ аз ҷониби як сокини Паркамчӣ дар ҳавлии худ, эҳтимоли вуҷудӣ як деҳаи калонро нишон медиҳад, ки фаъолона ба тиҷорати маҳаллӣ ҳамроҳ буд.

Ҳамаи ёдгориҳои дар боло зикршуда, ки ба давраҳои қадимтарин, қадим ва асри миёна тааллуқ доранд, симои таърихии ноҳияи Данғараро ба таври назаррас муайян мекунанд ва хусусиятҳои фарҳангҳое, ки дар ҳудуди он вуҷуд доштанд, тасвир менамоянд.

Тибқи далелҳои пешниҳодшуда, метавон хулоса кард, ки ноҳияи Данғара яке аз минтақаҳои муҳимми таърихӣ ва бостоншиносии Осиёи Марказӣ мебошад. Таҳқиқоти бостоншиносӣ ва кашфиётҳои илмӣ нишон медиҳанд, ки ин минтақа дар тули ҳазорсолаҳо макони ташаккули тамаддун, рушду нумуи иқтисодӣ ва фарҳангӣ будааст. Дар асоси таҳлили корҳои бостоншиносӣ ва таърихӣ метавон гуфт, ки Данғара на танҳо як макони зисти қабилаҳои ориёӣ, балки яке аз марказҳои асосии шаҳрсозӣ, тиҷорат ва тамаддуни тоҷикон дар давраҳои гуногун будааст.

Аз гуфтаҳои боло ба чунин хулоса омадан мумкин аст, ки дар асрҳои миёнаи барвақт дар натиҷаи ҳуҷуми ғоратгарони араб шумораи ёдгориҳои таърихӣ аз байн рафт, дар давраи баъдӣ дар Данғара шаҳракҳо ташаккул ёфта, бо рушди инфрасохтор ва аҳаммияти стратегии худ шинохта мешуданд. Деҳаи Ғиҷовак, Паркамчӣ, Пушинг, Кангурт, Кулак, Данғара тавсеа ёфта, дар наздикии Сангтӯда қалъаи Сари Купрук бо мақсади назорати гузаргоҳи Вахш сохта шуд. Дар Булёни Боло шаҳри Хусравкалъа ба вуҷуд омад.

Дар асрҳои X-XII Данғара, ки қисми мулки Хутталро ташкил медод, рушд намуда, бо пайдоиши шаҳрҳои нав ва рушди мавҷудаҳо шинохта мешуд. Шаҳри Тамлиёт дар асри X ба авҷи шукуфоии худ расида, баъдан номи он ба Туткавул иваз гардид. Бо зуҳури давлати Сомониён шаҳрҳои нав, аз ҷумла, Пушинг, Шаштепа ва Тоҷикқалъа сохта шуда, бо шаклу услубҳои меъмории худ фарқ мекарданд.

Намунаҳои меъмории асрҳои XI–XVIII, махсусан, зерсутунҳои кандакорӣ бо навиштаҷоти арабӣ, рушди фарҳангиву ҳунарии даврро бозгӯ мекарданд. Дар ҳамин давра, мақбара Шаҳид дар маркази Данғара бунёд шуда, баъдан таҷдид гардид. Вале ҳамлаи муғулон боиси таназзули шаҳрҳо ва деҳаҳо гардида, зиндагии мардуми маҳаллӣ бештар ба деҳот тамаркуз ёфт. Танҳо дар замони Темуриён шаҳрсозӣ дубора эҳё шуда, ин нуктаро ёфт шудани ганҷинаҳои нуқрагӣ ва сиккаҳои темурӣ ва Султон Ҳусайни Бойқаро тасдиқ мекунад.

Дар давраи шуравӣ, бо сохтмони Неругоҳи барқи обии Норак ва тавсеаи инфрасохтор ноҳия босуръат рушд кард. Дар давраи соҳибистиқлолии Тоҷикистон, Данғара ба маркази муҳимми иқтисодӣ ва саноатӣ табдил ёфта, бо таъсиси Минтақаи озоди иқтисодӣ ва сохтмони иншооти муосир, симои нави шаҳрӣ касб намуд.

Омӯзиши ёдгориҳои таърихию фарҳангии ноҳияи Данғара дар заминаи таҳқиқоти ҷуғрофи таърихӣ, топонимика ва бостоншиносӣ, яке аз самтҳои муҳим ва умда дар илми таърих ва бостоншиносии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҷойгиршавии ҷуғрофии ноҳия, ки қисме аз доманакӯҳҳои ҷанубии Тоҷикистонро дар бар мегирад, дар тули асрҳо муҳити созгору дорои иқлими мутобиқ барои ташаккул ва пойдории зиндагии одамон, фаъолиятҳои чорводорӣ, кишоварзӣ, фарҳангӣ ва ҳунармандиро фароҳам овардааст. Ҳамин хусусиятҳо боис гардидаанд, ки Данғара ба яке азмарказҳои муҳимми тамаддуни қадим табдил ёбад.

Марҳилаҳои омӯзиши ёдгориҳои таърихии ин минтақа, ки аз нимаи дуюми асри XX оғоз ёфтаанд, нишон медиҳад, ки Данғара дорои як мероси бой ва гуногуни таърихӣ буда, таҳқиқоти пайвастаи илмӣ дар ин замина то имрӯз идома доранд. Дар ҷараёни ин таҳқиқот, олимон ба дастовардҳои назаррасе ноил шудаанд, ки шинохти пайдарпайи муҳити таърихӣ, равандҳои муҳоҷират, шаклгирии маҳалҳои аҳолинишин ва рушди шаклҳои гуногуни фарҳангиро имконпазир намудаанд. Аз ин

лиҳоз, таҷрибаи таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ноҳияи Данғара на танҳо як бахши муҳимми мероси илмии кишвар аст, балки ҳамчун заминаи устувор барои таҳқиқоти оянда низ хидмат мекунад.

Дар баробари таҳқиқоти бостоншиносӣ, масъалаи таҳлили топонимҳо ва номҳои таърихӣ низ аҳаммияти вижа касб мекунад. Таҳқиқоти топонимии номҳо ва вожаҳои ба Данғара марбут, аз ҷумла, шарҳҳои гуногун доир ба этимологияи худи калимаи «Данғара», имкони дарк ва фаҳмиши амиқтари зеҳнияти мардумӣ, хусусиятҳои забонӣ ва иртиботи таърихӣ бо фарҳанги забони тоҷикро фароҳам меоварад. Дар ин самт, таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки маънии номҳои маҳаллӣ аксаран ба хусусиятҳои ҷуғрофӣ, иқлимӣ ва таърихии минтақа иртибот доранд, ки худ ҷузъи муҳимми ҳофизаи таърихӣ ба шумор меравнад.

Масоили санагузории ёдгориҳо, яъне муайян сохтани таърихи илмии онҳо яке аз ҷанбаҳои калидии бостоншиносист. Муайян кардани пайдарҳамии (хронологияи) саҳеҳи ёдгориҳо бо истифода аз усулҳои классикӣ ва муосири санагузорӣ, аз қабили таҳлили услубшиносӣ, стратиграфия ва радио-карбонӣ, ба таҳқиқи дақиқтари тартиби таърихӣ ва рушди пайдарпайи равишҳои фарҳангӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара мусоидат мекунад. Танҳо бо доштани тасаввури амиқи замонии ҳар як ёдгорӣ метавон тасвири умумии равандҳои таърихии ин минтақаро барқарор намуд, ки ёдгориҳои ноҳияи мавриди таҳқиқ қарордошта аз палеолити боло (50-40 ҳазор сол пеш аз мелод) то асрҳои XVIII-XIX метавонанд барои дарки муҳимтарин масоили ҳаёти инсонӣ нақши созгори илмӣ дошта бошанд.

Таҳқиқот нишон дод, ки ҷалби маълумоти ҷуғрофӣ, таърихӣ ва маъмурӣ, муяйян сохтани марҳилаҳои асосии омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ ва мавриди таҳлил қарор додани маълумоти топонимӣ, ҳамчунин баррасии масолии санагазуроии ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара метавонад барои илман барқарор намудани манзараи таърихиву ҷуғрофӣ,

фарҳангӣ, иқтисодӣ-иҷтимоӣ ва сиёсии ин ноҳияи кишвар аз асрҳои III мелодӣ то XVIII мелодӣ ва арзёбии дараҷаи омӯзиши мероси таърихию фарҳангии ноҳия ҷойгоҳи махсуси илмӣ доранд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқоти анҷом шуда нишон медиҳанд, ки омӯзиши ҳамаҷонибаи шароити ҷуғрофӣ, рушди марҳилавии таҳқиқи бостоншиносӣ, таҳлили топонимҳо ва санагузории илмии ёдгориҳо, барои бозсозии манзараи таърихии ноҳияи Данғара аҳаммияти бунёдӣ дорад. Ин равиш на танҳо барои равшан сохтани мавқеи Данғара дар таърихи тамаддуни минтақа мусоидат мекунад, балки дар самти ҳифз ва тарғиби мероси фарҳанги миллӣ, тарбияи худшиносии таърихӣ ва ташаккули тафаккури илмии наслҳои оянда низ нақши муҳим мебозад.

# БОБИ II. ЁДГОРИҲОИ БОСТОНШИНОСИИ АСРИМИЁНАГИИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

## 2.1. Ёдгориҳои бостоншиносии ибтидои асримиёнагии ноҳияи Данғара (асрҳои III – VIII)

Давраи асримиёнагии барвақт (асрҳои III–VIII мелодӣ) яке аз марҳилаҳои асосӣ ва сарнавиштсози таърихи Осиёи Марказӣ, аз ҷумла, ҷануби Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Ин давра бо ташаккули низомҳои нави сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ, тавсеаи низомҳои тиҷоратӣ, густариши динҳои ҷаҳонӣ, ҳамчунин, бо зуҳури шаклҳои мукаммали шаҳрсозӣ фарқ мекунад. Омӯзиши ёдгориҳои марбут ба ҳамин давра дар ҳудуди ноҳияи Данғара шароити мусоидро барои дарки амиқи равандҳои таърихии минтақа дар давраҳои гуногун фароҳам месозад.

Ноҳияи Данғара дар асрҳои миёна ҳамчун маркази муҳимми тамаддун вуҷуд дошта, бо мавқеи стратегӣ миёни водиҳои ҷанубии кишвар ва наздикӣ ба роҳҳои асосии тиҷоратӣ, ҳамчунин, бо муҳити табии мусоиди зисту фаъолият, заминаи ташаккули нуқтаҳои устувори аҳолинишинро муҳайё намудааст. Осори моддии ин давра, аз ҷумла, қалъаҳо, манзилгоҳҳо, таҳкурсӣ ва деворҳои сохтмонӣ, зарфҳои сафолӣ, абзори рӯзгор ва дигар бозёфтҳои моддӣ, далели равшани мавҷудияти ҷомеае мебошанд, ки дорои сохтори муташаккили иҷтимоӣ ва иқтисодӣ буда, дар раванди шаклгирии низоми сиёсӣ ва фарҳангии минтақа нақши намоён доштааст.

Дар ҳамин марҳила заминаҳои ибтидоии ташаккули фарҳанги шаҳрӣ ва ҷомеаи кишоварзӣ-ҳунармандии муташаккил дар ҳудуди Данғара гузошта шуданд. Аз ин рӯ, таҳқиқи ёдгориҳои асримиёнагии барвақта на танҳо барои баррасии таърихи маҳаллии ноҳия, балки дар доираи густардаи омӯзиши таърихи иҷтимоӣ ва фарҳангии Осиёи Марказӣ аҳаммияти илмию амалии махсус дорад.

Боби мазкур ба тавсифи илмии ёдгориҳои таърихӣ ва бостоншиносии асримиёнагии барвақтаи ноҳияи Данғара, арзёбии сатҳи таҳқиқоти анҷомшуда ва таҳлили хусусиятҳои меъморӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии онҳо бахшида мешавад.

**Ёдгории Сари Купрук.** Ёдгориҳои бостонӣ ва меъмории Данғара дорои аҳаммияти илмӣ ва ҳунарӣ мебошад, ки аз қадимтарин давраи ташаккули инсон, пайдоиши ҷамъиятҳо ва давлатҳои мухталиф дар ин қаламрав [1-М, с. 160] гувоҳӣ медиҳанд. Бояд гуфт, ки ёдгориҳои ибтидои асри миёнаи Данғара кам омӯхта шудаанд ва ин мавзуъ яке аз проблемаҳои ҳалталаб мебошад.

Ёдгории Сари Купрук, воқеъ дар деҳаи Сангтӯдаи ноҳияи Данғара, аҳаммияти хосса дорад [152, с. 123]. Бо ҷойгиршавӣ дар мавқеи баландии табиӣ ва дороии сохтори мураккаби меъморӣ, ин ёдгорӣ намунаи равшани фарҳанги моддии сокинони водии Вахш дар асрҳои VII–VIII мелодӣ мебошад.

Мавқеи ҷуғрофии ёдгории Сари Купрук дорои аҳаммияти стратегӣ буда, баландии табиие, ки ёдгорӣ дар он ҷойгир аст, имкони назорати роҳҳои муҳимми тиҷоратӣ ва низомиро фароҳам меовардааст. Маҳз ҳамин хусусиятҳо сабаб шудаанд, то дар ҳамин макон қалъаву қаср сохта шавад ва он ҳамчун як маркази маъмурӣ ё низомӣ истифода гардад.

Дар баррасии масъалаи мазкур мо, асосан, ба натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносие, ки дар солҳои 1991 ва 2006 анҷом шудаанд, такя мекунем. Махсусан, таҳқиқоти олимони бостоншинос, чун И.А. Маслов [3, с. 1-9], Т.Г. Филимонова, М.Р. Ахмедзянов [147, с. 77-78] ва Д. Довудӣ [44; 45] барои баррасии масъалаи мазкур кӯмак хоҳанд кард.

Ёдгории таърихии Сари Купрук нахустин бор соли 1991 аз ҷониби бостоншиноси маъруф И.А. Маслов мавриди омӯзиш қарор гирифтааст. Корҳои асосии иктишофӣ ва таҳқиқотӣ, ки асосан, дар қисми шимолу

шарқии ин ёдгорӣ анҷом шуданд, даҳ ҳуҷраро пурра кушода, тоза карда шуд [4-М, с. 128].

**Ҳуҷраи № 1** дар гӯшаи шимолу шарқии ёдгорӣ ҷойгир буда, дар нақша шакли росткунҷа дорад ва аз самти шимол ба ҷануб тул кашидааст. Андозаи ҳуҷраи мазкур 4.3 м дарозӣ ва 2.65 паҳноиро ташкил медиҳанд. Деворҳои шимолӣ ва шарқии он, бар замми конструктивӣ, вазифаи мудофиавиро иҷро мекарданд. Девори ғарбӣ, ки аз похса бунёд гардидааст, бо баландии аз 0.7 то 1.1 м қисман то замони мо боқӣ мондааст.

Деворҳои шимолӣ ва ғарбӣ ба таври ҷиддӣ осеб дидаанд, аммо таҳқиқоти бостоншиносӣ нишон дод, ки дар пояи онҳо суфаҳо мавҷуд мебошад, ки паҳноии ин суфаҳо аз 90 см то 1 м ва баландии онҳо аз сатҳи фарш 30–35 см мебошад. Ҳам деворҳо ва ҳам суфаҳо аз хишти хом сохта шуда, рӯйи онҳо бо гил андова гардидаанд. Ин хусусиятҳои меъморӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳуҷра бо истифода аз усулҳои анъанавии сохтмон ва таҷрибаи маҳаллии меъморӣ бунёд ёфтааст [3, с. 1].

Бостоншинос И.А. Маслов доир ба хусусиятҳои даромадгоҳ ва харобаҳои ҳуҷра чунин менависад: «Даромадгоҳи ҳуҷра дар гӯшаи ҷанубу ғарбӣ, дар қисми ғарбии девор ҷойгир буда, паҳноии он 90 см-ро ташкил медиҳад. Ҳангоми корҳои бостоншиносӣ дар кунҷи ҷанубу шарқии ҳуҷра хуме ошкор гардид, ки нисфи он дар фарш гӯронида шуда, аз хокистар пур буд. Пас аз тозакунии он муайян шуд, ки хум эҳтимолан ҳамчун сандалӣ, яъне оташдон барои гарм намудани фазои дохилии ҳуҷра, истифода мегардид. Харобаҳои дохилии ҳуҷра, ки аз миқдори зиёди хокистар ва пораҳои похса иборат буданд, нишон медиҳанд, ки дар натиҷаи сӯхтори шадид деворҳо ва фарш осеби ҷиддӣ дида, эҳтимолан худи ҳуҷра пурра вайрон шудааст. Дар ҷараёни тозакунии дохилии ҳуҷра ду давраи истиқоматӣ муайян гардид. Давраи аввал қаблан тавсиф шуда буд, аммо ба давраи дуюм як қатор тағйирот мансубанд: суфа дар девори

шимолӣ қисман бурида шудааст; чоҳи хоҷагии шаклан конусмонанд кофта шудааст, ки қутри қисми болоии он 1,10 м, қутри қисми поёнаш 1,70 м ва чуқуриаш 1,20 м-ро ташкил медиҳад; фарш то сатҳи суфаҳо (30–35 см) пур карда шуда, дар канори девори шарқӣ суфаи хурде часпонида шудааст, ки паҳноияш 60 см ва баландияш 20 см мебошад» [3, с. 1–2].

Ин унсурҳои нави меъморӣ ба хусусиятҳои тағйирёфтаи истифодаи дохили ҳуҷра ишора мекунанд ва эҳтимолан, далели тағйири вазифаҳои он дар давраи дуюми истиқомати мебошанд

**Ҳуҷраи № 2**, ки дар самти ғарбии ҳуҷраи № 1 ҷойгир буда ва бевосита ба он пайваст аст, аз самти шимол ба девори мудофиа такя мекунад. Он дар нақша росткунҷа мебошад, ки аз самти шимол ба ҷануб тул кашидааст. Андозаҳои умумии ҳуҷра чунинанд: дарозӣ – 4,30 м ва паҳноӣ – 1,30 м. Деворҳо аз похса сохта шуда, боқимондаи баландии онҳо аз 0,7 то 1,10 м-ро ташкил медиҳад. Дар қисми шарқии ҳуҷра девори иловагии таъмирӣ аз сангҳои ҳамвор сохта шудааст, ки ғафсии он тақрибан 18 см - ро дар бар мегирад.

Фарши ҳуҷра мустаҳкам буда, дар баъзе қисматҳо нишонаҳои шикастагӣ ба назар мерасад, ки эҳтимолан натиҷаи истифодаи дарзмуддат таъсири омилҳои табиӣ инъикос мекунад. Ҳуҷраи №2 дорои ду даромадгоҳ мебошад: аввалин мустақим аз ҳуҷраи №1 мебаромад, дар ҳоле ки даромадгоҳи дуюм ба бурҷи дифоӣ мебаровард ва паҳноии он 80 см-ро ташкил медод [3, с. 2].

Таҳлили қабатҳои харобаҳо нишон медиҳад, ки дохили ҳуҷра, асосан, аз ангиштсанг, хокистар ва пораҳои похса иборат буда, ин ҳолати аз рух додани сӯхторӣ шадид, осеб дидани девору фарш ва эҳтимолан, фурӯпошии сохторҳои дохилӣ бино маҳсуб мешавад.

Роҷеъ ба бурҷи мудофиавӣ академик Юсуфшо Яқубов чунин менависад: «Бурҷи мудофиавӣ, ки дар қисми ғарбии ҳуҷраи №2 ҷойгир буда, тавассути гузаргоҳ бо он пайваст мешуд, шакли мудаввар дошта, қутраш 2 метрро ташкил медиҳад. Деворҳои бурҷ аз хишти хом бо

андозаҳои 50 × 27–30 × 12 см бунёд гардида, баландии боқимондаи онҳо то 1,40–1,70 м ҳифз шудааст. Фарши бурҷ нисбат ба сатҳи фарши ҳуҷраи №2 тақрибан 50 см пасттар ҷойгир буда, ғафсии деворҳои он 90 см-ро дар бар мегирад. Ҳангоми корҳои тозакунӣ дар дохили бурҷ ду давраи сохтмонӣ муайян гардид. Давраи аввал қаблан тавсиф шуда буд, аммо дар давраи дуюм фарши бурҷ бурида шуда, то чуқурии 4,5 м амиқ гардидааст, ки эҳтимолан ҳамчун чоҳи хоҷагӣ истифода мешуд» [3, с. 2].

Илова бар ин, дар ҷануби ҳуҷраи № 2 ҳуҷраи № 3 низ ошкор ва тоза шуд. Ин ҳолат нишон медиҳад, ки манзил ва сохторҳои ҳамсоя ба таври мантиқӣ ва ҳамоҳанг дар доираи тарҳи умумии муқаррарии маҳал ҷойгир шудаанд.

**Ҳуҷраи № 3** шакли ҳарфи «Г»-ро дошта, андозаҳои он ба таври зайл муайян шудаанд: дарозии қисми асосӣ аз ғарб ба шарқ 19,80 м буда, паҳнои он 3,50 м-ро ташкил медиҳад; қисми боқимондаи он аз шимол ба ҷануб 7,90 м дарозӣ ва 7,40 м паҳноӣ дорад. Ҳамаи деворҳои ҳуҷра аз хишти хом бунёд ёфтаанд, ки андозаи миёнаи онҳо 47–50 × 27–30 × 10–12 см-ро ташкил медиҳад. Ин хиштҳо, ки бо роҳи анъанавии ҳунармандӣ омода шудаанд, ба гурӯҳи маводди сохтмонии маъмул ва дастрас дар минтақа мансубанд. Деворҳо бо ғафсии 2,5-3 см андова гардидаанд, ки чунин усул на танҳо барои ҳамвор ва устувор намудани сатҳи девор, балки барои нагузаштани гармву сардӣ ва муҳофизати онҳо аз таъсири омилҳои муҳити зист хидмат мекард. Ин ҷузъиёт равшан нишон медиҳад, ки устоҳои маҳаллӣ ба анъанаҳои куҳани сохтмонӣ такя намуда, технологияи ҳунари сохтмониро бо маҳорати баланд истифода кардаанд [3, с. 3]. Ҳамчунин, чунин хусусиятҳо ба мо имкон медиҳанд, ки дар бораи сатҳи рушди меъморӣ, мутобиқати бино ба шароити иқлимӣ ва нигоҳдории анъанаҳои сохтмонӣ дар минтақаи таҳқиқшаванда хулосаи дақиқ барорем.

Девори ғарбӣ аз сангҳо бо маҳлули гил бунёд ёфта, дар ин қисмат ба қатори қабатҳои аслии сохтмонӣ мебарояд. Деворҳо дар қисми шарқӣ то баландии 1,15 м ва дар қисми ғарбӣ то 1,70 м боқи мондааст. Девори ҷанубӣ ҳамчун девори мудофиавӣ хидмат мекард, баландӣ ва паҳноии он 50 см буда, ба самти шарқ тоб хӯрда, дарозии умумии 4,60 м дорад. Ғафсии девори шарқӣ 1,60 м ва девори шимолӣ 1,20 м-ро ташкил медиҳад [3, с. 3].

Даромадгоҳи асосии ҳуҷра дар девори шарқӣ, дар гӯшаи шимолу шарқӣ ҷойгир буда, паҳнои он 1 м мебошад. Илова бар ин, гузаргоҳи дуюм ба ҳавлӣ ё маҷмааи қаср мебаромад ва паҳноии он 7,40 см-ро ташкил медод.

Дар қисми шимолу шарқии ҳуҷра, дар пояи девори шимолӣ, суфае ҷойгир шудааст, ки аз хишти хом сохта шуда, ки бо гил андова гардидааст. Дарозии суфа 4,80 м, паҳнои он 1 м ва баландияш 40 см мебошад. Ин суфа бо тарҳи худ то болои гузаргоҳи ҳуҷраи №6 идома ёфта, эҳтимолан, дар фаъолияти рӯзмарраи истиқоматкунандагон нақши муҳим бозидааст. Фарши ҳуҷра комилан ҳамвор буда, хуб андова гардидааст, ки нишондиҳандаи сатҳи баланди маҳорати сохтмони он давра мебошад.

Дар девори ҷанубии ҳуҷра қисмҳои ҷойи ду сутуни роскунҷаро тоза карданд, ки ҷойи сутуни якум дар масофаи 2,70 м аз гӯшаи ҷанубу шарқӣ ва 1,10 м аз девори ҷанубӣ, дуртар ҷайгир буда сутуни росткунҷа мебошад, ки андозаи он 30 × 20 см ва чуқурии 18 см тоза карда шуданд. Қисми поёнии сутун бо қум ва хок пур шуда буд. Ҷойи сутуни дуюм дар самти ғарб нисбат ба сутуни аввал ва дар масофаи 7,50 м аз гӯшаи ҷанубу шарқӣ ва 1,10 м аз девори ҷанубӣ ҷойгир шудааст, ки шакли он мураббаъ буда, андозаи сутуни дуюм нисбат ба сутуни якум каме калон буда, андозаи он 25 × 25 см ва чуқурии он 20 см мебошад. Мавҷуд будани ду сутун бо чунин тарзи ҷойгиршавӣ нишон медиҳад, ки онҳо, эҳтимолан, барои нигоҳдории сохтори пӯшиш ва таъмини устувории боми бино хидмат мекарданд [3, с. 3].

Бостоншиносон дар девори ҷанубии ҳуҷра қисмҳои ҷойи ду сутуни росткунҷаро тоза карданд. Ҷойи сутуни аввал дар масофаи 2,70 м аз гӯшаи ҷанубу шарқӣ ва 1,10 м аз девори ҷанубӣ қарор дошт; шакли сутун росткунҷа буда, андозаи он 30 × 20 см ва чуқурии он 18 см мебошад. Қисми поёнии сутун бо қум ва хок пур шуда буд. Ҷойи сутуни дуюм нисбат ба сутуни аввал дар самти ғарб ҷойгир шуда, дар масофаи 7,50 м аз гӯшаи ҷанубу шарқӣ ва 1,10 м аз девори ҷанубӣ қарор дорад; шакли он мураббаъ буда, андозаи сутун 25 × 25 см ва чуқурии он 20 см мебошад. Мавҷуд будани ду сутун бо чунин тарзи ҷойгиршавӣ нишон медиҳад, ки онҳо эҳтимолан барои нигоҳдории сохтори пӯшиш ва таъмини устувории умумии бино боми хона хизмат кардаанд.

Дар масофаи 8,50 м аз девори шарқӣ ба самти ғарб, назди девори ҷанубӣ, хуме бо баландии 1,10 м ва қутри 50 см дарёфт шуд. Ин бозёфт эҳтимолан, ҳамчун зарфи анбор хидмат карда, барои нигоҳдории маҳсулоти хӯрокӣ ё об истифода мешуд. Илова бар ин, дар масофаи 11,75 м аз девори шарқӣ ба самти ғарб, назди девори шимолӣ, гарданаи хуме ба даст омад, ки ба фарш фурӯ рафта буд ва ҳамчун сандалӣ (оташдон) истифода мешуд. Вуҷуди чунин унсурҳои меъморӣ ба хусусиятҳои ҳаёти рӯзмарраи истиқоматкунандагон ва тарзи гармидиҳии фазои дохилии ҳуҷра далолат мекунад.

Дар масофаи 2,50 м аз кунҷи шимолу ғарбӣ ба самти ҷануб ва 1,90 м аз девори шимолӣ, тануре (дегдон ё оташтон) ошкор гардид, ки қутри он 40 см ва баландии умумии он 40 см мебошад. Аз ин баландӣ 20 см аз сатҳи фарш боло баромадааст. Мувофиқи мавқеъ ва тарҳи худ, ин танур ба давраи дуюми истиқоматӣ мансуб буда, барои пухтупаз ё дигар корҳои хона истифода мешуд.

Ҳангоми тозакунии ҳуҷра дар девори шимолӣ панҷ ҷуқурии шакли росткунҷа бо андозаи 15х20 см ошкор гардиданд. Ин ҷуқурҳо, эҳтимолан, барои ҷойгир намудани сутунҳо пешбинӣ шуда буданд. Аз рӯйи чунин жарфҳо ва ҷойгиршавии онҳо, метавон хулоса кард, ки пӯшиши болои

ҳуҷра ҳамвор буда, бо истифода аз усулҳои анъанавии сохтмонӣ сохта шудааст.

Харобаҳои ҳуҷра аз ду қабат иборат буданд: қабати зич ва қабати рӯйи фарш. Қабати болоӣ ғафсии 30 см дошта, дорои ранги сабз буд. Маводди қабати сабз, эҳтимолан, пайдоиши табиӣ дошта, миқдори зиёди устухонҳои ҳайвонотро дар бар мегирифт. Ин хусусиятҳо нишон медиҳанд, ки ҳуҷра дар давраҳои гуногуни истиқоматӣ истифода мешуд ва маводди табиӣ, эҳтимолан, аз фаъолияти рӯзмарраи инсонҳо дар он ҷо ҷамъ гардидааст [3, с. 3].

Ин ҷузъиёт далели равшани сатҳи баланди созмондиҳии меъморӣ, истифодаи технологияҳои анъанавӣ ва тарзи зиндагии сокинони давраҳои таҳқиқшавандаро инъикос мекунад.

**Ҳуҷра №4**, дар қисмати ҷануби ҳуҷраи №3 ҷойгир буда, он дар нақша росткунҷа мебошад. Дарозии он аз ғарб ба шарқ 3,20 м ва паҳнояш аз шимол то ҷануб 2,10 м мебошад. Деворҳои шимолӣ, шарқӣ ва ғарбӣ аз хишти хом сохта шудааст. Девори ҷанубии ҳуҷра аз санг сохта шудааст. Деворҳои шимолӣ ва ғарбӣ бо ғафсии 50 см ҳамчун деворҳои дохилӣ хидмат мекарданд. Девори шарқии ҳуҷра бо ғафсии 50 см то баландии 1,10 м боқӣ мондааст. Даромадгоҳ ба ҳуҷра муайян нагардид, вале дар кунҷи шимолу ғарбӣ зинае бо баландии 35 см ва бараш 25 см тоза карда шуд, ки эҳтимолан, сокинон тавассути он ба ҳуҷра ворид мешуданд. Девори ғарбӣ дорои суфаест, ки баландии он 70 см ва паҳнояш 1 м мебошад. Дар болои суфа ду оташдон бо қутри 50 см ва жарфои 40 см тоза карда шуданд. Илова бар ин, дар масофаи 1,30 м аз девори шимолӣ ба самти ҷануб як кӯза, ки ба фарш гӯронида шуда буд, пайдо гардид. Харобаҳои ҳуҷра аз миқдори зиёди хокистар ва ангиштсанг, ҳамчунин, қабати оббандӣ ва васлшуда иборат буданд, ки дар натиҷа зиёда аз ҳашт зарфи комил кашф гардид. Ин ҷузъиятҳо нишон медиҳанд, ки ҳуҷра дар фаъолияти рӯзмарраи истиқоматкунандагон нақши муҳимми хоҷагӣ ва маишӣ

дошта, истифодаи он бо тарзи муташаккили меъморӣ ва таҷрибаи анъанавии сохтмонӣ мутобиқ буд [3, с.4].

**Ҳуҷра №5**, ки дар самти ғарбии ҳуҷраи №4 ҷойгир аст, дар нақша шакли росткунҷаро дорад ва аз самти ғарб ба шарқ тул кашидааст. Дарозии он 7 м ва паҳноияш 3 м мебошад. Деворҳои шимолӣ, шарқӣ ва ғарбӣ ҳамчун деворҳои дохилӣ (деворҳои пардавӣ) хидмат мекунанд, дар ҳоле ки девори ҷанубӣ аз санг сохта шудааст.

Дар масофаи 1,5 м дар кунҷи шимолу шарқии самти ғарбӣ як чоҳи хоҷагӣ тоза карда шуд, ки қутри он 1 м ва жарфои он 1,20 м мебошад. Чоҳ бо хокистар ва хок пур шуда, аз дохили он миқдори зиёди маводди сафолии калон ба даст оварда шуд, ки далели истифодаи чоҳ барои захира ва нигоҳдории ашё мебошад.

Ғарбтар аз чоҳи хоҷагӣ, дар масофаи 2 м ду оташдон – танур тоза карда шуданд, ки эҳтимолан, барои пухтупаз истифода мешуданд. Фарши ҳуҷра ҳамвор мебошад, ки ин нишондиҳандаи истифодаи маводди маҳаллӣ ва навъҳои анъанавии сохтмон мебошад.

Ҳангоми таҳқиқоти бостоншиносӣ ду давраи истиқомати дар ҳуҷраҳо муайян шуданд. Дар давраи дуюм девори шимолии дохилӣ (пардагӣ) бо баландии 1,45 м боқӣ мондааст, ки ин нишондиҳандаи сохти такмилёфтаи девор барои давраи истиқомат мебошад. Сатҳи фарши давраи дуюм нисбат ба сатҳи фарши давраи аввал 40 см баландтар ҷойгир шудааст нишон медиҳад, ки дар ин давраҳо тарҳи меъморӣ амалӣ шуда, ҳамзамон, тарҳи ҳуҷра ва унсурҳои дохилӣ мутобиқ ба талаботи истиқомат ва амалӣ намудани вазифаи хонавода такмил шудаанд [3, с. 5].

Ин маълумот нишон медиҳад, ки дар муддати гуногун истифодаи ҳуҷраҳо ва сохторҳои дохилӣ ба талаботи нав ва шароити амалӣ мутобиқ гардонида шудаанд ва инҳо нишондиҳандаи сатҳи баланди таҷрибаи меъмории мардуми давраҳои таҳқиқшаванда мебошад.

**Ҳуҷра №6** дар самти шарқии ҳуҷраҳои №3 ва №4 ҷойгир буда, бо ҳуҷраи №3 тавассути гузаргоҳ пайваст мебошад ва ҳамзамон, худ ҳамчун гузаргоҳ хидмат мекунад. Ин ҳуҷра ҳуҷраҳои дигарро бо низоми мудофиа мепайвандад, яъне, ҳамзамон, ҳамчун гузаргоҳ ба девори мудофиавӣ низ истифода мешавад. Фарши ҳуҷра ҳамвор буда, ба самти девори мудофиа бо шакли барозроҳ роҳрави – барозӣ (пандус) анҷом меёбад. Ин хусусият гувоҳи назорати ҳаракат дар дохили бино ва натиҷаи истифодаи фазои дохилӣ мебошад, ки ба тарҳи мукаммали меъморӣ ва сохтори амалӣ ва мудофиавии ёдгорӣ мувофиқат мекунад.

**Ҳуҷра №7** дар кунҷи шимолу ғарби ҳуҷраи №3 ҷойгир буда, шакли росткунҷа дорад ва аз самти ғарб ба шарқ тул кашидааст. Дарозии ҳуҷра 4,40 м ва паҳнояш 1,80 м мебошад. Деворҳои шимолӣ ва шарқӣ, ҳамзамон, ҳамчун деворҳои мудофиавӣ хидмат мекунанд. Деворҳои ғарбӣ ва ҷанубӣ аз хишти хом сохта шуда, то баландии 50 см боқӣ мондаанд. Даромадгоҳи ҳуҷра дар девори ғарбӣ ва дар кунҷи шимолу ғарбӣ ҷойгир буда, паҳноияш 90 см мебошад. Фарш ва деворҳои ҳуҷра бо қабати ҳамвор ва баробар андова шудаанд. Дар гузаргоҳ оташдони танурмонанд (дегдон) ошкор гардид, ки эҳтимолан, ба давраи дуюми истиқомати марбут аст. Харобаҳои ҳуҷра аз лахчапораҳо, хокистар ва лойи обшуста иборат буда, аз қабати онҳо миқдори зиёди устухонҳои сӯхтаи ҳайвонот низ пайдо шудааст. Ин унсурҳо нишондиҳандаи истифодаи дохилӣ, вазифаи хонадорӣ ва тарзи истифодаи ҳуҷра дар давраҳои гуногуни истиқомат мебошанд [3, с. 5].

**Ҳуҷра №10** дар самти шарқи ҳуҷраи №9 ҷойгир буда, тавассути гузаргоҳ ба он пайваст мешавад. Деворҳои ҳуҷра аз хишти хом бо андозаҳои 50×30×12 см сохта шудаанд. Девори ғарбӣ аз похса бунёд гардидааст. Ҳамаи деворҳо дорои суфаҳое мебошанд, ки паҳноияшон 1 м ва баландияшон 15–20 см буда, аз хишти хом сохта шуда, бо гаҷ андова

шудаанд. Даромадгоҳи ҳуҷра дар девори ғарбӣ, дар кунҷи ҷанубу ғарб ҷойгир буда, паҳноияш 90 см мебошад.

Ҳангоми таҳқиқоти ҳуҷра ду давраи истиқомати муайян шуданд: давраи аввал қаблан тавсиф шуда буд, дар давраи дуюм фарш бо гил ва сангҳо то сатҳи рӯйи суфа пур шудааст. Дар гӯшаи шимолу шарқии ҳуҷра оташдон (дегдонча) тоза шуд, ки қутраш 40 см ва баландияш 50 см мебошад. Харобаҳои ҳуҷра аз қабати зичи похсаи фурӯрафта ва хишти хом иборат буда, фарши он бо қабати хокистар ва лахчаҳо (ангишт) пур шудааст.

Ҳангоми таҳқиқ миқдори зиёди пораҳои зарфҳои сафолии рӯзгордорӣ ба даст оварда шудаанд, ки ин нишондиҳандаи истифодаи рӯзмарра ва вазифаи маишии ҳуҷра мебошад. Унсурҳои ошкоршуда нишондиҳандаи истифодаи ҳуҷра дар ҳаёти рӯзмарраи истиқоматкунандагон ва тарзи фаъолияти хонадорӣ ва маишии онҳо мебошад

**Ҳуҷраи №11** дар самти шимолии ҳуҷраи №10 ҷойгир буда, дар нақша шакли росткунҷа дорад ва аз самти шимол ба ҷануб тул кашидааст. Дарозии он 6 м ва паҳноияш аз ғарб ба шарқ 4,40 м мебошад. Деворҳои ҷанубӣ ва ғарбӣ аз хишти хом сохта шуда, деворҳои шимолӣ ва шарқии он аз похса бунёд гардидаанд. Танаи ҳамаи деворҳо ҳамвор буда, бо гил андова шудааст, ки нишондиҳандаи назорати сифати сохтмон ва риояи технологияҳои анъанавии сохтмон мебошад.

Даромадгоҳи ҳуҷра дар кунҷи ҷанубу шарқӣ ҷойгир буда, паҳноии он 90 см аст ва ба долони даврзананда мебарояд, ки ин долон атрофи ҳамаи деворҳои ҳуҷра тул мекашид. Дар дохили ҳуҷра деворҳои дохилӣ (пардагӣ) сохта шуда, аз хишти хом дар ду қатор ба таври амудӣ гузошта шудаанд. Девор аз хишти хом бо изофаи лой эъмор гардида, рӯйи онҳо бодиққат бо гаҷ андова шудааст. Ғафсии деворҳои дохилӣ 50 см буда, то баландии 40–60 см боқӣ мондааст. Ин деворҳо долони даврзанандаро аз як ҳуҷраи хурди росткунҷа ҷудо менамуданд, ки андозаи он 2,70 × 2,20 м

мебошад. Даромадгоҳ ба ҳуҷраи хурд дар гӯшаи шимолу шарқӣ ҷойгир буда, паҳноии он 70 см мебошад [3, с. 6].

Дар назди даромадгоҳ зинача аз хишти хом сохта шуда, баландии он 15 см ва паҳноии он 30 см мебошад. Ҷанубтар аз даромадгоҳ, дар масофаи 30 см, чуқурии росткунҷа бо андозаи 40 × 1,50 м ҷойгир аст, ки нисбат ба сатҳи фарш 12 см поёнтар ҷойгир гардидааст. Ҳамчунин, дар масофаи 30 см аз девори ғарбӣ ва 45 см аз деворҳои ҷанубӣ ва шимолӣ ҷуқурии чоркунҷае бо андозаи 1,20 × 1,20 м ҷойгир аст, ки сатҳи болои он ҳамвор буда, дар он чуқурии мудаввар бо қутри 60 см ва баландии канораҳои 6 см ҷойгир шудааст.

Ба девори шарқӣ девори иловагии таъмирии сангӣ бо ғафсии 20 см часпонида шудааст. Ҳамаи ин унсурҳо нишондиҳандаи сохтори мукаммал ва тарҳи дастгоҳҳои дохилии ҳуҷра буда, бо мақсади фаъолияти хонавода ва амалӣ кардани талаботи истиқомат ва хонадорӣ сохта шудаанд.

Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ёдгории таърихии «Сари Купрук», чор маҷмуаи сохторӣ муайян шудаанд, ки ҳар кадоми онҳо вазифа ва хусусиятҳои меъмории хосси худро дошта, сохтори умумии ёдгориро ташкил медиҳанд.

Аввалин маҷмуа – қаср мебошад, ки аз чор ҳуҷра иборат аст ва дар маркази он оташдон ҷойгир гардида, эҳтимолан, ҳамчун маркази маишӣ ва ҷараёни рӯзмарраи истиқомат хидмат мекардааст.

Дуюм, маҷмуаи хоҷагӣ, ки аз се ҳуҷра – ҳуҷраҳои 3, 4 ва 5 – иборат буда, вазифаи хоҷагидорӣ ва ташкили корҳои рӯзмарраи аҳолиро ба зимма доштааст. Дар ин маҷмӯа унсурҳои нигоҳдории мавод, оташдонҳо ва дигар қуттиҳои нигоҳдорӣ ошкор гардидаанд, ки ба фаъолияти хоҷагӣ алоқаманд мебошанд.

Сеюм, маҷмааи истиқоматӣ, ки эҳтимолан, ҳамчун хобгоҳ ва манзили коргарон хидмат мекард, аз чор ҳуҷра – ҳуҷраҳои 7, 8, 9 ва 10 – иборат аст. Ин маҷмуа нишондиҳандаи сохтори ҳамоҳанг ва мантиқии макони

истиқомат барои гурӯҳи муайяни аҳолӣ мебошад, ки тарзи зиндагии онҳо ва тарзи ташкили фазои дохилиро инъикос мекунад.

Чорум, маҷмуа аз ду ҳуҷра – ҳуҷраҳои 1 ва 2 – ва як манораи мудофиавӣ иборат мебошад. Манораи мудофиа бо мақсади ҳифзи ёдгорӣ ва назорати ҳаракат дар дохили он сохта шуда, бо ҳуҷраҳои ҳамсояи худ пайваст шудааст [3, с.7].

Ҳамаи чор маҷмуа бо тарзи мантиқӣ ва ҳамоҳанг сохта шуда, сохтори умумии ёдгории «Сари Купрук»-ро ташаккул медиҳанд.

**Ҳуҷра №11,** ки ҳамчун муқаддасгоҳ муайян шудааст ва дар он оташдоне эъмор гардидааст, ки эҳтимолан барои истифодаи кормандон ва сарбозони муҳофизи аҳолӣ сохта шудааст. Ин ҳуҷра на танҳо мақоми маънавӣ дошт, балки барои иҷрои расму ойинҳо ва маросимҳои динӣ ё анъанавӣ низ хидмат мекард, яъне вазифаи маросимӣ дошт. Аз ин лиҳоз ҳуҷра ҳамчун унсури муҳимми низоми мудофиавӣ ва идоракунии дохилии ёдгорӣ низ аҳаммияти стратегӣ ва иҷтимоӣ дошт.

Ҳангоми корҳои бостоншиносӣ дар ёдгории Сари Купрук қисман низоми мудофиавӣ низ ошкор гардид. Девори мудофиавӣ, ки ғафсии он аз 5 то 12 метр фарқ мекунад, аз қисмати шимолу шарқӣ то ғарб 80 метр тул кашида, сохтори мудофиавии пурқувват ва самараноки ёдгориро ташкил медиҳад. Даромадгоҳи марказӣ ба ёдгорӣ дар қисмати шимолу шарқӣ ҷойгир буда, 18 метр аз канори ғарбӣ масофа дорад, паҳноии он 4,10 метр ва дарозии гузаргоҳ 5 метр мебошад. Дар қисмати шимолии остонаи чӯбини даромадгоҳ бо андозаи 25×25 см ва сутуни дар бо андозаи 30×30 см тоза карда шуд, ки баландии боқимондаи он 1 метр мебошад. Остонаи даромадгоҳ аз тарафи берунӣ бо сангҳо чида шуда, қисмати шарқии девори дарвоза аз похса сохта ва бо сангҳо рӯйпӯш шудааст, дар ҳоле ки девори мудофиавӣ дар самти ғарб аз хишти хом ва қабатҳои похса бунёд ёфтааст. Дар масофаи 65 см ғарбтар аз гӯшаи шимолу шарқӣ арки гузаргоҳ тоза карда шуд, ки ба долони девори дифоӣ мебурд. Дар давраи

дуюми сохтмонӣ, ин гузаргоҳ бо хишти хоми сурх бунёд шудааст, эҳтимолан, бинобар фурӯ рафтани қабати аввал сокинонро лозим омад, ки онро дубора таъмир созанд. Роҳ ба маҳалла дар паҳлуи девори дифоӣ ба шакли барозроҳ (пандус) мефаромад, ки нишондиҳандаи самаранокии назорати ҳаракат ва муносибии фазои дохилӣ мебошад.

Аз гузаргоҳи марказӣ ба самти ҷануб долони шакли «Г» ҷойгир буда, ба сатҳи ҳавлии ёдгорӣ мебурд. Дарозии долон аз ғарб то шарқ 23,30 метр, паҳноии он 3,60 метр ва дарозии амудӣ аз самти шимол ба ҷануб 12,60 метр мебошад; дар қисми шарқ паҳноии долон ба 5,60 метр мерасад. Дар қисми шарқии долон манораи мудофиавӣ ҷойгир буда, унсури стратегӣ ва назоратиро таъмин менамуд.

Дар масофаи 2,7 м аз гӯшаи ҷанубу ғарбӣ даромадгоҳ ба самти ҷануб, ба девори ҷанубӣ зинапоя (пилон) -и росткунҷа ҷойгир шудааст, ки андозаи он 2,3х0,8 м мебошад. Дар масофаи 4 метр аз гӯшаи шимолу ғарби долон ба самти ҷануб гузаргоҳ ба ҳуҷраи 11 (муқаддасгоҳ) мебарад. Ин гузаргоҳ ба ҳавлӣ-ёдгории Сари Купрук мебаромад ва тамоми маҷмуаҳои ҳуҷраҳо – дохилӣ, хоҷагӣ, истиқоматӣ ва мудофиавӣ пурра ошкор карда шудаанд.

Ин таҳқиқот нишон медиҳад, ки ёдгорӣ, эҳтимолан, ҳамчун қасри ҳокими шаҳри Леваканда (Левканда) хидмат мекард ва манзили тобистонаи ҳокими Рустои Вахш маҳсуб меёфт. Таҳлили муфассали маводди бостоншиносӣ ва манбаъҳои хаттӣ имкон медиҳад, ки хулосаҳои мушаххас дар бораи вазифаи ёдгории «Сари Купрук» бароварда шаванд, ки ин ёдгорӣ, ҳамчунин, гувоҳи сатҳи баланди меъмории давраи таҳқиқшаванда ва таҷрибаи амалӣ ва мудофиаии аҳолӣ мебошад [3, с. 8].

Бостоншинос И. Маслов доир ба бозёфтҳои моддии ёдгории Сари Купрук чунин менависад: «Дар ҷараёни корҳои бостоншиносии соли 1991 дар ёдгории таърихии Сари Купрук як қатор бозёфтҳои арзишманд муайян ва таҳқиқ гардиданд, ки онҳо аз ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва низоми мудофиавии аҳолӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ шаҳодат

медиҳанд. Аз қабатҳои гуногуни ёдгорӣ сиккаҳои зиёде пайдо шуданд, ки барои муайян намудани стратиграфияи ёдгорӣ ва омӯзиши робитаҳои сокинони он бо минтақаҳои ҳамҷавор аҳаммияти махсуси илмӣ доранд. Дар маҷмӯъ, соли 1991 аз ҳудуди ёдгорӣ панҷ сиккаи мисӣ ва як сиккаи нуқрагӣ кашф гардид. Хусусиятҳои шаклӣ ва рамзии онҳо мансубияти онҳоро ба давраҳои гуногуни таърихӣ нишон медиҳанд» [3, с. 8].

Дар байни бозёфтҳо сиккаҳои мисие мавҷуд буданд, ки қутрашон 2 см буда, дар рӯйи онҳо тасвири барқади шоҳ дар назди қурбонгоҳ, аз паҳлуи рост, нақш гардидааст, дар ҳоле ки тарафи пушти сиккаҳо фарсуда шудааст. Ин навъи сиккаҳо ба давраи ҳукмронии Канишкаи I (105–128) мансуб буда, намунаҳои онҳо дар дигар минтақаҳои ҷанубии Тоҷикистон ва ҷанубу шарқии Ӯзбекистон низ зиёд бозёфт шудаанд [49, с. 196].

Дар баробари ин, як сиккаи мисии суғдӣ низ пайдо гардид, ки барои омӯзиши робитаҳои тиҷоратии Тахористон ва Суғд дар нимаи дуюми асри VII ва ибтидои асри VIII мелодӣ аҳаммияти муҳим дорад [140, с. 220–230].

Ҳангоми корҳои ҳафриётӣ инчунин миқдори зиёди ашёи филизӣ, аз ҷумла пайконҳо, кордҳо ва дигар олот кашф шуданд, ки ба фаъолияти ҳарбӣ ва рӯзгори аҳолӣ марбут мебошанд. Маводди сафолӣ қисми асосии бозёфтҳои ҳафриётиро ташкил дода, дар натиҷаи таҳлил шартан ба чор гурӯҳ ҷудо карда шуданд: 1). зарфҳои рӯимизӣ; 2). зарфҳои пухтупаз; 3). зарфҳои хоҷагидорӣ; 4). зарфҳои шустушӯӣ [3, с. 8].

Ёдгории Сари Купрук бори дуюм соли 2006 дар натиҷаи оғоз шудани корҳо дар сохтмони НБО Сангтӯда 1 дар минтақаҳои зериобшаванда аз ҷониби бостоншиносон Т.Г. Филимонова ва М.Р. Ахметзянов мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст. Дар натиҷаи корҳои ҷустуҷӯӣ баъзе ёдгориҳоро ошкор гардид, ки дар миёни онҳо ёдгории Сари Купрук муҳим ба назар мерасад [147, с. 77].

Бостоншинос Т.Г.Филомонова доир ба мавқеи ҷойгиршавии ёдгории Сари Купрук чунин менависад: «Ёдгорӣ дар болои теппаи сангини табиӣ, дар канори ҷарӣ бунёд гардида буд, ки онро шохобе аз дарё аз соҳил ҷудо менамуд. Аз нигоҳи стратегӣ мавқеи ёдгорӣ хеле мувофиқ интихоб шудааст. Аз як тараф, он дар минтақаи нисбатан ҷудогона ҷойгир буда, аз ҷониби дигар, имкони ташкили гузаргоҳи муносиб аз болои дарёи Вахшро фароҳам меовард. Баъдтар дар ҳамин мавзеъ пуле сохта шуд, ки номи ёдгорӣ низ аз он гирифта шудааст. Худи пул то ибтидои асри XX мавриди истифода қарор дошт» [147, с. 78].

Ёдгорӣ дар нақша шакли наздик ба росткунҷа мебошад, ки аз самти шимол ба ғарб бо дарозии 230 метр тул кашидааст. Паҳноии он дар қисмати шимолӣ 20 метр ва дар ҷанубӣ 90 метрро ташкил медиҳад. Вақте ки бостоншиносон соли 2006 дар мавзеи Сарри Купрук корҳои таҳқиқотиро оғоз намуданд, аллакай корҳои сохтмони сарбанди НБО-и Сангтӯда 1 давом дошт, зеро маҳз дар ин ҷо ҷойи сарбанди обанбор воқеъ гардидааст (расми 7).

Ёдгориро як дараи хурд ба қисмҳои шимолӣ ва ҷанубӣ ҷудо мекунад, ки тибқи гуфтаи И.А. Маслов, дар ҷануб қаср ва дар шимол қалъа воқеъ буд [3, с. 9]. Биноҳои қаср, ки дар қисми ҷанубии ёдгорӣ ҷойгир буданд, аз ҷониби сохтмончиёни неругоҳ хароб шуда буданд ва бостоншиносон барои омӯхтани он маводди заруриро пайдо накарданд ва таҳқиқотро дар биноҳои боқимонда дар қисми шимолии ёдгорӣ идома доданд. Ҳамчунин, дар натиҷаи таҳқиқот маълум шуд, ки биноҳои асосии қаср дар қисми ҷанубии ёдгорӣ ҷойгир будаанд [147, с. 81].

Қисмати шимолии ёдгории Сари Купрук 80 м дарозӣ ва 50 м паҳноӣ дорад. Дар миёни майдон ҷӯйборе воқеъ аст, ки дарозии он 50 м ва паҳноияш 10,5 м мебошад ва он рафта ба дарёи Вахш мерезад.

Дар гирду атрофи ҷӯйбори болозикр майдонҳои ҳамворе буданд, ки қаблан дар он ҷо биноҳо қомат афрохта, бо мурури замон то оғози корҳои

таҳқиқотии бостоншиносӣ биноҳо вайрону валангор шуда буданд. Бостоншиносон дар самти шимолӣ, ки якбора ҷӯйбор 5 м ҷуқур мешавад, корро сар карданд. Дар натиҷа, чоҳе пайдо гардид, ки ба эҳтимоли зиёд, дар аввал ҳамчун партовгоҳ хидмат мекард ва пас аз нисф пур шуданаш, он ҳамчун маҳаллаи истиқоматӣ ва баъдан боз ҳамчун бадраб (партовгоҳ) истифода мешуд [4-М, с. 130].

Филимонова, Т.Г. дар бораи қабатҳои чоҳ чунин қайд мекунад: «Дар ҷараёни таҳқиқоти бостоншиносӣ дар дохили чоҳ қабатҳои гуногуни уфуқӣ ошкор гардиданд, ки аз ҷониби муаллифон ба чор қабат ҷудо карда шудаанд: қабати аввал – қабати нарм бо таркиби хокистар ва пору, ки умқи он то 1,5 м мерасад; қабати дуюм – қабати гилхоки тира бо фаровонии сафолпораҳо ва устухонҳо, ки аз чуқурии 1,6 м оғоз шуда, то 2,6 м идома меёбад; қабати сеюм – қабати гилхоки сахти равшан, ки дар он сафолпораҳо ба таври пароканда ва кам ба назар мерасанд ва аз чуқурии 2,6 м оғоз гардида, то 3,2 м мерасад; қабати чорум – дар самти шарқии чоҳ ҷойгир буда, аз хокистари сиёҳ ва қаҳваранг иборат аст, ки умқи он аз 3,2 м то 4 м мебошад (расми 8). Дар поёни ин қабат, баъд аз анҷоми хокистар, пораҳои похса мушоҳида шудаанд» [147, с. 82].

Дар раванди таҳқиқот муайян гардид, ки қабати дуюм ба давраи зисти инсонҳо мансуб аст. Дар ин қабат боқимондаҳои деворҳо мушоҳида шуданд, ки асосан аз санг ва қисман аз похса сохта шудаанд. Дар як самт порчаи девори сангӣ бо андозаи 1х1 м боқӣ мондааст, ки сатҳи ноҳамвори он бо гил ҳамвор карда шудааст. Бар асоси натиҷаҳои таҳқиқот, қисми зиёди деворҳои ин бино валангор шудаанд [147, с. 82].

Ҳангоми таҳқиқоти бостоншиносӣ аз ёдгорӣ ашёҳои гуногун, аз қабили сафолпораҳо, сиккаҳо ва дигар лавозимоти рӯзгор пайдо шуданд, ки барои муайян намудани санаи ёдгорӣ кӯмак расониданд.

Фарҳанги моддии ёдгории бостонии Сари Купрук ҳамчун нишондиҳандаи возеҳи сатҳи баланди рушди ҳунармандӣ ва тарзи

зиндагии сокинони маҳаллӣ дар давраи ибтидои асрҳои миёна арзёби мегардад. Бозёфтҳои зиёди сафолии ин ёдгорӣ, ки бо нақшу нигори мураккаб, услуби зебои наққошӣ ва рангорангии хосси худ оро ёфтаанд, гувоҳи малакаи баланди кулолгарӣ ва завқи зебошиносии волои ҳунармандони он давра мебошанд.

Зарфҳои сафолӣ, ки асосан, барои нигоҳдории об, равған, ғизо ва ашёи дигар истифода мешуданд, аз рӯйи гурӯҳбандии В.С. Соловёв ба се гурӯҳ ҷудо мешаванд: рӯйимизӣ, пухтупаз ва хоҷагидорӣ [65, с. 48-49]. Мо дар маҷмуаи сафолҳои Сари Купрук шабоҳати наздикро бо дигар ёдгориҳои асримиёнагии Тахористон дида метавонем. Зеро сафолҳо ва зафҳои сафолини Тахористони асримиёнагӣ аз ҷониби В.С. Соловёв хуб гурӯҳбандӣ шудааст [143, с. 57].

Аз ҳафриёти соли 2006 беш аз 1000 намунаи чунин зарфпораҳо ба даст омадааст, ки 80%-и онҳо дар чархи кулолӣ сохта шуда, бо усули классикии истеҳсоли сафол мутобиқат мекунанд.

Бостоншинос Т.Г. Филимонова ҷойи дигар чунин менависад: «Зарфҳои рӯимизӣ, асосан, аз кӯзаҳои ҷомшакл иборат буда, дорои пояҳои кӯтоҳ ё баланд ва буни барҷаста мебошанд (расми 9). Ба ин гурӯҳ инчунин намунаҳои ҷолиби зарфҳои дастисоз дохил мешаванд, ки бо таги ҳамвор ё гирдашакл сохта шудаанд. Ба гурӯҳи зарфҳои ошхона дегҳо, кӯзачаҳо, сарпӯшҳо, инчунин кӯзҳои якдастаи обкашӣ ва зарфҳои кулолии даҳонболо мансубанд (расми 10). Гурӯҳи зарфҳои хоҷагидорӣ ва шустушӯӣ бошад, хумҳо ва хумчаҳои гуногуншаклро дар бар мегирад, ки аксаран бо истифода аз чархи кулолӣ ва дар баъзе ҳолатҳо бо усули дастӣ истеҳсол шудаанд» [147, с. 83] (расми 11).

Танаву шакл, усули сохтор ва коркарди ин зарфҳо, ҳамчунин, зебоии онҳо, гувоҳи равшани рушди баланди ҳунари кулолгарӣ, иқтисоди ватанӣ ва тафаккури зебоишиносии ҷомеаи он давра мебошад.

Маводди сиккашиносии аз ҳудуди ёдгории Сари Купрук дарёфтшуда аксарият сиккаҳои нуқрагӣ, мисӣ ва биринҷиро ташкил дода, ба давраи ибтидои асри миёна мансуб мебошанд. Сиккаҳои маҳаллӣ аз биринҷ, ки дар асрҳои V–VIII мелодӣ ба муомилот ворид шуда буданд, гувоҳи вуҷуди бозори ягонаи пулӣ ва фазои ягонаи иқтисодӣ дар ҳудуди вилояти Хатлон маҳсуб мешаванд [3-М, с. 250]. Дар баробари сиккаҳои маҳаллӣ, бозёфти сиккаи подшоҳи суғдии Тукаспадак низ аз ҳамин минтақа шоҳиди робитаҳои тиҷоратии миёни Суғд ва Тахористон дар ибтидои асрҳои миёна мебошад [45, с. 23].

Сиккашинос Д. Довудӣ дар асоси таҳқиқи сиккаҳои аз ёдгории Сари Купрук дарёфтшуда чунин менависад: «Сиккаи нуқрагии уммавӣ, ки солҳои 741–742 мелодӣ дар шаҳри Васити Ироқ зарб гардида, соли 2006 аз ёдгории Сари Купрук кашф шудааст, аз татбиқи ислоҳоти пулии халифа Абдулмалик ибни Марвон шаҳодат медиҳад. Дар рӯйи сикка навиштаҷоти тавҳид ва оятҳои Қуръон сабт гардидаанд, ки бартарияти арзишҳои мазҳабиро дар сиёсати пулии хилофати ибтидоии исломӣ инъикос менамоянд. Бозёфти мазкур аҳаммияти ёдгории Сари Купрукро ҳамчун маркази муҳимми иқтисодӣ ва маъмурӣ дар давраҳои гуногуни таърихӣ бозгӯ мекунад» [45, с. 29].

Ҳамчунин, навъҳои гуногуни ороишот, асбобҳои марбут ба бофандагӣ, масолеҳи сохтмонӣ, ашёи сангӣ, бутакҳо ва дигар бозёфтҳо низ дар ин ҷо пайдо шудаанд.

Аз рӯйи маҷмуи бозёфтҳо ду фарзия дар бораи санагузории ёдгорӣ мавҷуд аст: бар асоси бозёфтҳои сафолӣ ва дигар ашёи рӯзгор, ёдгорӣ ба асрҳои VII–X мансуб දониста мешавад, аммо бар асоси сиккаҳои ба дастомада санаи ёдгорӣ ба асрҳои V–X мансуб аст [4-М, с. 131].

Аз рӯйи маълумоти муқоисавии бостоншиносӣ ва услуби сохтмонӣ, дар асрҳои VIII–X дар ёдгории Сари Купрук тағйироти назаррас дида мешавад, ки марҳилаи ниҳоии он ба давраи давлатдории Сомониён рост

меояд. Дар ин давра шаҳрсозӣ, рушди ҳунарҳои мардумӣ ва ташаккули марказҳои маъмуриву низомӣ ба авҷи худ расида буд. Ба эҳтимоли зиёд, Сари Купрук ҳамчун як нуқтаи муҳимми муҳофизатӣ ва иқтисодӣ дар ҷануби водии Вахш вуҷуд доштааст [4-М, с. 131].

Аз рӯйи мавқеи ҷуғрофӣ, сохтори меъморӣ ва ашёҳои ёфтшуда, муҳаққиқон бар он ақидаанд, ки ёдгории Сари Купрук ба давраҳои қадимаи таърихи тоҷикон мансуб мебошад. Хусусан, сиккаҳои бадастомада, ки унсурҳои хосси сиккаҳои давлати Сомониён дар онҳо дида мешаванд, далели муҳимми тасдиқи ин назар мебошанд.

Шакли мураттаби қасру деҳистон, системаи обрасонӣ ва роҳҳои дохилии ҳудуди ёдгорӣ нишон медиҳанд, ки идоракунии шаҳрак дар доираи низому қоидаҳои муайян амалӣ мешуд. Ин аломатҳо бо меъёрҳои маъмурии давлати Сомониён мутобиқат дошта, нишондиҳандаи сатҳи баланди ташаккули иҷтимоӣ ва сиёсӣ мебошанд.

Дар муқоиса бо ёдгориҳои ҳамзамони минтақа, ба мисли қалъаи Ҳулбук, Қубодиён ва Ҳисор, ёдгории Сари Купрук дорои сохтори нисбатан содатар буда, аз лиҳози ҷойгиршавӣ низ аҳаммияти махсус дорад. Ҳулбук ва Қубодиён ҳамчун марказҳои муҳимми маъмурӣ ва фарҳангӣ вуҷуд дошт. Аммо Сари Купрук бештар хусусияти мудофиавӣ ва назоратӣ дошт. Бо вуҷуди ин, тарзи сохтмон ва истифодаи ашёи маъмулӣ, мисли деворҳои мустаҳкам ва системаи обрасонӣ, шабоҳати умумии меъмории минтақаҳои ибтидои асрҳои миёнаро инъикос менамоянд.

Ёдгории Сари Купрук на танҳо ҳамчун мероси таърихии маҳаллӣ, балки чун намунаи нодири тамаддуни бостонии тоҷикон арзёбӣ мегардад, зеро он гувоҳӣ медиҳад, ки дар минтақаи ҷанубии Тоҷикистон дар ибтидои асрҳои миёна марказҳои маъмурӣ, низомӣ ва фарҳангӣ мавҷуд будаанд, ҳамзамон дар бораи рӯзмарра, усулҳои сохтмон, ҳунармандӣ ва дин дар он давра маълумоти муҳим медиҳанд, ҳамчун манбаи арзишманд

барои омӯзиши рушди меъморӣ, ҳунармандӣ ва низоми идоракунии шаҳрӣ дар давраи давлати Сомониён хидмат мекунад ва метавонад дар таҳкими ҳувияти миллӣ ва рушди сайёҳии таърихӣ нақши муассир ва пойдор бозад.

Ҳифзу омӯзиши баъдӣ қисматҳои боқимондаи ёдгории Сари Купрук барои таърихи халқи тоҷик аҳаммияти бузург дорад. Пешниҳод мешавад, ки дар оянда таҳқиқоти бештари бостоншиносӣ ва таърихнигорӣ дар ин мавзеъ бо истифода аз усулҳои муосир ба роҳ монда шавад, то парда аз рӯйи бисёре аз асрорҳои ношинохтаи гузашта бардошта шавад.

Ёдгории таърихии Сари Купрук яке аз намунаҳои барҷастаи меъмории мудофиавӣ ва маъмурии давраи ибтидои асрҳои миёна дар ҷануби Тоҷикистон ба шумор меравад. Чунонки мушоҳида мешавад, сохтор, мавқеи ҷуғрофӣ ва аҳаммияти стратегӣ ин ёдгориро ба маркази муҳимми таърихӣ табдил додааст. Таҳқиқоти солҳои 1991 ва 2006 равшан нишон медиҳанд, ки маводди бадастомада аз ёдгорӣ метавонанд ҳамчун манбаи муҳим барои омӯзиши таърихи сиёсиву иҷтимоӣ ва фарҳангии Данғара хидмат кунанд.

Бо вуҷуди нобудшавии қисми ёдгорӣ дар пайи сохтмонҳои муосир, зарурати ҳифз ва бозрасии ҳамаҷонибаи боқимондаҳои он муҳим арзёбӣ мегардад. Ғайр аз ин, ворид намудани ин ёдгорӣ ба доираи мероси фарҳангии миллӣ метавонад дар рушди худшиносии таърихии ҷомеа ва пешбурди таҳқиқоти минбаъдаи бостоншиносӣ саҳми арзанда гузорад [124, 112-113].

Ҳамин тариқ, омӯзиш ва таҳқиқи ёдгориҳои бостонии ноҳияи Данғара ба мо имкон медиҳад, ки як пораи фаромӯшшудаи таърихи ватани азизамонро эҳё намоем [7-М, с. 114]. Таҳқиқи ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара барои шинохти таърихи қадимтарини на танҳо ҳамин ноҳия, балки тамоми қисмати ҷанубии Тоҷикистон аҳаммият дорад. Бозёфтҳои бостоншиносӣ, ки дар натиҷаи ҳафриёт дар ёдгориҳои

таърихии ин минтақа, аз ҷумла, ёдгории Сари Купрук ва дигар ёдгориҳо ба даст омадаанд, бо такя ба таҳлили маводди бостоншиносӣ имкон медиҳанд, ки равандҳои муҳимми таърихӣ, фарҳангӣ, тарзи зиндагӣ, урфу одат ва муносибатҳои иҷтимоии мардумони ноҳияи Данғара бозсозӣ шаванд.

Аз рӯйи назарияи ҷуғрофиё, сохтор ва хусусиятҳои меъмории ёдгории Сари Купрук бо ёдгории Пули Сангин шабоҳат дошта, асрҳои зиёд аз замонҳои қадим то ибтидои ари XX онҳо дар болои дарёи Вахш ҷойгиранд. Ин ҳамбастагӣ на танҳо аз рӯйи мавқеи стратегӣ ва манзараи табиӣ, балки аз ҷиҳати вазифавӣ низ ба таҷрибаи меъмории мудофиавӣ ва маъмурии он давра ишора мекунад. Бозёфтҳои бостоншиносӣ ва таҳлилҳои муқоисавии меъморӣ нишон медиҳанд, ки ёдгорӣ дар сохтори худ унсурҳои умумии дифоӣ, аз ҷумла деворҳои мустаҳкам, низоми обрасонӣ ва ҷойгиршавии мантиқӣ дар соҳили дарёро доро мебошанд, ки тасдиқи нақши муҳимми онҳо дар системаи ҳифозатӣ ва идоракунии маҳаллӣ мебошад. Аз ин рӯ, ёдгории Сари Купрук, як ниҳоди муҳимми низомӣ ва маъмурӣ дар ҷануби Тоҷикистон шинохта мешавад ва таҳқиқи ҳамзамонии онҳо барои дарки пурраи сохторҳои мураккаби давлатдории ибтидои асрҳои миёна аҳаммияти вижа дорад. Давраи ибтидои асрҳои миёна дар таърихи фарҳанги моддии Осиёи Марказӣ ва сарнавишти ниёгони халқи тоҷик нақши муҳим ва хотирмон гузоштааст. Ин давра, ки дар асоси ёдгориҳои бостоншиносӣ таҷассум ёфтааст, махсусан барои таҳқиқи масоили марбут ба шиносоии фарҳангӣ, забонӣ ва ирсии халқҳо аҳаммияти хос дорад. Дар шароити кунунии рушди илми таърих ва бархурди баҳсбарангези геополитикӣ, ки нодида гирифтани нақши аҳолии муқимӣ ва таҳрифи ҳақиқати таърихиро дар бар мегирад, омӯзиши амиқи ёдгориҳои ин давра беш аз ҳарвақта зарур аст. Зеро маҳз ҳамин марҳилаи гузариш метавонад ба саволҳои муҳимми илмӣ дар бораи пайвастагии тамаддунҳо ва ташаккули шахсияти таърихии халқҳо ҷавоб

диҳад. Дар ин замина, ёдгории таърихии Сари Купрук намунаи равшани мероси моддии асрҳои миёнаи аввал буда, таҳқиқи баъдии он имкон фароҳам месозад, ки на танҳо бозёфтҳои нодири бостоншиносӣ ба даст оянд, балки аҳаммияти таърихиву тамаддунии ниёгони тоҷиконро ҳамчун халқи бумии муқими ин сарзамин таъкид намоем ва бори дигар илман собит созем, ки гузаштагони мо ба таърихи умумибашарӣ на танҳо шахсиятҳои бузург, балки намунаҳои нодири меъморӣ, шаҳрсозӣ ва фарҳангро эҳдо кардаанд.

**Маҷмааи Кампиртеппа**, ки аз се қисм – диж, шаҳристон ва қабристон иборат аст, он дар деҳаи Паркамчии Ҷамоати деҳоти Пушинг воқеъ мебошад. Маҷмааи Кампиртеппа бори аввал соли 1942 аз ҷониби экспедитсияи Институти таърих, забон ва адабиёти филиали Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС, ба монанди Б.И. Ниёзмуҳаммадов, С. Бурҳонов ва П.И. Смоличев таҳқиқ шудааст. Баъдтар П.И. Смоличев дар мақолаи худ оид ба ҳафриёти бостоншиносӣ дар маҷмааи Кампиртеппаи Данғара маълумот додааст [142, с. 94].

Бори дувум ин ёдгорӣ аз ҷониби Е.П. Денисов ва Т.Г. Филимонова омӯзиш ва таҳқиқ гардид. Дар натиҷаи ҳафриёт маълум гардид, ки ёдгорӣ аз ду қисм иборат мебошад ва он ба асрҳои III–VIII мутааллиқ мебошад [149, с. 76].

Шаҳраки Кампиртеппа дар канори шимолу ғарбии деҳаи Паркамчӣ, байни ду сой, ки аз қаторкӯҳи Гули Зиндон ҷорӣ аст, ҷойгир мебошад. Ёдгорӣ дар теппаи секунҷаи табиие, ки дарозии он аз шимол то ҷануб 110 м, паҳнои он дар сарҳади поёнӣ 55-60 метрро ташкил медиҳад, воқеъ гардидааст. Ёдгорӣ дар се канори зинаи нобаробари теппа ҷой дорад (расми 12).

Қалъаи ёдгорӣ дар қисмати шимолии теппа, ки ба худ шакли секунҷаро мегирад, ҷойгир аст. Қалъа ба худ намуди байзашаклро (дар баландии 14 – 15 м.) доро мебошад. Дар он ҷо сохтмоне бо андозаи 15х15 м

дар шакли чоркунча аз санг бунёдгардида ба назар мерасид, ки этимолан қалъаи ёдгорӣ бошад [1-М, с. 161].

Дар қисми шимолии теппа ду анбори ғалла дар шакли чоҳ (қутраш дар қисми боло 2,7 м ва дар поён 3,4 м, жарфои 4 м) мавҷуд аст. Деворҳо бо пӯшиши чӯбӣ пӯшида шудаанд.

Ҳангоми гузаронидани ҳафриёт аз ҷониби Е.П. Денисов ва Т.Г. Филимонова дар қисмати охири шимолии теппа ду анбори ғалладона дар шакли чоҳҳо пайдо гардиданд, ки қутри чоҳҳо дар боло 2,7 метр, дар қисми поёнӣ 3,4 метр ва бо жарфои 4 метр баробар мебошанд. Барои муҳофизат аз рутубат ва намнокӣ сатҳи девори онҳо бо қабати коҳгил истифода шудааст.

Биноҳои истиқоматии шаҳрак ду канори поёниро ишғол мекунанд, ки фарқи баландии онҳо тақрибан 5 метр мебошад ва релефи он ҳамвор карда шудааст.

Дар самти шарқи сой, дар жарфои 1,5 – 2,5 метр қисматҳои деворҳо аз хишти пухта ва оташдонҳои кулолии харобшуда ба назар мерасанд. Дар қисмати шарқии хандақи санҷишӣ канда шуд (2х3 м, умқи 1,8 м). Дар умқи 0,7-1 метр монеаи сангӣ, ки аз деворҳои вайроншуда ва пораҳои сафолӣ тоза шуданд. Боқимондаҳои минбаъдаи қабатҳои маданӣ таҳқиқ нашудаанд.

Дар натиҷаи ҳафриёт, аз гумона (ҳандақи санҷишӣ) чунин бозёфтҳо: пораҳои кӯза қисми поёнии (бун) зарф, зарфҳои қолабдор - 24 намуна, 4 дона пораи зарфҳои сафолии кунҷдори сафед, 2 адад пораҳои поёни зарфҳои қолабӣ пайдо шуданд [149, с. 77] (расми 13).

Ҳамчунин, дар натиҷаи ковишҳои бостоншиносӣ аз ҷониби Е.П. Денисов ва Т.Г. Филимонова дар соҳили рости сой, ки ба самти ғарбии шаҳрак ҷорӣ мешуд, теппае бо андозаи 12х16 м ва баландиаш 4 м ҷойгир буд, ки дар он ҷо як гумонаи омӯзиши канда шуд. Ҳангоми корҳои

ҳаффорӣ аз умқи 2,1 м. боқимондаҳои хиштҳои гилии 52х28–30х9–11 см баромад, ки ин далели шарҳрак будани ин минтақаро комил намуд.

Қабристони марбут ба ин ёдгорӣ дар самти ҷанубии қалъа ҷойгир аст. Ҳангоми корҳои хоҷагидорӣ сокинони маҳаллӣ тасодуфан се қабрро кашф карданд. Ба гуфтаи онҳо ҷасадҳо ба самти ҷанубу ғарб мехобиданд, зарфи сафолӣ дар пеши сарашон истода буд. Дар устухонҳо дастбандҳо ва гӯшвораҳо буданд.

Ҳангоми таҳқиқи Е.П. Денисов соли 1974 аз ин ёдгорӣ сокинони маҳаллӣ ба ӯ як кӯза додаанд, ки ба ақидаи ӯ ба зарфҳои маҳаллии дафни бохтарӣ шимолии давраи омадани юэҷиҳо, яъне авохири замони юнону бохтарии шабеҳ аст [90, с. 222].

Маводди ҷамъовардаи бостоншиносон аз деҳаҳои Паркамчӣ ва Пушинг дар осорхонаи марказии шаҳраки Данғара нигоҳ дошта мешаванд.

Маҷмааи Кампиртеппа на танҳо як ёдгории таърихӣ, балки як осори гаронбаҳои бостоншиносӣ мебошад, ки зиндагии ниёгони моро дар ибтидоӣ асрҳои миёнаи инъикос мекунад. Бо ҷойгиршавии стратегӣ, усули шаҳрсозӣ ва бозёфтҳои бостонӣ, ин макон ҳамчун маркази муҳимми таърихӣ боқӣ мемонад. Муҳофизат ва омӯзиши ин ёдгорӣ барои дарки таърихи тамаддуни минтақаи Данғара ва Тоҷикистон дар асрҳои III–VIII мелодӣ аҳаммияти хосса дорад.

**Дунчагтеппа.** Ёдгории Дунчагтеппа дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Пушинг, дар деҳаи Паркамчӣ ҷойгир буда, бори аввал аз ҷониби бостоншинос П.И. Смоличев сабт шудааст [142, с. 102].

Таҳлили мавқеи ҷуғрофии Дунчагтеппа нишон медиҳад, ки он дар соҳили ғарбии сойи Хами Челоно ҷойгир аст. Бостоншинос П.И. Смоличев доир ба ёдгории мазкур чунин менависад: «Ин ёдгорӣ эҳтимолан ҳамчун бурҷи дидбонии Духтарқалъа хизмат мекард, ҳарчанд шакли мудаввар надошт. Ҳангоми таҳқиқоти бостоншиносӣ сокинони

маҳаллӣ ба муҳаққиқ устухондон (оссуария), яъне зарф ё сандуқчаи махсус барои ҷамъоварии устухонҳои инсонро пешниҳод намуданд. Устухондон аз сафол сохта шуда, шакли байзавӣ дошта, андозаҳои он 0,6 м дарозӣ, 0,35 м паҳноӣ ва 0,23 м баландиро ташкил медод. Дар дохили он боқимондаҳои устухон ва хокистар мавҷуд буданд» [142, с. 104]. Илова бар ин, таҳқиқи қабатии сатҳи теппа боиси ҷамъоварии намунаҳои пораҳои сафолӣ гардид.

Соли 1975 бостоншинос Е. П. Денисов омӯзиши ёдгориро дубора анҷом дод. Дар ҷараёни ковишҳо бостоншиносӣ, дар атрофи Дунчактеппа чанд зарфи калон кашф гардид, ки яке аз онҳо бо қабати сирпӯшӣ пӯшонида шуда буд. Илова бар ин, Е.П. Денисов дар маҳалли ёдгорӣ гумонаи омӯзишӣ кофта, дар умқи 1,8 метр як хумро пайдо намуд. Таҳлили бостоншиносии ин зарфҳо нишон дод, ки онҳо ба давраи асрҳои VII–VIII мансубанд [149, с. 78], ки ин ба таърихи ташаккул ва истифодаи ёдгорӣ ишора мекунад (расми 14).

**Духтарқалъа.** Ин ёдгори дар самти ҷанубу шарқии деҳаи Паркамчии ҷамоати деҳоти Пушинг воқе мебошад, ки аз тарафи П.И. Смоличев ба қайд гирифта шудааст [142, с. 101].

П.И. Смоличев оид ба ёдгории Духтарқалъа чунин менависад: «Ёдгории Духтарқалъа дар болои теппаи табиӣ, дар поёни Сойи Хами Челоно воқеъ аст (расми 15-16). Ҳамчунин, ӯ қайд мекунад, ки то ҳол дар ин мавзеъ боқимондаҳои қалъа маҳфуз мондаанд. Дар сатҳи замин, нишебиҳо ва доманаи теппа пораҳои сафолҳои сирдор ва бо рангҳои гуногун ороёфта ба миқдори зиёд дучор меоянд» [142, с. 101].

Бори дуюм ёдгорӣ аз ҷониби бостоншинос Е. П. Денисов соли 1974 мавриди таҳқиқ қарор дода шуд, ки дар натиҷа Е. П. Денисов бо назардошти дар баландии тепаи табиӣ мавҷудияти ҳама гуна биноҳоро рад мекунад [90, с. 221].

Аммо то ҳол дар ин ёдгори ковишҳои бостоншиносӣ гузаронида нашудааст. Айни замон сатҳи теппа шудгор шудааст, релефи қадимӣ ҳифз нашудааст, аммо маводди бардоштаи ҷамъшуда ба ташаккул ёфтани маҳалли истиқомати асрҳои миёна ва рушдёфта гувоҳи медиҳад [90, с. 226].

**Ёдгории Гирдоб 1.** Ёдгорӣ дар ҳудуди деҳаи Гирдоб ҷамоати деҳоти Себистони ноҳияи Данғара ҷойгир буда, соли 1982 аз ҷониби бостоншинос Т. М. Атахонов мавриди таҳқиқ қарор гирифтааст [77, с. 325-326]. Таҳқиқоти ибтидоӣ нишон доданд, ки дар ҳудуди деҳа боқимондаҳои як шаҳраки бостонӣ вуҷуд дошта, аз ҳудуди ёдгорӣ порчаҳои сафололоти куҳан ҷамъоварӣ шудаанд.

Таҳлили муқоисавии сафолпораҳои дарёфтшуда бо намунаҳои маълум аз дигар ёдгориҳои бостоншиносӣ нишон медиҳад, ки ёдгории Гирдоб 1 ба давраи асрҳои миёна мансуб аст [77, с. 325]. Бо вуҷуди ин, то имрӯз дар ҳудуди ин ёдгорӣ ягон таҳқиқи мукаммали бостоншиносӣ анҷом нашудааст, ки ин ҳолат зарурати таҳқиқоти минбаъдаро дар ин мавзеъ тақозо мекунад. Барои дарёфти маълумоти дақиқ доир ба сохтори шаҳрсозӣ, табақабандии иҷтимоӣ ва фарҳанги моддии аҳолии маҳаллӣ, гузаронидани таҳқиқоти иловагии бостоншиносӣ, аз ҷумла, кофтуковҳои бевоситаи саҳроӣ ва омӯзиши муфассали бозёфтҳо, аҳаммияти назаррас дорад. Таҳқиқоти густурда дар мавриди ёдгории Гирдоб 1 метавонад дар хело самтҳо саҳм гузорад.

Омӯзиши боқимондаҳои меъморӣ ва ашёи пайдошуда дар Гирдоб 1 барои бозсозии ҷанбаҳои муҳимми ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии аҳолии асримиёнагии минтақа имкон фароҳам месозад. Тафсири илмии сохторҳои меъморӣ, аз қабили манзилҳо, иншооти ҷамъиятӣ, дифоӣ ва низоми кӯчаву роҳҳо имкон медиҳад, ки дараҷаи мураттабсозии муҳити зист ва низоми шаҳрсозии маҳал муайян гардад. Аз ин тариқ метавон натанҳо шакли ташаккули шаҳракро, балки сохтори идоракунӣ, тафовути

иҷтимоӣ ва рушди фанновариҳои сохтмонии он давраро низ муайян намуд. Бозёфтҳои пайдогардида (аз ҷумла сафолҳо, устухонҳо, филизпораҳо ва дигар осори моддӣ) ҳамчун манбаи таърихӣ имкон медиҳанд, ки тарзи зиндагӣ, урфу одат ва шакли истеҳсолоти хонаводагӣ таҳлил шавад.

Яке аз самтҳои муҳимми таҳқиқ дар Гирдоб 1 муайян кардани ҷойгоҳи он дар таърих ва низоми тиҷоратии минтақа мебошад. Таҳлили осори кулолӣ махсусан, маншаъ, услуб ва усули истеҳсоли сафолҳои дарёфтшуда, нишон медиҳанд, ки ин ёдгорӣ дар низоми мубодилаи молу маҳсулот чӣ нақш доштааст. Зарфҳои сафолӣ истеҳсоли маҳаллӣ ва воридотӣ мебошад, ки нишонаи иртиботи фаъол бо дигар марказҳои шаҳрӣ ва роҳҳои савдо мебошад. Дар сурати тасдиқи робитаи ин нуқта бо Роҳи Абрешим, Гирдоб 1 на танҳо аҳаммияти маҳаллӣ, балки минтақавии таърихӣ касб хоҳад кард. Омӯзиши унсурҳои дорои хусусиятҳои фаромарзӣ дар бозёфтҳо, аз ҷумла, сиккаҳо, шишаҳо, зарфҳои ороишӣ ва муҳрҳо, маълумоти иловагӣ дар бораи робитаҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ пешниҳод мекунад.

Ёдгории Гирдоб 1 ҳамчун унсури мероси моддии фарҳангӣ, ба ташаккули ҳувияти таърихии сокинони минтақа таъсири мусбат мерасонад. Муаррифии илмии ёдгорӣ ва далелҳои таърихии пайдоиши он ба афзоиши маърифати фарҳангӣ ва ифтихори миллӣ мусоидат мекунанд. Омӯзиши пайдоиши фарҳанг, шеваҳои зист, фарҳанги моддӣ ва маънавии аҳолии асримиёнагии минтақа на танҳо аз ҷиҳати илмӣ муҳим аст, балки дар таҳкими ваҳдати миллӣ ва ҳифзи мероси таърихӣ низ нақши муассир дорад. Ҳамзамон, чунин кашфиётҳо дар ҷараёни таълими фанҳои таърих, фарҳангшиносӣ ва бостоншиносӣ мавқеи устувор пайдо мекунанд.

Бо мақсади рушди таҳқиқи илмӣ ва тарбияи мутахассисони соҳаи бостоншиносӣ ва таърих, Гирдоб 1 ба майдони омӯзишӣ ва таҷрибавӣ барои донишгоҳҳо, пажӯҳишгоҳҳо ва дигар муассисаҳои илмӣ табдил

меёбад. Гузаронидани ковишҳои саҳроӣ, таҳлили озмоишгоҳӣ ва кор бо осори моддӣ барои муҳаққиқон, донишҷӯён ва таҳқиқгарони ҷавон шароити воқеии омӯзиш фароҳам месозад. Инчунин, ташкили омӯзишгоҳҳои саҳроӣ ва машқҳои бостоншиносӣ дар ин минтақа дар баланд бардоштани сатҳи тахассусии кадрҳои ватанӣ саҳми назаррас мегузорад.

Ёдгориҳои бостоншиносӣ дар ҷаҳони муосир на танҳо арзиши илмӣ ва таърихӣ, балки аҳаммияти иқтисодӣ низ доранд. Ҳифз ва муаррифии илмии Гирдоб 1 ба ташаккули як макони нави сайёҳии таърихӣ замина мегузорад. Омодасозии инфрасохтори зарурӣ, ташкили осорхонаи саҳроӣ, роҳбаладии сайёҳӣ ва чорабиниҳои маърифатӣ ба ҷалби сайёҳони дохилӣ ва хориҷӣ мусоидат менамояд. Дар навбати худ, ин раванд имкони афзоиши даромади иқтисоди маҳаллӣ, ташкили ҷойҳои нави корӣ ва рушди соҳибкориро фароҳам меорад. Дар мисоли кишварҳои дигар, нишон дода шудааст, ки ҳамгироии мероси фарҳангӣ ба бахши сайёҳӣ яке аз роҳҳои устувори рушди минтақаҳо мегардад.

Хулоса, таҳқиқ ва омӯзиши илмии ёдгории «Гирдоб 1» ба самтҳои муҳимми илмӣ, таърихӣ, фарҳангӣ ва иқтисодӣ таъсиргузор буда, дар барқарорсозии тасвири дақиқи тамаддуни асримиёнагии Данғара ва, умуман, Тоҷикистон нақши калидӣ мебозад. Бо ташкили таҳқиқоти низомӣ ва фарогир дар ин ёдгорӣ, на танҳо як саҳифаи норавшани таърих равшан мегардад, балки барои наслҳои оянда низ як манбаи муҳимми дониш ва ҳувияти миллӣ фароҳам меояд.

## 2.2. Ёдгориҳои бостоншиносии асрҳои IX–XII ноҳияи Данғара

**Қалъаи Чортеппа.** Ёдгории қалъаи Чортеппа дар самти ҷанубу шарқии деҳаи Себистон, дар масофаи тақрибан 1 км дуртар ҷойгир шудааст. Ин ёдгорӣ аз ду воҳиди асосӣ – қалъа ва деҳистон иборат буда, дорои аҳаммияти таърихӣ ва меъморӣ мебошад. Бори аввал ёдгории мазкур солҳои 1974-1975 аз ҷониби бостоншинос Е.П. Денесов ба қайд гирифта шудааст. Таҳлил ва омӯзиши маводди аз сатҳи ёдгорӣ ҷамъоварда нишон медиҳад, ки ин он ба асрҳои X–XII мансуб мебошад. Хусусан, ду зерсутуни сангӣ, ки дар қисмати шарқии қалъа кашф шудаанд, далели рушди меъмории мазкур ба ҳисоб меравад [92, с. 97].

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ёдгорӣ соли 1976 бо роҳбарии Е.П. Денисов оғоз гардида [95, с. 96], хусусиятҳои таърихӣ, меъморӣ ва шаҳрсозии он мавриди таҳқиқоти амиқ қарор гирифтааст. Соли 2009 ин ёдгорӣ аз ҷониби бостоншиносон Т.Г. Филимонова ва М.Р. Ахметзянов бо мақсади ворид намудани он ба харитаи ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара, мавриди омӯзиши иловагӣ қарор гирифтааст [149, с. 55].

Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар қалъаи хурди Чортеппа оғоз гардида, натиҷаҳои аввалияи омӯзиш сохтори меъмории онро муайян намуданд. Тибқи таҳлилҳои анҷомшуда, қалъа дорои шакли чоркунҷа буда, андозаи он аз 18,5 то 25 метрро ташкил медиҳад. Дар ҳар як кунҷи ин иншооти дифоӣ бурҷҳо ҷойгир буда, баландии онҳо дар ҳудуди 2,5 то 3,5 метр муайян шудааст [95, с. 96].

Дар маркази қалъа, ки пастхамии васеъ буд, бостоншиносон гумонаи омӯзиши бо дарозии 1,85 м кофтанд. Дар ин ҷо чанд қабати зич дар умқи 1,15 м, 1,35 м ва 1,6 м муайян гардид. Қабати табиӣ (материк) дар жарфои 1,9 м воқеъ буда, хеле зич ва ранги равшан дорад. Маводди сафолӣ аз гумона хело кам пайдо гардиданд. Аз гумонаи дувуму сеюм пораҳои хишт пайдо шуданд. Яке аз ин пораҳо, ки бузургтарин буд, паҳлуи 26 см ва

ғафсии 4,5 см дошт. Эҳтимол меравад, ки хишт шакли чоркунҷа доштааст. Дар рафти корҳои бостоншиносӣ гумонаи 3–юм ба ҳафриёт табдил шуд.

**Ҳуҷраи №1** дар манораи ҷанубу ғарбии қалъа ҷойгир буда, дар ҷараёни таҳқиқ андозаи он ба 3,6 × 4,1 метри мураббаъ расид. Таҳлили ин мавзеъ нишон дод, ки дар қабати дуюм пораҳои чӯбҳои сӯхта ва комилан карбонатшуда ошкор гардиданд, ки далели мавҷудияти сӯхтор дар ин минтақа мебошад (расми 17 а.).

Е. П. Денесов менависад: «Таҳқиқи сохтории боқимондаҳои чӯбӣ нишон дод, ки қутри чӯбҳои калон аз 13 то 16 см ва қутри чӯбҳои хурд аз 4 то 5 см-ро ташкил медиҳад. Чӯбҳои гурӯҳи дуюм, тибқи маълумоти адабиёти мардумшиносӣ, бо номҳои “чӯби чортарош” ё “васа” маъруф буда, эҳтимолан дар таркиби сохторҳои меъмории анъанавии ин қалъа истифода мешуданд. Қабати болоии ҳуҷра ҳангоми оғози корҳои кофтуков ранги равшан дошта, бо амиқ гардидани таҳқиқ ранги он аз хокистарии равшан ба гилӣ тағйир меёфт. Таҳлили қабатҳои фарш нишон дод, ки сохтори он нобаробар буда, ғафсиаш аз 5 то 10 см мебошад. Дар зери фарш қабати қаҳваранги равшан мушоҳида гардид, ки дар таркиби он доғҳои сафедранг ба назар мерасиданд. Ин хусусиятҳои геологӣ ва минералогӣ метавонанд ба раванди ташаккули муҳити бостоншиносӣ ва эҳтимолан ба шароити истифодаи ҳуҷра алоқаманд бошанд (расми 17, б.). Таҳлили таркиби фарши ҳуҷра инчунин нишон дод, ки дар ин қабат миқдори пораҳои чӯбҳои сӯхташуда нисбат ба қабатҳои болоӣ ба таври назаррас бештар аст. Маҳз дар сатҳи фарш, дар аксари қисматҳои ҳуҷра, қабати лахча аз пораҳои сӯхтаи чӯбӣ ба қайд гирифта шуд, ки ғафсии он дар баъзе ҷойҳо то 5 см мерасад» [95, с. 97].

Ин қабат ба самти ҷанубии ҳуҷра тадриҷан коҳиш ёфта, дар ниҳоят пурра аз байн меравад. Мавҷудияти боқимондаи лахчаи чӯбӣ дар ин сохтор, далели возеҳи рӯй додани сӯхтор дар дохили ҳуҷра буда,

таҳқиқоти баъдиаи озмоишӣ метавонад хусусияти физикӣ-кимиёвии ин боқимондаҳоро мушаххас намояд.

Дар кунҷи шимолу шарқии ҳуҷра, дар қад-қади девори шарқии даромадгоҳ, як дари хона пайдо шуд. Паҳноии дари мазкур 70 сантиметрро ташкил медиҳад. Пас аз ошкор гардидани мавқеи дар, муайян карда шуд, ки ғафсии девори шарқии ҳуҷра дар ин минтақа ба 1,31-1,33 метр мерасад.

Ҳамаи деворҳо аз похса сохта шудаанд. Деворҳо то баландии 1,6 метр боқӣ мондаанд. Ҳамчунин, хатҳои ҷудо кардани похсаро ба қисмҳо дар сохтор муқаррар намешаванд.

Дар кунҷи шимолу шарқии ҳуҷраи №1 ва дар самти ҷанубии девори шарқӣ, дар масофаи 1,1 м аз паҳлуи ҷанубии даромадгоҳ, қисмҳои поёнии ду сутуни калон бо қутри то 30 см ошкор гардиданд. Дар ҳуҷраҳои дигар сутунҳо ё осори дигаре аз сутунҳо ёфт нашуданд. Сутуни шимолӣ шакли чоркунҷа дошта, кунҷҳои мудаввар мебошад, дар ҳоле ки сутуни ҷанубӣ қариб мудаввар аст [95, с. 98].

Дар фарши ҳуҷра, дар қисмати ҷанубу шарқии он, 11 зарфи бутун, нашикаста ёфт шуд. Болои яке аз зарфҳои ошкоршуда, ки шакли тағора дошт, як ашёи калони оҳагунае, ки ба шакли корд монанд буд, аз ҷониби бостоншиносон пайдо шуд.

**Ҳуҷраи №2** дар бурҷи манораи шимолу шарқии қалъа ҷойгир буда, корҳои ҳаффорӣ дар он низ анҷом шуданд. Дарозии ҳуҷра 3,35 метр ва паҳноии он 1,45 метрро ташкил медиҳад [95, с. 99].

Дар ҳуҷраи №2, қабати дорои осор нисбатан кам буда, ягона 15–20 сантиметрро ташкил медиҳад. Дар поёни ин қабат, як қабати дигар, ки ба омезиши сангу қум ва гилмонанд монанд аст, ҷойгир мебошад. Дар ин қабат пораҳои хишт ва лойпораҳо аз девори похсагӣ ошкор гардиданд.

Таҳқиқоти минбаъда нишон доданд, ки дар ин ҳуҷра ду давраи ҳаёт сабт шудааст. Давраи охирини зиндагӣ дар ин ҳуҷра ба қабати болоии он

мансуб аст, ки ин қабат дорои лахча ва хокистар мебошад. Баландии ин қабат 45–60 см аз сатҳи ҳуҷраи асосӣ ва поёнӣ ҷойгир аст, ки мувофиқати он бо сатҳи ҳуҷраи болоӣ нобаробар аст. Эҳтимолан, дар давраи баъдии мавҷудияти худ, муддати тулонӣ дар ин ҷой зиндагӣ накардаанд [95, 99].

Дар давраи минбаъдаи истифодаи ҳуҷра, дарозии он аз шарқ ба ғарб 2,8 метр шуда, дар ибтидо дарозии он 3,35 метр буд. Девори шарқии қисми поёнии ҳуҷра танҳо як чӯбчае буд, ки дар болои харобаҳои ҳуҷра ҷойгир буд. Сӯхтани болорҳои фарш дар ҳар ду давраи зиндагӣ дар ин ҳуҷра ба вуҷуд омадааст.

Девори ғарбии ҳуҷра то баландии 1,6 метр ва девори ҷанубии он то 1,8 метр боқӣ мондаанд. Ҳамаи деворҳо аз пахса (лойдевор) сохта шудаанд, ва аз ҷиҳати сохтор, деворҳои ҳуҷраи №2 бо деворҳои ҳуҷраи №1 якхела мебошанд. Дар деворҳо андова (гаҷ) мавҷуд нест. Девори шимолии ҳуҷра ёфт нашуд, аммо девори шарқии ҳуҷра то баландии 0,7 метр боқӣ мондааст.

Дар қад-қади девори ҷанубӣ, ду сутуни чӯбини коркардшуда бо буришҳои номунтазам ёфт шуданд. Сутуни шарқӣ аз девори ғарбӣ дар масофаи 1,45 метр ҷойгир шуда, қутраш 29 см ва баландии он то 58 см мерасад. Сутуни ғарбӣ, ки дар гӯшаи ҷанубу ғарби ҳуҷра қарор дошт, қутри 23 см дошта, то баландии 90 см боқӣ монд. Ин ягона сутунест, ки дар рӯяш нишонаҳои сӯхтор нест. Он чизе ки сутун то баландии 90 см нигоҳ дошта шудааст, гувоҳи медиҳад, ки он дар ҷояш боқӣ монда, ҳатто дар давраи охирини зиндагии ҳуҷра мавҷуд буд. Аз ҳуҷраи мазкур бозёфтҳои нодир пайдо гардиданд, ки муҳимтарини онҳо ашёи калони оҳании кордшакл ва сарпӯши хурди нақшдор мебошанд.

Дар маҷмуъ, зарфҳои сафолие, ки аз Чортеппа пайдо шудаанд, дар муқоиса бо дигар ёдгориҳои бостоншиносӣ хеле камшумор ва оддӣ мебошанд. Роҷеъ ба зарфҳои сафолии дарёфтшуда Денисов, Е.П. чунин менависад: «Қариб ҳамаи зарфҳои сафолии дарёфтшуда дастисоз буда,

онҳо аз кӯзаҳо (ду навъи гуногун: танаи гирд ва нокшакл), дегҳо бо ду дастаки ҳалқашакл ва зарфҳои минётурӣ иборатанд, ки аз ҷиҳати шакл ва таносуб ба дегҳо, пиёлаҳо ва тағораҳо монанд мебошанд. Ғайр аз ин, дар байни дигар маснуоти сафолӣ як сарпӯши хурд бо қутри 9 см ва дастаки амудии ҳамвор ҷолиб аст» [95, с. 100] (расми 18).

Дег ва кӯзаҳо дар баъзе мавридҳо бо нақшҳо ҳаккокӣ ва оро ёфтаанд, ки ин нақшу нигори кӯзаю дегҳо хело дағал ва сода мебошанд. Ба назар мерасад, ки ороишоти кандакории мавҷуд дар ин зарфҳо ба фарҳанг ва суннатҳои маҳаллӣ тааллуқ доранд, ки барои маълумот дар бораи хусусиятҳои зебоишиносии ҳамон давра ёрӣ мекунанд (расми 19).

Дар ду пораи сафол, осори ороиши рангкардашуда намоён аст: пиёла ва сарпӯши хурде, ки дар боло зикр шуд. Ин ашёи сафолӣ бо ранг нақшҳои ҳандасавӣ оро ёфта, ки ба фарҳанги маҳаллии хос ишора мешавад

Дар маҷмуъ, сафолҳои бадастомада таърихи ёдгориро ба асрҳои X–XII мелодӣ ва асрҳои XVI–XVIII мелодӣ нисбат медиҳанд. Ин бозёфтҳо нишон медиҳанд, ки ёдгорӣ як давраи дарози истифода ва рушди фарҳангиро дар бар мегирад.

То ҳол ёдгорӣ пурра омӯхта нашудааст ва таҳқиқоти баъдӣ метавонанд маълумоти муҳимро дар бораи таркиб, истифодаи зарфҳо ва расму оинҳои марбут ба онҳо дар давраҳои мухталиф дар бар гирад.

Ҳамин тавр, қалъаи Чортеппа яке аз намунаҳои асосии мероси меъморӣ ва фарҳангии асримиёнагӣ дар ҷанубии Тоҷикистон маҳсуб меёбад. Таҳқиқоти саҳроӣ ва озмоишӣ, ки солҳои 1974–1976 аз ҷониби бостоншинос Е.П. Денесов ва соли 2009 аз ҷониби Т.Г. Филимонова ва М.Р. Ахметзянов анҷом ёфтанд, нишон доданд, ки ин ёдгорӣ дорои аҳаммияти баланди таърихӣ, меъморӣ ва иҷтимоӣ мебошад.

Маълумоти бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки қалъа ва муҳити сохтмонии атрофи он ба асрҳои XVI–XVIII марбутанд. Санҷиши сатҳи замин ва таҳқиқи пораҳои боқимондаҳои ашёҳои бостонии пайдошуда аз

қабили таҳкурсиҳои сангӣ, деворҳои похсагӣ, сутунҳои чӯбин ва зарфҳои сафолии маҳаллӣ рушди назарраси муҳандисӣ, меъморӣ ва ҳунармандии аҳолии маҳалро инъикос менамоянд.

Ҳуҷраҳои №1 ва №2, ки бурҷҳои қалъа ҳисобида шудаанд, эҳтимолан, ҳамчун марказҳои фаъолияти ҳарбӣ ё зисти посбоноҳо истифода мешуданд. Қабатҳои боқимондаи хокистару лахча (қур) аз сӯхтор гувоҳӣ медиҳанд, ки иншоот дар баробари давраҳои рушд, ба ҳодисаҳои сӯхтор низ дучор гардидааст. Ин метавонад натиҷаи ҳуҷумҳои бегонагон ва ё ҳолатҳои фавқулода бошад.

Бозёфтҳои пайдошуда, махсусан, зарфҳои сафолии дастисохт дорои хусусиятҳои маҳаллии шакл ва нақшу нигор буда, иттилооти муҳиммеро дар бораи сатҳи рушди ҳунармандӣ, завқи зебоипарастӣ ва шеваҳои зиндагӣ, аз ҷумла, анъанаҳои марбут ба расму оинҳо фароҳам меоранд. Пайдоиши ороишоти ранга ва нақшҳои ҳандасавӣ нишонаи таъсир ва ҳамгироии фарҳангҳои гуногун мебошад.

Бо вуҷуди ин, таҳқиқи Қалъаи Чортеппа то имрӯз ҳамаҷониба анҷом нашудааст. Барои шинохти комили таърихи истифодаи ёдгорӣ, таҳқиқи иловагӣ бо истифода аз усулҳои муосири илмӣ, аз қабили таҳлили карбон-14, нурӣ (спектроскопия), геофизикаи майдонӣ ва омӯзиши кимиёвии бозёфтҳо зарур мебошанд. Ин таҳқиқ маълумоти муҳиммеро дар бораи сохтори меъморӣ, низоми дифоӣ, сохтори иҷтимоӣ, муносибатҳои иқтисодӣ ва шеваҳои зисту ҳифзи амнияти аҳолии он замон дастрас менамоянд.

Қалъаи Чортеппа як ёдгории барҷастаи фарҳанги моддӣ ва намунаи равшани шаҳрсозии асрҳои миёна дар ҷануби Тоҷикистон ба шумор меравад. Бозёфтҳо ва таҳқиқи анҷомшуда имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои то кунун камомӯхташудаи ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии сокинони ин минтақа дар марҳалаҳои гуногуни таърихӣ рушан гарданд.

Дар робита ба аҳаммияти илмию фарҳангии ёдгории мазкур, зарур аст, ки корҳои таҳқиқии бостоншиносӣ бо риояи талаботи муосири илмӣ идома ёбад, то таърихи Қалъаи Чортеппа комилан ошкор ва ҳифз карда шавад.

**Ёдгории Тоҷикқалъа.** Тоҷикқалъа дар ҳудуди ҷамоати деҳоти Исмат Шарипов, дар самти ҷанубии деҳаи Булёни Поёни ноҳияи Данғара, дар канори шоҳроҳи Душанбе–Кӯлоб ҷойгир шудааст [69, с. 121].

Ин ёдгори бори аввал солҳои 1957–1958 дар раванди корҳои таҳқиқии гурӯҳи омӯзиши палеолитии экспедитсияи бостоншиносии Тоҷикистон (ТАЭ), ки таҳти роҳбарии академик А.П. Окладников қарор дошт ба қайд гирифта шудааст. Ҳангоми анҷоми кофтукови маҳалли неолитии наздики деҳаи Кӯи Булиён, бостоншиносон В.А. Ранов ва Э.А. Юркевич мавқеи Тоҷикқалъаро ҳамчун як ёдгории асримиёнагӣ муайян намуда, таҳқиқи ибтидоиро дар он ба роҳ монданд. Бо вуҷуди ин, то имрӯз корҳои бостоншиносӣ дар қалъаи мазкур ба таври зарурӣ анҷом нашудааст.

Сабаби номгузории ин мавзеъ ба «Тоҷикқалъа» ё «Қалъаи Тоҷикон» он аст, ки он дар ҳудуди маҳаллаи тоҷикнишини деҳаи Булёни Поён ҷойгир буда, эҳтимолан, ба аҳолии тоҷиктабори ин минтақа тааллуқ дорад.

Аз рӯйи тарҳрезии меъморӣ Тоҷикқалъа ҳамчун шаҳраки классикии асримиёнагӣ шинохта мешавад, ки масоҳати умумии он тақрибан 11 га-ро ташкил медиҳад ва мансуб ба асрҳои X–XII мелодӣ мебошад. Ин ёдгорӣ дорои нақшаи қариб мудаввар буда, самти ғарбии он то андозае тул кашидааст. Баландии боқимондаи қалъа ба 14 метр мерасад ва андозаи шакли болоии он 100 × 100 метрро дар бар мегирад. Дар самтҳои шимол ва ғарби сохтори он, сангҳои калон ба мушоҳида мерасанд, ки эҳтимолан, боқимондаҳои таҳкурсии деворҳои харобшуда ё нишонаҳои фурӯрафтаи деворҳо мебошанд.

Дар сохтори дохилии Тоҷикқалъа унсурҳои асосии шаҳрсозии асримиёнагӣ, аз ҷумла, қалъа (диж) ё маҳалли ҳокимнишин, шаҳристон, работ ва гӯристон ба назар мерасанд, ки баъзе аз онҳо, бахусус гӯристон то замони мо қисман боқӣ мондаанд. Бо вуҷуди аҳаммияти таърихӣ ва илмӣ доштани ин ёдгорӣ, таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ин ёдгорӣ ба таври зарурӣ анҷом наёфтааст, ки ин зарурати идомаи омӯзиш бо истифода аз усулҳои муосири бостоншиносиро ба миён мегузорад.

Мутаассифона, эҳё ва барқарорсозии пурраи минтақаҳои аҳолинишини Тоҷикқалъа дар шароити кунунӣ ғайримумкин арзёбӣ мегардад. Сабаби аслии ин ҳолат истифодаи густурдаи замини ёдгорӣ аз ҷониби сокинони маҳаллӣ, хусусан, барои сохтмони манзилҳои истиқоматӣ ва иншооти хоҷагӣ мебошад, ки дар натиҷа, қисми муҳимми он ҳамвор ва қисман тахриб гардидааст.

Сокинони деҳаи Кӯи Булиён, ки дар ҳамсоя бо ин қалъа мебошанд, ҳангоми кандани чоҳҳои хонагӣ ва замин барои сохтмон, пайваста бо порчаҳои ашёҳои бостонӣ, аз ҷумла, зарфҳои сафолии сирдор, хиштҳои пухта ва қубурҳои обгузари сафолӣ дучор мешаванд. Ин гуна бозёфтҳо, махсусан, дар қисми ҷанубии деҳа, ки бевосита ба қалъа наздик аст, хеле ба назар мерасанд.

Таҳқиқи бостоншиносии дар Тоҷикқалъа анҷомшуда, нишон медиҳанд, ки сохтори умумии он чоркунҷаи номуназзами бо ду тарафи мутобиқ ва ду тарафи номутобиқ мебошад. Ҳарчанд фурӯрафта ва фусурда шудани паҳлуҳои он шакли аслии ёдгориро ноаён намудааст, симои умумии тарҳ қобили шинохт боқӣ мондааст.

Ноҳамвории табиӣ, ки дар самтҳои шарқ ва ҷануби қалъа мушоҳида мегардад, далели равшани сохтори қаблии ин шаҳрак ба ҳисоб меравад. Дар байни ин теппаҳо боқимондаҳои биноҳои қадимӣ мушоҳида мешаванд, ки аз ҷумла, онҳо хонаи хурде бо нишонаҳои манор мебошад. Ин сохтор, эҳтимол, қисмате аз маҳаллаи истиқоматии таърихӣ буда,

боқимондаи низоми манзилию маъмурии дохили қалъа маҳсуб мегардад (расми 20).

Бостоншинос В.А. Ранов оид ба ёдгории Тоҷикқалъа чунин менависад: «То имрӯз дар ҳудуди ёдгории Тоҷикқалъа танҳо чор гӯрхонаи таҳқиқӣ дар доираи ҳафриёти бостоншиносӣ, ки солҳои 1957–1958 гузаронида шудаанд, мавҷуданд. Дар баробари ин, танҳо чор гӯрхонаи иловагӣ — се адад дар ҳудуди қалъа ва яке дар масофаи тахминан 50 метр дар шимолу ғарби он кофта шудаанд. Бо такя ба натиҷаҳои бадастомада аз ин ҳафриёт метавон ба хулоса омад, ки сафолҳои сирдор, ки ҳам аз сатҳи рӯи замин ва ҳам аз дохили чоҳҳо ҷамъоварӣ шудаанд, маҷмӯи нисбатан мураккаби порчаҳои ба давраҳои гуногун тааллуқдоштаро ташкил медиҳанд ва аз давраи антиқа оғоз ёфта, то охири асрҳои миёна (асрҳои X–XII) идома меёбанд» [127, с. 169].

Дар байни сафолпораҳо як пораи хурди коса бо тасвири катибае, ки бо ранги сиёҳ дар заминаи сафед навишта шудааст, пайдо гардидааст, ки ба услуби сафолҳои давраи Сомониён мансуб буда метавонад. Илова бар ин, дар як порчаи поёни коса чанд ҳарфи куфии нопурра боқӣ мондааст, дар ҳоле ки дар лавҳаи ҳамвори канорӣ намунаҳои дигари хаттӣ мушоҳида мешаванд. Техникаи «графитто», ки дар он нақшҳои сабзу қаҳваранг ба таври устоёна ба сафол татбиқ шудаанд, низ дар чанд порча ба назар мерасад. Намунаи дигари ҷолиби ороишӣ, порчаи коса бо нақши зарди қаҳваранг дар заминаи қаймоқӣ мебошад, ки бо намунаҳои сафолҳои сирдор аз шаҳри қадимаи Хулбук – аз ҳафриёти солҳои 1953 ва 1957 дарёфтшуда, ҳамчунин, дигар ёдгориҳои замони Тахористони Шимолӣ, каме барвақтаранд шабоҳат дорад (расми 21) [143, с. 41-53].

Дар баробари сафолҳои сирдор баъзе порчаҳои сафолҳои бесир низ ёфт шудаанд, ки аксаран пораҳои зарфҳои дастсоз буда, дар баъзе мавридҳо дар девори дохилии онҳо изи матоъ мушоҳида мешавад. Аз ҷумла, чанд намунаи канорбанди сафол низ дарёфт шудаанд, ки яке дорои

сохти мураккаб ва камарбанд буда ва дигаре гурзшакл аст ва бо печакҳо оро ёфтааст. Ҳамчунин, короллаҳои ҳамвор ва бероиш низ дар байни бозёфтҳо ҷой доранд. Илова бар маводди сафолӣ, дар қалъа пораи дастмонаҳое ёфт шудааст, ки бо нақши муҳрмонанд оро ёфтаанд. Ҳамчунин, дар яке аз гумонаҳо пораи деги аз санг сохташуда ёфт шуд (расми 22).

Яке аз бозёфтҳои муҳимми ҳафриётӣ порчаи зарфии девори тунук мебошад, ки аз гили аълосифат сохта шуда, аз ҳар ду тараф бо ангоби сурхи сабук пӯшонида шуда ва аз берун хуб пухта шудааст. Бо таваҷҷуҳ ба хусусиятҳои техникӣ ва услубӣ, ин навъи сафол ба давраи Кӯшониён нисбат дода мешавад. Ҳамин бозёфт гувоҳи он аст, ки Тоҷикқалъа дар давраҳои хеле қадим обод буда, таърихи он аз марҳалаҳои гуногуни тамаддунӣ шуруъ мешавад.

Ҷолиб он аст, ки дар қисматҳои мухталифи қалъа, ки дар давраҳои баъдӣ барои бунёди биноҳо истифода шудаанд, ашё ва бозёфтҳои ба давраи мезолит мансуб низ ба мушоҳида расидаанд. Ба эҳтимоли зиёд, бинокорон ҳангоми истифодаи замини қадим, ки дар канори ёдгорӣ ҷойгир буда ва ҳоло ба деҳа рост меояд, қабатҳои бостонии ин давраро вайрон кардаанд.

Дар наздикии деҳаи Кӯи Булиён, ёдгории дигаре бо номи Кофирқалъа ҷойгир шудааст, ки то кунун мавриди таҳқиқи ҷиддӣ қарор нагирифтааст. Он, эҳтимолан, ба замони пеш аз ислом мансуб буда, баръакси Тоҷикқалъа, ки бештар ба давраи исломӣ ва тамаддуни тоҷикони водии Данғара мансуб аст, хусусияти таърихии мухталифро инъикос менамояд [127, с. 169].

Ҳамин тавр, натиҷаҳои таҳқиқи бостоншиносӣ дар ёдгории мазкур исбот мекунанд, ки ин минтақа як ҷузъи муҳимми фазои фарҳангӣ-таърихии Хуттал мебошад ва дорои захираҳои арзишманди бостоншиносӣ аст. Дар ин замина, ёдгории Тоҷикқалъа ҳамчун намунаи

барҷастаи шаҳраки бисёрасра аҳаммияти зиёд ва пурмаҳсул дар соҳаи илм, таърих ва фарҳанг дорад.

Натиҷаи таҳқиқи бостоншиносие, ки дар ҳудуди ёдгории Тоҷикқалъа анҷом шудааст, далолат мекунад, ки ин мавзеъ дорои тарҳи мураккаби меъморӣ ва қишрҳои фарҳангии чандқабата мебошад, ки аз давраи Кӯшониён то асрҳои XVII дар бар мегирад. Бозёфти сафолҳои сирдор ва одди бесир, намунаҳои хатти куфӣ, техникаи ороишии «графитто» ва ашёи шишагӣ, гувоҳ бар сатҳи баланди рушди саноати ҳунармандӣ ва робитаҳои фарҳангии ин шаҳрак бо марказҳои дигари тамаддунии ҳамзамони худ мебошанд.

Бар асоси таҳлили тарҳи меъморӣ ва маводди бадастомада, метавон хулоса кард, ки Тоҷикқалъа яке аз марказҳои муҳим ва аҳолинишин дар ҷануби Тоҷикистон мебошад, ки пайгирии таҳаввули таърихӣ ва фарҳангии минтақа тавассути омӯзиши он имконпазир аст. Аз ин рӯ, зарурати идомаи таҳқиқи фарогир бо истифодаи равишҳои муосири илмӣ, аз ҷумла, стратиграфия (заминшиносӣ), таҳлили кимиёӣ, палинологӣ (рустанишиносӣ) ва геофизикӣ, ҷиддан эҳсос мешавад.

Ҳамзамон, ҷойгирии Тоҷикқалъа дар наздикии ёдгории дигари таърихӣ Кофирқалъа гувоҳ аст, ки  Данғара дорои маҷмааи ёдгориҳои таърихиест, ки на танҳо пайдарпайии таърихӣ аз давраҳои пеш аз ислом то асрҳои миёнаи исломиро инъикос менамоянд, балки заминаи таҳқиқоти баъдӣ таърихӣ ва фарҳангии Тоҷикистонро низ фароҳам меоранд.

**Маҷмааи ёдгориҳои Иттиҳод 1–5 (Ҷетерган 1–5).** Яке аз соҳаҳои муҳимми таҳқиқоти бостоншиносии марбут ба давраи асрҳои миёна дар ноҳияи Данғара маҷмааи ёдгориҳои бостоншиносии Иттиҳод 1–5 (Ҷетерган 1–5) ба шумор меравад. Ин маҷмааи ёдгориҳо дар ҳудуди ҷанубу ғарбии ноҳияи Данғара, дар дохили яке аз дараҳои маҳаллӣ ҷойгир буда, аз ҷиҳати мавқеи ҷуғрофӣ ва муҳити табиии худ дорои

аҳаммияти илмӣ мебошанд. Дараи мазкур дар самти шимол ба ҷануб, дар байни қаторкӯҳҳои Қаратов ва Чортов ҷойгир шудааст ва самти умумии тамоюли он ба сӯйи дарёи Сурхоб равона мебошад. Ҳарчанд он бо андозаи хурд, ки паҳнояш тақрибан 3–4 километр ва дарозияш дар ҳудуди 14–15 километрро ташкил менамояд. Бо вуҷуди ин водии мазкур дорои хусусиятҳои ҷуғрофӣ ва бостоншиносӣ мебошад, ки барои таҳқиқи равандҳои таърихии маскуншавӣ ва низоми мудофиавии асрҳои миёна дар ҷанубии Тоҷикистон, бахусус дар ҳудуди ноҳияи Данғара, аҳаммияти муҳимми илмӣ доранд [149, с. 79]

Дар дохили ин водӣ танҳо як маҳали зист бо номи деҳаи Иттиҳод (Ҷетерган) ҷойгир шудааст, ки дар канори ҷанубии водӣ қарор дорад. Дар доманаи қаторкӯҳи Тирактов як силсилаи пайдарпайи ёдгориҳои қалъавӣ ҷой гирифтаанд, ки шумораи умумии онҳо панҷ ададро дар бар мегирад. Ин қалъаҳо ба таври занҷири пайваста аз самти шимол ба самти ҷануб ҷойгир шудаанд ва эҳтимол меравад, ки як низоми муназзами дифоии минтақавиро ташкил медодаанд.

Бостоншинос Т.Г. Филимонова доир ба ёдгориҳои болозикр чунин менависад: «Дар асоси таҳлили андоза, тарҳбандӣ ва мавқеи стратегии онҳо, чорто аз ин қалъаҳо аз ҷониби муҳаққиқон ҳамчун нуқтаҳои назоратӣ ва посгоҳҳои муҳофизатӣ (донжонҳо) муайян шудаанд. Қалъаи панҷум, ки дар қисми ҷанубии ин занҷири қалъаҳо ҷойгир мебошад, дорои нишонаҳои боқимондаи шаҳристон ва корвонсарой буда, тавассути ҳафриётҳои бостоншиносӣ муайян гардидааст. Мавҷудияти чунин унсурҳои шаҳрсозӣ нишон медиҳад, ки ин қалъа ҳамчун маркази муҳими маъмурӣ, иқтисодӣ ва дифоӣ дар низоми қалъавии водии Иттиҳод фаъолият доштааст. Бо дарназардошти аҳаммияти ҷуғрофӣ ва сохтори муназзами ҷойгиршавии ёдгориҳо, маҷмааи Иттиҳод 1–5 яке аз манбаъҳои муҳимми омӯзиши равандҳои таърихию фарҳангии минтақа дар асрҳои миёна ба ҳисоб меравад» [147, с. 80].

Таҳлилҳои муқоисавии ҷуғрофӣ-таърихӣ нишон медиҳанд, ки эҳтимол, дар асрҳои миёна тавассути водии маҳаллии Иттиҳод яке аз масирҳои кӯтоҳ ва муҳимми роҳи корвонгузар ба шумор мерафт, зеро ин роҳ пайвандгари қаламравҳои ҷанубӣ ва шимолии Тохаристон бо минтақаи Шумон хидмат мекард. Ин роҳ, тибқи маълумоти муқоисавии ҷуғрофӣ-таърихӣ, аз гузаргоҳи дарёи Панҷ оғоз меёфт (эҳтимол гузаргоҳи Архен) ва дар масири ҷараёни дарёи Сурхоб ба самти шимол ҳаракат намуда, тавассути ҳамин водӣ мегузашт. Ин роҳ то минтақаи чорроҳаи имрӯзаи деҳаи Меҳтар (Саргазон) идома пайдо мекард, ки дар он ҷо ба ду шохаи асоси ҷудо мешуд. Шохаи аввали роҳ тавассути масири Сангтуда, дар байни қаторкӯҳҳои Сарсаряк ва Чортов, ба гузаргоҳи дарёи Вахш мебаромад. Шохаи дуюм бошад, аз болои ҷӯйи Гумсу гузашта, маҳаллаҳои Молишо ва Тутқаулро дарбар мегирифт ва ниҳоят, ба минтақаи Пули Сангин мерасид, ки ҳамчун нуқтаи муҳимми иртиботӣ ва тиҷоратӣ хидмат мекард.

Вуҷуди чунин масир, ки аз рӯйи ҷойгиршавии ҷуғрофӣ ва аломатҳои бостоншиносӣ нақши водии мазкурро ҳамчун пайвандгари асосии иртиботи роҳҳои тиҷоратии асримиёнагии Осиёи Марказӣ таъкид мекунад ва аҳаммияти онро дар таҳқиқоти таърихӣ равшан менамояд.

Корҳои ибтидоии омӯзиши бостоншиносӣ дар Иттиҳод 1–5 бори аввал соли 1977 аз ҷониби бостоншинос Е.П. Денисов анҷом шудаанд. Дар раванди таҳқиқ панҷ иншооти қалъавӣ, сетояш муайян гардид. Бо вуҷуди он ки се намуна аз ин қалъаҳо таҳлил шуданд, дар гузориши ӯ танҳо маълумот дар хусуси қалъаи панҷум вуҷуд дорад, ки он низ хеле мухтасар ва маҳдуд мебошад [96, с. 94]. Бо вуҷуди нокифоя будани маълумоти аввалия, соли 2009 дар доираи таҳияи харитаи бостоншиносии ноҳияи Данғара, ин водӣ аз ҷониби Т.Г. Филимонова ва М.Р. Ахметзянов дубора мавриди омӯзиш қарор гирифт. Таҳқиқи такрорӣ на танҳо маълумоти қаблиро тасдиқ намуд, балки имкони дақиқ кардани шумора

ва сохтори умумии ёдгориҳоро фароҳам овард. Бар асоси натиҷаҳои ин таҳқиқ маълум гардид, ки маҷмааи ёдгориҳои Иттиҳод 1–5 аз панҷ қалъа иборат мебошад, ки дар муҳити табиии водӣ ба таври занҷиравӣ ҷойгир шудаанд [149, с. 55].

Дар заминаи маълумоти илмии мавҷуда тавсифи ҳар як қалъа дар пайваст бо тартиби ҷуғрофии ҷойгиршавии онҳо дар водӣ ба таври муфассал пешниҳод мегардад.

**Қалъаи Иттиҳод 1.** Қалъаи Иттиҳод 1 (Ҷетерган 1) дар масофаи 11 км шимолтар аз деҳаи Иттиҳод воқеъ гардидааст. Ёдгорӣ дар болои баландии табиӣ ҷойгир буда, ин баландӣ аз самти шимол ба ҷануб тул кашидааст. Қисми ҷанубии теппа нисбатан танг буда, дар самти шимол он якбора паҳн гардида, шакли чоркунҷаро мегирад. Андозаи нисбии ин қисми чоркунҷашакл тақрибан 40–50 × 40–50 м-ро ташкил медиҳад. Аз канори шарқии он як ҷӯйбор мегузарад, ки чуқурии он ба 2–2,5 метр мерасад. Дар ҳудуди ёдгори осори се бинои харобшудаи алоҳида мушоҳида мешавад. Дар қисматҳои ҷанубӣ ва шимолии ёдгорӣ ду бинои гирдшакл ҷойгир шудаанд, ки ҳар кадом дорои қутри 8–10 метр ва баландии 1,5 метр мебошанд. Дар қисми миёнаи ёдгорӣ як сохтмони калонҳаҷмтаре бо нақшаи чоркунҷа (дарозии ҳар як тарафи он 25 м) бунёд ёфтааст. Таҳкурсии деворҳои он аз санг сохта шуда, ғафсии онҳо тақрибан 1 метрро ташкил медиҳад. Гирди ин бино бо хандақ (арзиш: паҳноӣ 2 м, умқӣ – 1,5 м) иҳота шудааст. То ҳол таърихи дақиқи сохтани ин ёдгорӣ муайян нашудааст, зеро дар он ҳеҷ гуна кофтуков ва таҳқиқи бостоншиносӣ (гумона ва ҳафриёт) анҷом нашудааст. Ҳамчунин, аз он ҷо ягон маводдиӣ рӯи замин дастрас нагардидааст, зеро ҳангоми боздид тамоми сатҳи қалъа зери қабати зичи алафҳои худрӯй пӯшида буд [149, с. 80].

**Қалъаи Иттиҳод 2. (Ҷетерган 2)** дар масофаи се километр ҷанубтар аз қалъаи Иттиҳод 1 ва тақрибан 20 метр шарқтар аз шоҳроҳи Данғара

Иттиҳод ҷойгир мебошад. Бостоншинос Т.Г. Филимонова доир ба ин ёдгорӣ чунин менависад: «Ёдгорӣ дар болои теппаи табиӣ бунёд шудааст, ки аз самтҳои шимол ва ҷануби он ҷӯйбор ҷойгир мебошад. Ба гуфтаи сокинони маҳаллӣ, дар хотираҳои онҳо ҷӯйбори ҷанубӣ дорои об будааст. Теппа шакли байзашакл дошта, аз самти ғарб ба шарқ тул кашидааст. Дар маркази он як иншооти шаклан чоркунҷа ҷойгир буда, андозаи тахминии он 25 × 30 метрро ташкил медиҳад. Таҳкурсии сангии бино бо ғафсии 0,6 м ва боқимондаи баландии он 0,3–0,5 м то имрӯз нигоҳ дошта шудааст. Гарчанде осори хишти хом ва похса дар сатҳи мавҷуда ба назар намерасад, метавон фарз намуд, ки қисми поёнии деворҳо аз санг ва қисми болоии онҳо аз хишт ва похса сохта шуда буд, ҳарчанд чунин тарзи сохтмон барои меъмории анъанавии Осиёи Марказӣ маъмул нест» [149, с. 81].

Қалъа дар чор гӯшаи худ бо бурҷҳои доирашакл мустаҳкам шуда буд, ки ҳар кадом дорои қутри тақрибан 1,5 метр мебошанд. Дар девори ғарбии қалъа даромадгоҳ ҷойгир шудааст, ки ба як роҳрави дароз мебарад. Ин роҳрав дар маркази бино ба анҷом мерасад ва қисми ғарбии қалъаро ба ду бахш ҷудо мекунад. Дар қисмати шимолии роҳрав як ҳуҷраи чоркунҷа ҷойгир аст. Дар тарафи ҷанубӣ ду ҳуҷра мавҷуданд: яке шакли чоркунҷа дошта, дар девори шарқии он оташдон (танӯр)-е ҷойгир шудааст; ҳуҷраи дуюм, ки андозаи хурдтар дорад, шакли росткунҷаро дорост. Дар қисми шарқии қалъа як толори калони росткунҷа мавҷуд аст Ба эҳтимоли зиёд, қалъаи Иттиҳод 2 нусхаи дақиқи қалъаи Иттиҳод 1 мебошад, ки инро ҳам мавқеи ҷойгиршавӣ ва ҳам андозаҳои умумии сохтмон тасдиқ мекунанд [149, с. 81].

**Қалъаи Иттиҳод 3. (Ҷетерган 3)** дар масофаи 4 километр шимолтар аз деҳаи Иттиҳод ва дар тарафи шарқии роҳи мошингарди Данғара ҷойгир шудааст. Ёдгорӣ дар болои теппаи табиие ҷойгир шудааст, ки он аз самти шимол ба ҷануб тул кашидааст. Дар баландтарин нуқтаи теппа

боқимондаҳои нуҳ биноҳои харобшуда мушоҳида мешаванд, ки андозаҳои онҳо аз 10×10,5 м то 11×16 м ва 9×13,5 м фарқ мекунанд. Баландии боқимондаҳои девори ин биноҳо аз 0,5 то 1,5 метрро ташкил медиҳад. Таҳкурсии деворҳо аз сангҳои калони валунӣ сохта шудаанд, ки гувоҳи устувории сохтори биноҳост. Дар нишеби шарқии теппа каме поёнтар аз биноҳо, баъзе фурӯравиҳо ба мушоҳида мерасанд. Ин фурӯравиҳо эҳтимол нишондоди мавқеи даромад ба ҳуҷраҳои ғорӣ ҳастанд, ки дар фосилаҳои муназзам ва баробар ҷойгир шудаанд. Аз маводди рӯизаминӣ танҳо ду порчаи танаи хума ба даст омадааст. Миқдори маҳдуди маводди сатҳи болоӣ ва набудани кофтуковҳои бостоншиносӣ, муайян кардани замони дақиқи сохтмон ва истифодаи ёдгориро номумкин мегардонад [149, с. 81].

**Қалъаи Иттиҳод 4 (Ҷетерган 4)** дар масофаи 1 километр ҷанубу шарқтар аз Иттиҳод 3 ҷойгир шудааст. Дар натиҷаи корҳои ҷустуҷӯйи соли 1977 аз рӯйи сафолпораҳои аз сатҳи замин порчаҳои сафолҳои сирдор бо омезиши рангҳои сиёҳ ва сафед, бо сирдори сабз, як порчаи ашёи биринҷӣ ва як порчаи зарфи шишагӣ ёфт шудаанд. Маҷмуи сафолҳои ёфташуда имкон дод, ки ин қалъа ба таври муқаддимотӣ ба асрҳои IX–XII мелодӣ таърихгузорӣ шавад. Мутаассифона, маълумоти муфассал дар бораи хусусиятҳои меъморӣ ва сохтории ёдгорӣ дар таҳқиқи Е.П. Денисов зикр нашудааст. Илова бар ин, зимни корҳои ҷустуҷӯии саҳроии соли 2009 муҳаққиқон Т.Г. Филимонова ва М.Р. Ахметзянов натавонистанд макони дақиқи қалъаро муайян намуда, барои омӯзиши мустақим ба он дастрасӣ пайдо кунанд [149, 81-82].

**Қалъаи Иттиҳод 5** (Ҷетерган 5) дар миёни маҷмуаи ёдгориҳо калонтарин ёдгорӣ мебошад, ки он дар ғарби шарқии деҳаи Иттиҳод (Ҷетерган) ҷойгир аст. Деҳкада аз қаср, маҳалли зист, ки дар қисми шимолу шарқаш ҷойгир аст ва корвонсарой, ки дар масофаи 500 метр ҷанубтар воқеъ мебошад, иборат аст. Бостоншинос Т.Г. Филимонова оид

ба қасри ёдгории мазкур чунин менависад: «Қаср шакли мураббаъ дошта, андозаи он 45 × 45 м мебошад. Деворҳо бо ғафсии 2-2,5 м ва баландии то 3 м аз хишти хом сохта шуда, аз берун бо хишти пухтаи андозаҳои 26 × 26 × 5 см, 27 × 26 × 5 см ва 27 × 22 × 4 см рӯйпӯш гардидаанд. Иншоот бо ҳашт бурҷ, ки қутри ҳар яки онҳо 4 м мебошад, мустаҳкам карда шудааст: чор бурҷ дар гӯшаҳои бино ва чор бурҷи дигар дар қисматҳои мобайнии деворҳо ҷойгир шудаанд. Фазои дохилии қаср бо девори дохилӣ, ки ғафсиаш 2 м аст, ба ду қисмат, шарқӣ ва ғарбӣ ҷудо гардидааст. Ин девор аз бурҷ то бурҷ дар байни деворҳои шимолӣ ва ҷанубии беруна тул мекашад. Қисмати шарқии қаср як ҳуҷраи калони росткунҷа бо андозаи 15 × 45 м-ро дар бар мегирад, дар ҳоле ки қисми ғарбӣ (28 × 45 м) ба ду зерқисмат  шимолӣ ва ҷанубӣ тақсим шудааст, ки ҳар кадом аз чанд ҳуҷраи хурд иборат мебошад. Даромадгоҳҳо дар ин марҳилаи таҳқиқ мушоҳида нагардиданд. Дар канори ҷанубу шарқии қаср гумонаи омӯзишӣ бо андозаи 2 × 2 м ва умқи 2,1 м канда шуд. Дар қабати пуршуда хок ва гили нарм бартарӣ дошта, дар таркиби он чанд порча сафол ва хишти сӯхта ба даст омад. Дар сатҳи фарши гумона, ки дар умқи ниҳоӣ ҷойгир буд, нишонаҳои сӯхтор ба назар мерасид» [149, с. 82] (расми 23).

Маҳалли зист дар қисми шимолу шарқии қаср ҷойгир мебошад, ки он ба ду бинои бузург ҷудо мешаванд. Бинои якум шакли мураббаъ (25×25 м) дошта, он дар масофаи 7–8 метр дар самти шимоли қаср ҷойгир аст, ки даромадаш аз самти ҷануб мебошад.

Бинои дуюм, ки ба шакли теппа мебошад, дар масофаи 45–50 метр дар шарқи қаср ҷойгир мебошад, ки бо душворӣ бошад ҳам боқимондаҳои деворҳои берунӣ дида мешаванд.

**Бинои корвонсарой бо андозаи 15×15 м** аз хишти хом бо таҳкурсии сангӣ бунёд ёфтааст. Дар ороиши сохтмон, ҳамчунин, хишти пухта истифода шудааст, ки андозааш ба андозаи хиштҳои истифодашуда дар қаср баробар мебошад. Нақшаи меъмории он барои чунин навъи

сохтмонҳо маъмул ва маъруф аст. Он дорои саҳни марказӣ, ки онро ҳуҷраҳо иҳота кардаанд.

Корвонсарой дар шакли ҳарфи П сохта шудааст, ки андозаи ҳуҷраҳои самти ҷануб ва шимол 2 метр паҳной дошта ва биноҳои самти ғарби 4 метрро дар бар мегирад. Даромадгоҳи корвонсарой дар тарафи шарқии бино ҷойгир шудааст.

Дар натиҷаи таҳқиқ маълум шуд, ки дар наздикии корвонсарой чоҳҳо канда шудаанд, ки оби онҳо шӯр буда, танҳо барои ҳайвонот мувофиқ аст. Оби ошомиданӣ ба маҳалла бо тариқи корезҳо оварда мешуд.

Е.П. Денисов системаи карезҳоро дар масофаи 2-3 км дар самти шимоли маҳалли зист таҳқиқ кардааст, ки дар он ҷо тақрибан дар масофаҳои баробар чоҳҳо бо умқи 9 метр ва қутри даҳонашон 3 метр канда шудаанд [96, с. 94].

Бостоншинос Е.П. Денисов оиди бозёфтҳо чунин менависад: «Ҳамаи бозёфтҳое, ки аз сатҳи замин ҷамъоварӣ шудаанд, бо бозёфтҳои аз гумонаи омӯзишӣ бадастомада монанд мебошанд. Бозёфтҳои сафолие, ки дар натиҷаи таҳқиқоти саҳрой ва кофтуковҳои бостоншиносӣ аз ёдгории Иттиҳод ба даст омадаанд, аз ҷиҳати хосиятҳои шаклӣ, технологӣ ва услуби ороишӣ як маҷмааи ягонаи фарҳангиро ташкил медиҳанд. Дар натиҷаи омӯзиши сафолпораҳо онҳо шартан ба ду гурӯҳ ҷудо карда шудаанд: зарфҳои сафолии бесир ва зарфҳои сафолии сирдор. Сафолҳои бесир, ки қисми зиёди маҷмӯаро ташкил медиҳанд, дорои ангобҳои сафед, нақшҳои кандакорӣ ва унсурҳои мураккаби ороишӣ (аз ҷумла хатҳои норавшан, шаклҳои секунҷа ва хатҳои мавҷдор) мебошанд. Ҳамзамон, сафолҳои сирдор бо рангҳои шаффоф ва заминаҳои ранга, нақшҳои рустанӣ ва услуби арабӣ (имитатсионӣ), инчунин услуби хоси маҳаллӣ бо номи “тухми бирён бо пиёз” оро ёфтаанд, ки сатҳи баланди ҳунари кулолгарии он давраро инъикос мекунад. Маводди сафолӣ, ки ҳам аз

сатҳи ёдгорӣ ва ҳам аз гумонаи омӯзишӣ ба даст омадаанд, ба асрҳои X–XII мелодӣ тааллуқ доранд» [149, с. 83].

Далелҳои муқоисавии меъморӣ байни қалъаҳои Иттиҳод 2 ва дигар қалъаҳо, ки шабоҳат дар тарҳи онҳо дида мешавад, имкони хулосаи илмии муҳиммеро фароҳам месозад: эҳтимол, ҳар ду қалъа дар як давра ва аз ҷониби як меъмор сохта шудаанд. Аз ин бармеояд, ки тамоми маҷмааи қалъаҳо – Иттиҳод 2, 3 ва 5 як низоми стратегии ягонаеро ташкил додаанд, ки бо мақсади назорат ва таъмини амнияти роҳҳои тиҷоратии минтақа бунёд ёфтаанд.

Ин ҳама далелҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки маҳалли зист ва қалъаҳои минтақаи Иттиҳод на танҳо аҳаммияти дифоӣ, балки нақши муҳимми иқтисодӣ ва тиҷоратӣ дошта, дар низоми мутараққии шаҳрдории асрҳои миёнаи Осиёи Марказӣ ҷойгоҳи хоссаро ишғол мекарданд.

Ҳамин тавр, маҷмааи ёдгориҳои бостонии Иттиҳод 1–5 яке аз муҳимтарин мавзеъҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ дар ҷануби Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дорои аҳаммияти илмӣ, таърихӣ, дифоӣ ва тиҷоратӣ мебошад. Таҳлилҳои ҷуғрофӣ, меъморӣ ва бозёфтҳои моддӣ аз ин минтақа нишон медиҳанд, ки ёдгориҳои мазкур як тарҳи муназзами қалъавӣ ва масири муҳимми иртиботии роҳи карвонгузари асримиёнагиро ташкил додаанд. Маҷмааи ёдгориҳои Иттиҳод 1–5, аз манбаъҳои муҳимми омӯзиши тамаддун, меъморӣ, дифоъ, иқтисодӣ ва низомҳои тиҷоратии асрҳои миёна дар ҷануби Тоҷикистон маҳсуб мешавад. Ҷойгиршавии стратегӣ, сохтори муназзами дифоӣ, вуҷуди шаҳристону корвонсарой ва низоми обрасонӣ нишон медиҳад, ки ин минтақа дар низоми шаҳрҳои дорои хусусияти нимашаҳрӣ ва стратегӣ ҷойгоҳи вижа доштааст. Маҷмааи мазкур ҳамчун маркази муҳимми сиёсӣ ва иқтисодӣ, хидмати дифоӣ ва иртиботиро иҷро мекард ва арзиши омӯзиши онро дар таҳқиқи таърихи минтақавии асримиёнагии Тоҷикистон ба сатҳи баланди илмӣ мебарад.

Бо вуҷуди аҳаммияти бузург, маҷмааи ёдгориҳои Иттиҳод 1–5 то ҳол ба таври кофӣ ва ҳамаҷониба таҳқиқ нашудааст. Омӯзиши то имрӯз анҷомёфта танҳо хусусиятҳои умумиро равшан намудааст, дар ҳоле ки имкони илмии он ба таври зарурӣ истифода нашудаанд. Маҷмааи мазкур ба таҳқиқи фарогир ва мукамали бостоншиносӣ ниёз дорад, зеро яке аз ёдгориҳои асосии давраи таърихии асримиёнагии минтақа, аз ҷумла, норавшаниҳои таърихи асримиёнагии ноҳияи Данғара, яъне хронология, таъиноти меъморӣ, рушди иҷтимоию иқтисодӣ ва сабабҳои таназзули аҳолинишини асримиёнагии ноҳияи Данғара маҳз тавассути омӯзиши амиқи он метавонад равшан гардад.

## 2.3. Ёдгориҳои бостоншиносии асримиёнгаии баъдина (XIII–XVIII)

**Шаҳраки қадимаи Данғара.** Харобаи шаҳраки қадимаи Данғара яке аз ёдгориҳои муҳимми асрҳои миёнаи охир дар ҷанубии Тоҷикистон, мебошад, ки муҳити шаҳрсозии асрҳои XIII–XVIII-и мелодиро ифода мекунад. Мутаассифона, дар соли 1970 қисми зиёди ин ёдгорӣ зери сохтмонҳои нави манзилҳои истиқоматӣ қарор гирифта, хароб шудааст. Бо вуҷуди ин, арзиши таърихии он ба туфайли тавсифи муфассале, ки соли 1941 аз ҷониби бостоншинос П.И. Смоличев анҷом шудааст [142, с. 93], то андозае ҳифз гардидааст (расми 24).

Хароба дар ҳудуди собиқ колхози «Комсомол» ва баъдтар совхози «Ленин» ва ҳоло бахши шаҳри кунунӣ ҷойгир буда, дар тарафи рости роҳи мошингарди Данғара – Кангурт паҳн шуда буд. Қисми асосии шаҳрак дар соҳили рости дарёча ҷойгир буда, масоҳати умумии онро зиёда аз 50 гектар ташкил медод [5-М, с. 293].

Бостоншинос П.И. Смоличев оид ба қисмҳои шаҳраки Данғара чунин менависад: «Шаҳраки қадим аз се бахши асосӣ диж (қалъаи ҳокимнишин), шаҳристон ва работ иборат буд. Диж дар қисми шимолу шарқии шаҳристон ҷойгир шуда, майдони тақрибан 70 × 70 метрро ишғол мекард.. Дарвозаи асосии он дар қисми ҷанубу шарқӣ ҷойгир шуда буд. Фазои дохилии қалъа ба чор бахши иҷтимоӣ ҷудо гардида, дар маркази он манорае барои адои азон бунёд ёфта буд» [142, с. 94].

Дар доманаи диж чашмае қарор дошт, ки эҳтимол бо чашмаи кунунии назди мақбараи номаълум мутобиқат дорад. Дар атрофи ин чашма чанд манбаи дигари об мавҷуданд, ки ҳар яке хусусиятҳои биохимиявии хосси худро дорад (аз ҷумла, оби ширин ва талхмаза) ва онҳо аз ҷониби аҳолӣ ҳамчун оби шифобахш истифода мешаванд. Аз нигоҳи таърихию фарҳангӣ, ин чашма дар замони зардуштия ҳамчун

муқаддасгоҳ шинохта мешудааст ва эҳтимол меравад, ки дар атрофи он ибодатгоҳҳои мазҳабӣ буданд.

Дар ин замина гумон меравад, ки маҷмааи гӯрҳои бузургони диёр, ки тарҳи салибшакл доранд, дар гузашта маъбади оташ ё об буда, дар давраи густариши ислом ба гӯристон табдил ёфтааст. Омӯзиши харобаҳои ёдгории назди чашма нишон дод, ки устоҳои он аз шаҳри Исфаҳон омада буданд. Ҳоло дар болои гӯрҳои ёфтшуда мақбара бо иштироки устоҳои Исфаҳон сохта шудааст.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти фарҳангӣ, таърихӣ ва диншиносии ин мавзеъ, омӯзиши ҳамаҷониба ва мукаммали ёдгориҳо ва муҳити табиии атрофи ин чашмаҳо барои бозсозии саҳеҳ ва илмии таърихи тамаддуни минтақаи Данғара аҳаммияти хосса дорад.

Шаҳристон – яке аз бахшҳои асосии шаҳрсозии давраи асрҳои миёна бо ду ҳалқаи девори муҳофизатӣ иҳота шуда буд, ки ҳар кадоме бо бурҷҳои тирандозӣ муҷаҳҳаз гардида буданд. Сохтори дохилии шаҳристон аз теппаҳо ва баландиҳои гуногунҳаҷм иборат буда, ин хусусият эҳтимол бо марҳалаҳои гуногуни сохтмонӣ ва густариши шаҳр алоқаманд аст. Ду ҳалқаи девор дар масофаи муайян аз ҳам ҷойгир буда, эҳтимол, дар замонҳои гуногун сохта шудаанд. Девори охирин, ки доираи беруниро ташкил медод, пас аз густариши работу шаҳр бунёд ёфтааст.

Аз рӯйи маълумоти дастрасшуда, меъмории умумии шаҳр аз се бахши асосӣ – диж (қалъаи ҳокимнишин), шаҳристон ва работ иборат буд [5-М, с. 293]. Аммо то имрӯз ин маҷмааи муҳимми меъморӣ пурра хароб гардидааст. Ҳоло бахши рости шоҳроҳи Данғара – Кангурт ба замини бекорхобида табдил ёфтааст. Бо вуҷуди ин, дар солҳои 40-уми асри XX П.И. Смоличев дар ин минтақа осори шаҳракеро аз замони гузашта сабт ва таҳқиқ намудааст. Ӯ биноеро бо андозаи 150 х 145 метр муайян намудааст, ки дорои ҳавлӣ ва утоқҳои гирду атроф аз ҷиҳати тарҳ ба

корвонсарой шабоҳат доштааст. Бо такя ба таҳқиқоти П.И. Смоличев метавон фарз кард, ки ин сохтор дар асл як корвонсарой будааст.

Бостоншинос Т.Г. Филимонова оид ба қаламрави шаҳраки Данғара чунин менависад: «Масоҳати умумии шаҳр беш аз 50 гектарро ташкил медиҳад. Дар минтақаи мазори Шаҳид, ки эҳтимолан гӯристони шаҳри қадимӣ будааст, шумори зиёди гӯрҳо бо сақф ва деворҳои аз хишти пухта сохташуда сабт гардидаанд. Ин хусусият шабоҳати назаррас ба гӯрҳои воқеъ дар назди чашмаҳои муқаддас дорад» [151, с. 253].

Дар ҷараёни ҳафриёти соли 2012, ки аз ҷониби Т.Г. Филимонова дар ҳавлӣ ва қитъаи марбут ба Муродов Бозор – собиқ директори Осорхонаи таърихии Данғара анҷом шуд, ӯ боқимондаҳои як сохтмони қадимиро пайдо кард. Он аз хишти пухта бунёд ёфта, қисман боз карда шудааст. Бино ба таҳқиқоти Т.Г. Филимонова, ҳафриёт дар канори шимолу шарқии диж анҷом шуда, он маҳал, асосан, аз қабати гумиз, хиштпораҳо ва сафолпораҳо иборат буд. Дар умқи 1.5 м, боқимондаи девори мустаҳками хиштӣ ошкор гардид, ки дар натиҷа, як ҳуҷраи росткунҷа, ки бо девори дохилӣ тақсим шуда буд, ба қайд гирифта шуд. Андозаи ҳар як ҳуҷра 3,2х2 метрро ташкил дода, хиштҳое бо андозаҳои 25–26×25×5 см истифода шудаанд. Баландии боқимондаи деворҳо то 80 см ва паҳнои онҳо 25 см мебошад. Қисми болоии деворҳо бо похса пӯшонида шуда, фазои дохилӣ ба чор бахш тақсим гардида ва бо гаҷ андова шудааст. Фарши ҳуҷра низ бо хишт ороста шуда буд [151, с. 253] (расми 25.)

Бо вуҷуди шарҳи ҷузъиёти меъморӣ, Т.Г. Филимонова дар таҳлили ниҳоӣ ё хулосабарории асосии бозёфти мазкур ба таври мушаххас чизе зикр накардааст. Ҳамчунин, ҷой доштани баъзе саволҳои кушода дар хусуси таъйини вақти дақиқ ва вазифаи сохтмон таҳқиқи ҷиддӣ мехоҳад.

Пас аз шаш сол Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои анҷоми таҳқиқоти иловагӣ, муайян намудани аҳаммияти таърихии бозёфт, ҳамчунин, анҷоми корҳои тармим ва насби нишонаи ёдгорӣ,

маблағ ҷудо намуд ва як экспедитсияи махсус ташкил кард. Ҳадафи асосии ин экспедитсия ташхис ва муайян намудани арзиши илмӣ ва таърихии бозёфт буд. Бо вуҷуди ин, дар ин фосилаи шашсол соҳиби ҳавлӣ ба сабаби ноогоҳӣ аз арзиши бостоншиносии ёдгорӣ, онро бо хоку хошок пур карда, дар дохили он дарахтҳо шинонида, ба боғ табдил додааст. Дар натиҷа, дарахтон калон шудаанд ва осори кашфи пешинаи Т.Г. Филимонова комилан нопадид гардидааст.

Таҳқиқоти иловагии академик Ю.Я. Яқубов, М. Азизов ва С.С. Асомиддинзода нишон доданд, ки бозёфти мазкур хумдони хиштпазӣ мебошад, ки дорои аҳаммияти вижаи таърихӣ аст. Дар аввал гумон мерафт, ки ин сохтмон ҳаммом бошад, вале таҳқиқи муфассал нишон дод, ки он маҳз хумдони хиштпазист. Ин хулоса бо такя ба ҷойгиршавии хумдон дар умқи тахминан ду метр поёнтар аз сатҳи замин ва хусусиятҳои сохтории он, ки деворҳояш заминӣ буда, бо хишт рӯпӯш шудаанд, асоснок шудааст.

Одатан, бостоншиносон дар ҷараёни ҳафриёт хумдонҳои зарфпазиро муайян мекунанд. Дар муқоиса бозёфти хумдони хиштпазӣ хеле камёб буда, аз ин лиҳоз, кашфи ин навъи хумдон дар ҳудуди ноҳияи Данғара дорои арзиши илмию таърихии хос мебошад.

Сохтори хумдон аз ду бахш иборат аст: бахши асосӣ (хонаи хумдон) ва пешайвон. Девори байни ин ду бахш, ки аз хиштпораҳо иборат аст, эҳтимол, дар марҳалаи баъдӣ ва пас аз тахриби хумдон сохта шудааст. Ин девор каҷ ва номураттаб буда, дар болои боқимондаҳои деворҳои пешин бунёд ёфтааст. Дар девори ғарбии хумдон нишонаҳои тағйирот дида мешаванд, ки нишон медиҳанд, пас аз харобшавии аввал он ҳамчун даромадгоҳ истифода гардидааст. Ин далел нишон медиҳад, ки баъд аз тахриби хумдон, онро ба ду бахш тақсим намуда, барои ҳадафҳои гуногун истифода бурдаанд.

Ҳуҷраи асосии хумдон, ки барои пухтани хиштҳо пешбинӣ шуда буд, шакли мураббаъ дошта, андозааш 2,2х2,2 метрро ташкил медиҳад. Дар

деворҳои ҷанубӣ ва шимолии он, дар баландии 20 см аз сатҳи фарш, ҳар кадоме дорои панҷ даромадгоҳи оташбаро будаанд. Андозаи ҳар як оташбаро 27x36 см мебошад ва онҳо то баландии 60 см боқӣ мондаанд. Девор ва сутунчаҳои оташбаро бо истифода аз хиштҳои 25×25×5 см ва 26×25×5 см дар маҳлули соруч бо маҳорати баланд бунёд ёфтаанд. Дар сохтмон ду навъи хишт, сурх ва зард истифода шудаанд. Рӯйи фарш ва деворҳо дар натиҷаи ҳарорати баланд бо қабати сафолпӯши 5 см пӯшида шудаанд. Т.Г. Филимонова ин қабатро иштибоҳан гаҷ пиндоштааст (расми 26).

Дар девори ғарбии хумдон, ки ба пешайвон роҳ мебарад, нишонаҳои арк (камон) боқӣ мондаанд, ки барои ба он ҷо ворид кардани сӯзишворӣ ва расондани гармӣ хидмат мекарданд. Ба назар мерасад, ки хумдон дорои панҷ арк бо паҳнои тахминан 30 см буда, дар болои онҳо хиштҳои хом барои пухтан гузошта мешуданд

Ҳуҷраи дувум, ки андозааш 2×1,70 метр буд, ҳамчун макони нигоҳдории ҳезум ва дигар навъҳои сӯзишворӣ истифода мешуд. Ҳамчунин, эҳтимол меравад, ки он барои гузоштани ҳезум ва лахча дар зери хумдон пешбинӣ гардида буд. Деворҳои пешайвон низ нишонаҳои таъсири ҳароратро нишон медиҳанд. Онҳо бо зарфакҳо (сафолакҳо) пушонида шуда, аз таъсири гармӣ ранги сурхи оташгирифта гирифтаанд. Хокаи деворҳо ва фарши ин бахш аз замин кофта шуда, 1,5 метр поёнтар аз сатҳи замини атроф ҷойгир аст.

Пайдо гардидани хумдони хиштпазӣ дар шаҳраки асримиёнагии Дашти Кӯлак далели равшани рушди ҳунари хиштсозӣ дар минтақаи Данғара мебошад. Ҳамчунин, эҳтимол меравад, ки хиштҳои дар сохтмони мақбараҳои аз хишти пухта сохташудаи Мавлоно Тоҷиддин, Мавлоно Обиддин ва дигар иншооти маҷмааи ёдгории назди чашма истифодашуда маҳз дар ҳамин хумдон омода гардидаанд. Аз рӯйи андоза ва таркиб ин хиштҳо аз дигар ҷой оварда нашудаанд, маҳалли истеҳсоли онҳо маҳз ҳамин хумдони маҳаллӣ будааст.

Хумдони монанд ба ин соли 2004 дар канораи харобаи Вашгирд (ноҳияи Файзобод) аз ҷониби муҳаққиқ Д. Довудӣ мавриди омӯзиш қарор гирифт [101, 205]. Ин хумдон соли 1982 дар ҷараёни сохтмони роҳ кашф шуда буд ва онро бостоншинос П. Самойлик аввалин бор таҳқиқ карда буд, вале натиҷаҳои кори ӯ нашр нашудаанд. Соли 2004 доктори илмҳои таърих академики АМИТ, Ю.Я. Яқубов ба Д. Довудӣ тавсия медиҳад, ки ин бозёфт ҳамчун хумдони нодири таърихӣ таҳқиқ шавад ва ба таври мукаммал натиҷаи он нашр шавад.

Д. Довудӣ роҷеъ ба хумдони Вашгирд чунин менависад: «Хумдони Вашгирд ба мисли хумдони Данғара дар замин кофта шуда, нақшаи чоркунҷаи дарозрӯяро дорад. Он бо хиштҳои андозаи 26×26×5 ва 25×26×5 см сохта шудааст, ки бо андозаҳои хиштҳои хумдони Данғара мувофиқат доранд. Аловхона (ҷойи асосии оташфурӯзӣ) дар баландии 1,80 м боқӣ монда, андозаи он 3×2,15 м мебошад. Дар деворҳо, дар баландии 20 см аз сатҳи фарш, чор сӯрохи дудбаройӣ ва оташбаро боқӣ мондаанд, ки андозаи онҳо 40×20 см мебошад. Аркҳои хиштин низ дар ин хумдон ба назар мерасанд, ки болои онҳо хиштҳои хом барои пухтан ҷойгир мешуданд» [101, с. 206] (расми 27).

Мутобиқи таҳқиқи Д. Довудӣ хумдони Вашгирд ба давраи асрҳои IX–XI мансуб аст [101, с. 112]. Дар хумдони Данғара як порчаи лаби ҷом, ки ба давраи Хулбук мансуб аст, пайдо шудааст. Бо такя ба ин далел, метавон фарз кард, ки хумдони Данғара эҳтимол дар асрҳои IX–XVI мавҷуд будааст, зеро дар маҷмааи назди чашма низ намунаҳои меъмории аз хишти пухта сохташудаи мутааллуқ ба асрҳои IX–XII ба қайд гирифта шудаанд (расми 28).

Боз як хумдони дигар, ки андозаи он нисбатан калонтар 4×3 метр мебошад, дар мавзеи Сармайдони ноҳияи Муминобод аз ҷониби Т. У. Хуҷагелдиев таҳқиқ шудааст [155, с. 63-103; 156, с. 151-159]. Хумдони мазкур аз лиҳози ҳаҷм ба хумдони Хиштпазии Данғара монанд аст.

Дар гузориши Т.Г. Филимонова ба маводди сафолии дар натиҷаи ҳафриёт дар хумдон ёфтшуда ишора шудааст, аммо дар баробари аксҳои хумдон, тасвир ё ҷудосозиҳои муфассали сафолҳо ба таври алоҳида пешниҳод нагардидаанд. Бо вуҷуди ин, таҳлили ин бозёфтҳо нишон медиҳад, ки хусусиятҳои техникӣ ва услубии сафолҳои дар сатҳҳои гуногуни хумдон ёфтшуда дорои мушобаҳати равшананд [151, с. 228].

Бостоншинос Т.Г. Филимонова оид ба маводди сафолӣ чунин менависад: «Аз ҷиҳати навъ сафолҳои ёфтшуда, асосан, ба зарфҳои рӯзгор, аз ҷумла кӯзаҳо ва дегҳо мансуб мебошанд. Ҳангоми шикастан порчаҳо дорои ранги қаҳваранг ва баъзан сафедранг буда, ғафсии деворашон ба ҳисоби миёна 0,8–1,0 см-ро ташкил медиҳад. Хамираи ин навъи сафолҳо бо иловаи резаи сафол (шамот) омода гардидааст, ки он устуворӣ ва муқовимати гармии зарфҳоро таъмин менамояд. Сафолҳои дар чархи кулолӣ сохташуда девораҳои нисбатан борик (0,5–0,7 см) дошта, ранги зарди қаҳваранг доранд ва аз гили тозаи якхела омода шудаанд. Баъзе намунаҳо бо қабати ангоби сафед пӯшонида шудаанд. Дар навъи дигари сафолҳои ғафстар (0,8–1,1 см) сатҳи берунӣ ранги хиштӣ дошта, ҳамвор ва равшан мебошад. Хамираи онҳо сурх буда, бо иловаи сафолреза ва рег таҳия гардидааст; дар ин гурӯҳ ангоби сафед низ дар сатҳи берунӣ ба таври васеъ истифода шудааст. Ин хусусият бештар дар зарфҳои дегмонанд ва хумҳо мушоҳида мешавад. Сафолҳои сирдор низ дар ҳамаи қабатҳои таҳқиқшуда ба даст омадаанд. Ин навъ ба косаҳои конусшакли амиқ, косаҳои курашакли миёнаҳаҷм, табақчаҳо ва табақҳои калон мансуб мебошанд. Сирҳои истифодашуда, асосан, ранги тирасабз ва сафеди тира дошта, бо нақшҳои рустанӣ ва ороишоти абстрактии гулдӯзишакл оро ёфтаанд. Дар баъзе намунаҳо унсурҳои ороишии махсус низ ҳифз шудаанд: яке бо нақши марказии поёни табақ ва дигаре бо ороиши канори коса бо хатҳои номаълум, ки хоси анъанаҳои зебошиносии асрҳои миёна мебошанд. Бархе намунаҳои нодир, ки бо

сифати баланд ва ороиши мураккаб сохта шудаанд, ба услуби давраи Темуриён мутобиқат доранд. Дар онҳо нақшҳои гулдор ва шаклҳои ҳандасӣ бо ранги кабуди торик истифода шудаанд. Гарчанде теъдоди чунин порчаҳо кам бошад ҳам, сатҳи баланди ҳунармандӣ ва хусусиятҳои эстетикии онҳо онҳоро аз дигар бозёфтҳо ҷудо месозад» [151, с. 228–229].

Сафолҳои бе сир низ бо се услуби асосии ороиш дода шудаанд: якум: нуқтагузорӣ бо истифода аз асбоби борик ба сатҳи зарфҳо нуқтаҳои хурд гузошта шудаанд; дувум: кашидани хатҳо: а) хатҳои рост дар сатҳи кӯзаҳо; б) хатҳои мавҷнок дар канори зарфҳо; сеюм: нақшҳои мураккаб бо унсурҳои хурди такроршаванда. Гарчанде ки порчаҳои тамоми ин навъи сафолҳо ёфт нашудаанд, як порчаи калиб (қолаби кулолгарӣ) ба даст омадааст, ки усули истеҳсоли онҳоро тасдиқ менамояд (расми 29).

Хулоса маҷмуи маводди сафолии ёфтшуда дар хумдони Данғара ба таври равшан равандҳои рушди кулолгарии маҳаллиро дар давраҳои миёнаи таърихӣ инъикос мекунад. Вуҷуди намунаҳои гуногуни ороиш, навъи хамир, андозаи хишт ва усули истихроҷ, имкони пайгирии иртиботҳои фарҳангии маҳалро бо дигар марказҳои ҳунармандии ҳамзамони худ фароҳам месозад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин мавод метавонад ба равшан кардани масоили муҳимми таърихи кулолгарӣ ва иқтисодиёт дар минтақа мусоидат намояд [151, с. 230].

Дар соҳили муқобили рости ҷараёни об, як қисми маҳдуди шаҳраки бостонии Данғара ҷойгир буда, дар замони муосир як сохтмони маҷмааи фарҳангӣ (консертӣ) дар он оғоз ёфтааст. Дар ҷараёни корҳои сохтмонӣ ва азназаргузаронии чоҳҳо дар пояи ғарбии теппа, ки маҳалли асосии ёдгории бостоншиносӣ мебошад, як қабати хокистарии дорои пораҳои сафол ва устухонҳои ҳайвонот муайян шуд. Дар яке аз деворҳои умқии сохтмонӣ, ки то 4 метр тоза карда шудааст, қабати хокистарии зич бо ғафсии 0,6–0,8 м ошкор гардид, ки дар баъзе ҷойҳо то 1,5 м амиқ шуда, шакли умқи табииро касб менамуд.

Дар ин қабати фарҳангӣ бозёфтҳои сершумори бостоншиносӣ ба даст омаданд, ки аҳаммияти хос доранд. Аз ҷумла: – ду зарфи кулолии бостонӣ, ки қисми болоии кӯза аз гили сурх сохта шуда, гардан бо қабурға дар марказ ва ҳошияи ҳамвор поён меёбад, идомаи мустақими девори зарф ба ҳисоб меравад; –порчаҳои дегҳои ҷисман курашакл: 2 адад бо матоъи тунук ва 2 адад бо матоъи ғафс сохта шудаанд; – зарфҳое бо деворҳои ғафс, ки бо ангоби сафед пӯшонида шудаанд; – ҳошияҳои кулолӣ аз зарфҳои гуногун, аз ҷумла, кӯзаи болопӯш бо ҳошияи ҳамвор, ҷумбо бо нишебии беруна ва кӯзаи сафолӣ бо идомаи мавҷдори девори зарф; –ягона бозёфти ғайрисафолӣ сангчаҳои ҳамвори ҷилодор.

Баррасии сафолҳои аз дигар шурфҳои ҳудуди шаҳрак ёфтшуда, якҷоя бо таҳлили сиккаҳои бадастомада, нишон медиҳад, ки бештари маводди бостонӣ ба асрҳои XIV–XVI мелодӣ тааллуқ доранд. Дар маҷмуъ, дар ҷараёни таҳқиқ ду сикка мустақиман ёфт шуда, шаш тои дигарро аҳолии маҳаллӣ ба ихтиёри мутахассисон гузоштаанд.

Сиккашинос Д. Довудӣ роҷеъ ба сиккаҳо чунин менависад: «Сиккаҳо аз мис сохта шуда, аз ҷониби муҳаққиқон мавриди омӯзиш қарор гирифтаанд. Яке аз онҳо дар умқи 0,5 м аз сатҳи замин ёфт гардида, тибқи таҳлил дар шаҳри Бухоро соли 832 ҳиҷрӣ (мувофиқ ба 1428–1429 мелодӣ) зарб шудааст. Ин сикка то асри XVI дар муомилоти пулӣ истифода мегардидааст. Дар рӯйи он нишони себарга ва номи шаҳри зарб — “Бухоро” мушоҳида мешавад. Ҳарчанд ду муҳр бар рӯи ҳам афтидаанд, ки хондани навиштаҷотро то андозае мушкил месозад. Вазни сикка 2,6 грамм ва қутраш 18–20 мм мебошад» [45, с. 39–43].

Сиккаи дувум ба амир Темур мансуб буда, дар зарбхонаи Самарқанд дар соли 785 ҳиҷрӣ (1383–1384 мелодӣ) зада шудааст. Дар рӯйи он «амир Темур» ва «Самарқанд» сабт шудааст [45, с, 44]. Аз сиккаҳое, ки сокинон овардаанд, як адад дар Ҳисор ва панҷтои дигар дар Қундуз зарб гардида, ба ибтидои асри XVI тааллуқ доранд [45, с. 50-51].

Сиккаҳои монанд ба сиккаҳои ёфтшуда дар деҳаҳои Пушинг, Чортеппа, Булёни Поён, Экизак, Ёхсу, Ширинсой, Чоркӯл ва дигар маҳалҳои ноҳия, аз ҷумла навоҳии вилояти Хатлон ва Ҳисор низ ба қайд гирифта шудаанд. Ин далел аз муомилоти фаъол ва густардаи ин навъи сиккаҳо дар асрҳои XV–XVI гувоҳи медиҳад.

Тибқи маълумоти таърихӣ Хатлон дар асрҳои XIII–XVI қисми таркибии давлати Темуриёнро ташкил медод ва аз ҳамин рӯ, паҳншавии сиккаҳои темурӣ дар ин минтақа як раванд ва амри табиист. Ин сиккаҳо дар баробари бозёфтҳои сафолӣ ва дигар маводди бостоншиносӣ имкон медиҳанд, ки пайдарҳамии ин минтақаи бостоншиносӣ бо дақиқии бештар муайян гардад ва дар таҳқиқи баъди ҳамчун далел муътамад истифода шаванд.

Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар чор минтақаи ҷудогонаи харобаи шаҳри қадим, аз ҷумла  дар масофаи 50 ва 100 метр аз хумдон дар соҳили ҷӯйи Беном ва 150 метр дар бахши шимолии қалъа, нишон доданд, ки дар ҳамаи ин мавзеъҳо дар умқи 20–30 см нишонаҳои равшани фаъолияти инсонӣ ба мушоҳида мерасанд. Дар ин нуқтаҳо хокистар, лахҷа, сафолпораҳо, хиштпораҳо ва пораҳои лӯлаҳои обёрӣ ошкор гардиданд. Қабатҳои ҷойҳои зист то умқи зиёда аз 2 метр идома доранд, ки ин аз вуҷуди зисти пайваста ва устувор дар ин мавзеъ гувоҳи медиҳад.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки дар аксари шаҳрҳои қадимии тоҷикон, низоми обёрӣ тавассути лӯлаҳои гилии пухта амалӣ мешудааст. Ин лӯлаҳо бо низоми зеризаминӣ пайваст буда, оби тозаро ба манзилҳои аҳолӣ мерасониданд. Дар як гӯшаи ҳавлӣ нишонаҳои чоҳ (бадраб – бадрафт) муайян карда шуд, ки на танҳо барои партов балки ҳамчун ҳоҷатхона низ хидмат мекард. Чунин сохтор нишон медиҳад, ки шаҳр муҳити поку муназзам доштааст ва тартиботи санитарӣ дар сатҳи баланд риоя мегардид.

Яке аз унсурҳои муҳимми таҳқиқи бостоншиносӣ сафолпораҳо мебошанд, ки тавассути таҳлили онҳо метавон давру замони ёдгориҳои

фарҳангиро муайян намуд. Дар шаҳраки бостонии Данғара миқдори зиёди сафолҳои дорои хусусиятҳои гуногун ба қайд гирифта шудааст. Аксари онҳо бо истифода аз чархи кулолӣ сохта шудаанд, ки нишон аз рушди кулолӣ–ҳунармандӣ дар давраҳои муайяни таърихӣ медиҳад. Каме аз онҳо дастсоз мебошанд ва бештар маҳсули ҳунармандони деҳот мебошанд.

Сафолҳои дар чарх сохта шуда аз хоки махсуси покшуда бо иловаи гаҷу рег сохташуда, бо сирҳои ранга ва нақшҳои зери обшиша (глазур) оро дода шудаанд. Зарфҳои дастсоз, дар деҳот истеҳсол гардида, ба анъанаҳои қадимии кулолгии маҳаллӣ такя доранд (расми 30). Яке аз хусусиятҳои фарққунандаи зарфҳои Данғара, ороиши барҷастаи гардани зарфҳо мебошад, ки реша дар фарҳанги чорводорони давраи асри биринҷӣ дорад. Ин услуб дар маҳсулоти кулолии Данғара то асрҳои миёна нигоҳ дошта шудааст.

Дигар хусусияти асосӣ нақшкашии хатҳо бо асбоби нӯгтез дар бадани зарфҳост. Ҳамчунин, истифодаи нақшҳои қолабӣ, ки аз асри IX сар мешавад, ба таври густарда дар зарфҳо роиҷ гардид. Дар асрҳои XIII ва минбаъд, ҳамин гуна нақшҳо дар ороиши меъморӣ ба ҷойи гаҷ истифода шуда, аз тарафи устоҳои маҳаллии Данғара низ қабул шудааст.

Хулоса, таҳқиқи бостоншиносӣ дар шаҳраки қадими Данғара як намунаи муҳимест, ки ба омӯхтани равандҳои меъморӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ дар ҷануби Тоҷикистон дар асрҳои миёнаи баъдӣ (XIII–XVI) равона шудааст. Шаҳрак дорои се қисмати анъанавии шаҳрсозии тоҷик – диж (қалъа), шаҳристон ва роботи ҳирфаӣ буда, масоҳати он зиёда аз 50 гектар аст. Ҳафриётҳои нав, ёфтани хумдони хиштпазии асримиёнагӣ бо тарҳи беназири шаклӣ ва нишонаҳои оташбароҳоро нишон медиҳанд, ки дар ин ҷо усули пешрафтаи истеҳсоли хишт барои сохтмони мақбараҳои маҳаллӣ ба кор бурда мешуд.

Ҳамзамон, маводди ҳунармандӣ ва зарфҳои гуногуни сафолӣ аз асрҳои IX–XVI, ки бо нақшҳои ҳандасӣ ва услубҳои маҳаллӣ ва умумиосиёӣ алоқаманданд, нишон медиҳанд, ки Данғара маркази муҳимми рушди ҳунармандӣ ва фарҳанги минтақа мебошад. Бозёфтҳои сиккаҳои асрҳои XIV–XVI исбот мекунанд, ки шаҳрак бо низомҳои васеи иқтисодию сиёсӣ ва тиҷоратӣ, аз ҷумла Темуриён, Бухоро ва Самарқанд пайваст буд.

Пайванди фарҳангӣ ва динии минтақа бо гузаштан аз муқаддасгоҳҳои зардуштӣ ба мазорҳои исломӣ, инъикосгари устувории тамаддун ва интиқоли суннатҳои гуногун мебошад. Низоми мукаммали обёрӣ ва санитарӣ дар шаҳрак, ки тавассути лӯлаҳои гилию чоҳҳо ошкор шудааст, дараҷаи баланди ташкили муҳити зистро таъкид мекунад.

Шаҳри охири асримиёнаи Данғара ягона намунаи кам омӯхтаи шаҳрҳои асрҳои XIII–XVI – и халқи тоҷик мебошад.

**Ёдгории Хусравқалъа.** Хусравқалъа дар масофаи 2 километр ҷанубу ғарбтар аз деҳаи Шоҳбур, воқеъ аст, ки яке аз бузургтарин қалъаи ҷануби Тоҷикистон, хусусан, ноҳияи Данғара ба шумор меравад. Қалъа дар нуқтаи пайвастани дарёҳои Тоир ва Саргазон ҷойгир буда, он дар болои теппаи табиие бунёд шудааст, ки охири теппа дорои баъзе баландие мебошад, ки дар соҳили рости дарёи Тоир аз самти шимол ба ҷануб тул мекашад Шакли теппа ба ҳарфи «П» монанд буда, дарозиаш 350–370 м, паҳноияш 160–170 м ва баландиаш дар канорҳо 13–15 м ва дар қисми марказӣ то 30 м мерасад. Дар ду канори қалъа, мутаносибан сето бурҷ: дар аввали роҳ, дар марказ ва поёни қисми марказӣ ҷойгир шудаанд. Куҳандиз дар гӯшаи ғарбии қисми марказии ёдгори воқеъ буда, он аз сатҳи умумии теппа 4–5 метр баландтар мебошад. Он шакли чоркунҷа дошта (паҳлу 40–50 м), бо сатҳи ҳамвор хос аст. Баъзе аз ҷойҳои он фуру рафтааст, ки дар баъзеи онҳо пайи деворҳои хишти пухта мушоҳида мешаванд, ки ба самти поён мераванд. Айни ҳол, қисме аз ёдгорӣ ҳамчун оромгоҳи муосир истифода мешавад. Эҳтимол меравад, ки сабаби ҳаҷми

бузурги ёдгорӣ ва заҳмату хароҷоти калон барои кофтуков, таҳқиқоти бостоншиносӣ дар он амалӣ нашудааст. Танҳо як омӯзиши умумии қалъа соли 1956 аз ҷониби муҳаққиқ Э. Ғуломова анҷом дода шудааст, вале натиҷаҳои он ба нашр нарасидаанд. Бори дуюм ёдгори соли 2009 аз ҷониби Т.Г. Филимонова, М.Р. Ахметзянов мавриди омӯзиш қарор гирифта шудааст [149, с. 83] (расми 30).

Бо мақсади муайян намудани замони бунёди қалъа, аз ҷониби ҷониби бостоншиносон ду гумонаи омӯзиши кофта шуд. Яке аз онҳо дар назди бурҷи поёнии канори чапи ёдгорӣ ва дигаре дар қисми ҷанубии саҳни ёдгорӣ кофта шуд. Дар гумона, ки дар назди бурҷ воқеъ буд, як қабати якхелаи гилхоки сабукранг ошкор гардид. Дар умқи 0,8 метр хиштҳои пухтаи чоркунҷа ба мушоҳида расиданд, ки ба хиштҳои чидашудаи деворҳо монандӣ доштанд. Дар поёни ин қабат гили зард ба таври пок ошкор гардид. Дар гумона дуюм низ қабати маданӣ ба таври дақиқ муайян нашуд. Қабати кушодашуда аз хок ва хокистар иборат буд. Ҳамчунин, дар ин қабат пораҳои ҷудогонаи хишти пухта ва сафол низ ба мушоҳида расиданд [149, с. 84].

Дар гумонае, ки дар саҳни ёдгорӣ кофта шуда буд, миқдори ками порчаҳои сафолӣ ба даст оварда шуд. Ҳарчанде шумораи зарфҳои сафолӣ кам бошад ҳам, аммо услуб ва ороиши хоссаи онҳо имкон дод, ки замони мавҷудияти қалъа муайян гардад. Пораҳои ёфтшуда аз бун, лаба ва пораҳоиҳои зарфҳои сафолие, ки дорои нишонаҳои зерин мебошанд: а) зарфҳои сафолии сирдор ва рангҳои сафед ё фирӯзаранг; б) бо нақши набототии буридашуда, ки бо ранги сабзи тира ва зард пӯшонида шуда, дар фазои холӣ доғҳои қаҳваранг ҷой доранд ҳамагӣ 12 намуна пайдо шудааст, иборат мебошад (расми 32. 1–4). Ҳамчунин, як буни зарфи сафолии калонҳаҷмро пайдо намудан, ки зарфи даҳон кушодашакл буд, ки рӯйи он бо ранги зард ва нақшҳои сиёҳ оро ёфтааст (расми 32. 5–6).

Бостоншинос Т.Г. Филимонова дар бораи зарфҳои сирдори аз ёдгорӣ дарёфтшуда чунин менависад: «Пораҳои зарфҳои сирдор, ки бо усули граффитӣ сохта шудаанд ва дар адабиёти илмӣ бо номи шартии «тухмбирён бо пиёз» маъруфанд, ҳамчун яке аз нишондиҳандаҳои муҳими муайянсозии таърихи қалъа хизмат мекунанд. Ҳамчунин, порчаҳои зарфҳои сирдори кабуд бо нақшҳои сиёҳ низ ба даст омадаанд, ки мавҷудияти ду марҳилаи таърихиро давраҳои Сомониён ва Темуриён инъикос менамоянд. Дар асоси ин бозёфтҳо муҳаққиқон ёдгориро шартан ба асрҳои XIV–XVI мансуб донистаанд. Бо эҳтимоли зиёд, дар ин давра Хусравқалъа ҳамчун қасри марказӣ (қалъаи ҳокимнишин) фаъолият дошта, атрофи он маҳаллаи истиқоматӣ ҷойгир будааст» [149, с. 84].

Ҳамин тавр, ёдгории Хусравқалъа ҳамчун як ёдгории муҳимми таърихӣ ва меъморӣ дар ҷануби Тоҷикистон, хосса дар ҳудуди ноҳияи Данғара, дорои аҳамияти назарраси илмӣ мебошад.

Бо вуҷуди кам будани корҳои бостоншиносӣ, ки танҳо ба ду гумонаи омӯзишӣ маҳдуд мегардад, маълумоти ибтидоии бадастомада аз арзиши баланди таърихӣ ва меъмории ёдгорӣ бархурдор аст. Хусравқалъа, аз рӯйи хусусиятҳои моддӣ ва бостоншиносии худ, на танҳо як ёдгори маҳаллии таҳқиқ, балки як нуқтаи асоси барои омӯзиши низоми дифоӣ, сохтори иҷтимоӣ ва равандҳои маскунӣ аҳолӣ дар асрҳои миёна дар саросари Осиёи Марказӣ мебошад.

Аз ин рӯ, Хусравқалъа ҳамчун намунаи нодири меъмории дифоии асримиёнагии ҷануби Тоҷикистон, ба далели мавқеи ҷуғрофӣ, сохтори меъмории мураттаб ва маводди моддии марбут ба давраҳои таърихӣ, дорои аҳаммияти баланди илмӣ аст. Гузаронидани таҳқиқоти мукаммал ва ҳамаҷонибаи бостоншиносӣ, ҳамзамонӣ ва меъморӣ ҷиҳати эҳё, ҳифз ва шиносоии илмии ёдгорӣ зарур буда, метавонад барои фаҳмиши равандҳои ташаккул, дифоъ ва зисти аҳолии давраҳои Сомониён ва Темуриён заминаи устувори илмӣ фароҳам оварад.

Ёдгории мазкур то андозае мавриди омӯзиш қарор гирифтааст, аммо таҳқиқи анҷомшуда ҳамаҷониба ва комил нестанд. Бо вуҷуди ин, маълум гардид, ки ёдгории зикршуда ба ду давраи муҳими таърихӣ давраи Сомониён ва Темуриён тааллуқ дорад. Агар таҳқиқи бостоншиносӣ ва илмӣ дар ин макон ба таври мукаммал анҷом дода шаванд, имкони муайянсозии мақоми воқеӣ ва аҳаммияти Данғара дар давраи асрҳои миёна фароҳам мегардад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин ёдгории таърихӣ метавонад саҳифаи то ҳол норавшани таърихи минтақаи Данғараро рушан намояд ва ҷойгоҳи онро дар раванди ташаккули сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии давраҳои зикршударо равшан созад.

### 2.4. Аҳаммияти ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар таҳқиқи таърихи асрҳои миёнаи халқи тоҷик

Ёдгориҳои Данғара як ҷузъи таърихи мардуми тоҷик ба шумор рафта, ҷанбаҳои гуногун иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва иқтисодии давраҳои мухталифро фаро мегирад. Дар ин миён, давраи асримиёнагӣ дар таърихи тоҷикон мавқеи хос дорад, зеро маҳз дар ҳамин давра равандҳои асосӣ ба мисли нажодӣ, забон, фарҳанг таҳкими асосҳои давлатдории тоҷик ба амал омадаанд.

Барои дарки амиқи ин равандҳо, танҳо истифодаи сарчашмаҳои хаттӣ кофӣ нест, зеро маълумоти моддӣ, аз ҷумла ёдгориҳои бостонӣ, сарчашмаи аслӣ ва воқеии таърихӣ, паҳлӯҳои норавшани таърихи асримиёнагии тоҷиконро равшан мекунад. Ёдгориҳои бостонӣ, ба унвони шоҳидони хомӯши таърих, имкон фароҳам меоранд, ки ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ ва фарҳангии гузашта бо таҳлили амиқ арзёбӣ гардад.

Дар ин замина, ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон яке аз минтақаҳои асосии бостонии кишвар ба шумор меравад, ки дар он осори моддӣ ва фарҳангӣ аз давраҳои гуногуни таърихӣ, аз ҷумла, асрҳои миёна, ҳифз гардидаанд. Ёдгориҳои марбут ба давраи асримиёнагӣ дар ин ноҳия маълумоти арзишмандеро дар бораи равандҳои таърихӣ ва шеваи зиндагии мардуми тоҷик дар он давра фароҳам меоранд [174, с 2].

Ноҳияи Данғара, бо ҷойгиршавии ҷуғрофии стратегӣ ва иқлими мусоиди худ аз замонҳои қадим макони иқомат ва фаъолияти иҷтимоии аҳолӣ будааст. Мавқеи ҷуғрофии он дар низоми роҳҳои тиҷоратӣ ва иртиботии минтақа боис гардидааст, ки ноҳияи мазкур на танҳо аҳаммияти маҳаллӣ дошта бошад, балки дорои нақши муҳимми минтақавӣ ва миллиро касб намояд. Омӯзиши ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара масъалаҳои муҳимми таърихӣ, аз қабили ташаккули анъанаҳои чорводорӣ, кишоварзӣ, густариши муносибатҳои иқтисодию фарҳангӣ, рушди дин ва ҷаҳонбинии миллиро равшан мекунад.

Дар шароити кунунии ҷаҳони муосир бо дар назардошти он ки омӯзиши таърихи миллӣ ва ҳифзи мероси моддӣ, ҳамчун яке аз самтҳои стратегии сиёсати давлатӣ эътироф гардидааст, зарурати таҳқиқоти илмии ёдгориҳои бостонии таърихӣ беш аз пеш тақвият меёбад. Аз ин рӯ, баррасии аҳаммияти ёдгориҳои бостонӣ–таърихии ноҳияи Данғара дар таҳлили равандҳои таърихи асримиёнагии халқи тоҷик на танҳо муҳим, балки саривақтӣ буда, дорои арзиши баланди илмӣ ва амалӣ маҳсуб мегардад.

Бостоншинос С.Ғ. Бобомуллоев оид ба аҳаммияти ёдгориҳои таърихӣ чунин менависад: «Тоҷикистон бо таърихи чандҳазорсола ва фарҳанги ғании худ дар миёни кишварҳои Шарқ ҳамчун сарзамине шинохта мешавад, ки дар он осори моддӣ ва маънавии аҳди бостон то замони муосир ҳифз гардидаанд. Таҳқиқоти бостоншиносӣ дар қаламрави Тоҷикистон аз нимаи дуюми асри XIX оғоз гардида, дар асри XX бо таъсиси муассисаҳои тахассусӣ ва барномаҳои ҳамоҳангшудаи илмӣ вусъати нав пайдо намуданд» [28, с. 4]. Оид ба аҳаммияти ёдгориҳои таърихӣ Э. Раҳмон чунин менависад: «Гарчанде ки таваҷҷуҳи асосӣ ба ёдгориҳои маъруф, аз қабили Саразм, Панҷакенти Қадим, Тахти Сангин, Кайқубодшоҳ, Шаҳритус, Золи Зард, Ҳулбук ва садҳо шаҳристону куҳандиз, қалъаву кӯшкҳои барҳаво, оташкадаву ибодатхонаҳо, корвонсарою растаҳои ҳунармандии сарзамини аҷдодии тоҷикон равона аст, таҳқиқот дар манотиқи ҷанубии кишвар, аз ҷумла ноҳияи Данғара, низ дар чанд даҳсолаи охир оғоз гардида, тавсеа ёфтааст» [59, с. 3].

Ноҳияи Данғара дорои маҷмуи бузурги ёдгориҳои бостоншиносӣ мебошад, ки ба давраҳои мухталифи таърих, хусусан, ба асрҳои миёна мансубанд. Ёдгориҳои асримиёнагии Данғара ба омӯзиши таърихи халқи тоҷик ёри мерасонанд [5-М, с. 192]. Вуҷуди қалъаҳои дифоӣ, шаҳракҳои қадимӣ, бозорҳои савдо ва марказҳои кишоварзӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ин

минтақа дар равандҳои миллӣ ва минтақавии таърихи асримиёнагии тоҷикон саҳми назаррас доштааст.

Мақсади асосии таҳқиқи мазкур аз он иборат аст, ки нақши ёдгориҳои бостонии ноҳияи Данғара дар таҳкими фаҳмиши паҳлуҳои муҳимми таърихи асримиёнагии халқи тоҷик муайян карда шавад. Барои ноил гардидан ба ин ҳадаф зарурати иҷрои баъзе вазифаҳои илмӣ пешбинӣ мегардад, аз ҷумла, омӯзиши муфассал ва таҳлили ёдгориҳои муҳимми бостоншиносии ноҳия, ки ба давраи асри миёна мансубанд; таҳқиқ ва барасии илмии маълумот ва бозёфтҳои ба даст омада дар раванди корҳои бостоншиносӣ бо мақсади равшан намудани ҷанбаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеаи он давра, таҳлили мақоми Данғара ҳамчун яке аз марказҳои муҳимми чорводорӣ ва кишоварзӣ дар низоми иқтисодии давраи асримиёнагӣ, муқоисаи ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара бо ёдгориҳои ҳамзамони дигар минтақаҳои Тоҷикистон бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои онҳо ва арзёбии аҳаммияти онҳо дар манзараи умумии фарҳангии кишвар, ҳамчунин, таҳияи тавсияҳои илмӣ ва амалии марбут ба самтҳои баъдии таҳқиқ, омӯзиш ва ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ–фарҳангии ин минтақа.

Бо вуҷуди он ки дар самти омӯзиш ва таҳқиқи ёдгориҳои бостонии Ҷумҳурии Тоҷикистон корҳои зиёди илмӣ ба иҷро расидаанд, аммо таҳқиқи ҳамаҷониба ва мукаммал дар мавриди ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара, махсусан, дар иртибот ба масоили таърихи асримиёнагӣ, то ҳол маҳдуд боқӣ мондаанд. Навоварии ин таҳқиқот дар он ифода меёбад, ки аввалин бор кӯшиш мешавад, то ёдгориҳои таърихии Данғара на танҳо ҳамчун осори моддӣ, балки ҳамчун сарчашмаҳои асосӣ барои дарки амиқи равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии таърихи халқи тоҷик дар асрҳои миёна мавриди таҳлил ва баррасии илмӣ қарор гиранд.

Аҳаммияти илмии ин таҳқиқ дар он аст, ки он ба васеъ шудани доираи донишҳои муосир дар бахши таърихи асримиёнагии тоҷикон

мусоидат намуда, заминаи устувор барои таҳияи таҳқиқи баъдӣ, роҳандозии барномаҳои илмӣ ва татбиқи тадбирҳои ҳифзи мероси фарҳангии миллӣ фароҳам месозад. Ҳамзамон, натиҷаҳои бадастомада метавонанд ҳамчун манбаи муҳимми маълумот барои пажӯҳишгарон, муассисаҳои таълимӣ ва мақомот дар самти банақшагирии сиёсати фарҳангӣ ва илмӣ истифода шаванд.

С. Фатҳиддин чунин иброз медорад: «Ноҳияи Данғара аз давраҳои бостон макони сукунати доимӣ ва фаъолияти аҳолӣ будааст. Ин минтақа ба шарофати мавқеи мусоиди ҷуғрофӣ, иқлими мувофиқ ва захираҳои ғании табиӣ, аз ҷумла обҳои ширин, заминҳои ҳосилхез барои кишоварзӣ ва чарогоҳҳои васеъ, инчунин ҷойгиршавӣ дар шохаҳои роҳҳои тиҷоратӣ, шароити мусоидро барои ташаккули ҷомеаҳои муқимӣ, густариши равандҳои иқтисодӣ ва таҳкими унсурҳои ибтидоии давлатдорӣ фароҳам овардааст» [68, с. 102–103]. Маҳз ҳамин омилҳо Данғараро ба яке аз минтақаҳои муҳимми таърихию фарҳангии кишвар табдил додаанд.

Маълумоти бадастомада аз таҳқиқоти бостоншиносӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки ҳудуди ноҳияи Данғара дорои шумораи зиёди ёдгориҳои таърихист, ки қисме аз онҳо ба давраҳои қадим ва аксар ба давраи асримиёнагӣ рост меоянд. Дар раванди таҳқиқи муосири илмӣ, як силсила ёдгориҳо, аз қабили қалъаҳои дифоӣ, деҳа, шаҳракҳои қадим, марказҳои динӣ (маъбадҳо, мақбараҳо ва мадрасаҳо), иншооти иқтисодӣ (корвонсаройҳо ва анборҳо) ва дигар мавзеъҳои иҷтимоӣ, муайян, ҳуҷҷатгузорӣ ва мавриди омӯзиши ибтидоӣ қарор гирифтаанд. Ин ёдгориҳо, ҳамчун шоҳидони моддии тамаддуни асримиёнагии тоҷикон ва дорои арзиши махсуси илмӣ ва фарҳангӣ мебошанд [174, с. 4].

Ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара дорои як силсила вижагиҳои хос мебошанд, ки ташаккули онҳо дар натиҷаи таъсири омилҳои табиӣ-ҷуғрофӣ, равандҳои таърихӣ ва хусусиятҳои иҷтимоӣ– фарҳангӣ ба амал омадааст. Мавқеи стратегӣ ва ҷойгиршавии аксари ёдгориҳо дар

наздикии Роҳи бузурги Абрешим далели иштироки фаъоли Данғара дар низомҳои тиҷоратии минтақавӣ ва байналмилалӣ буда, ин омил ба рушди иқтисодӣ ва равнақи фарҳангии минтақа мусоидат намудааст. Дар ҳудуди ёдгориҳо вуҷуди нишонаҳои возеҳи сохторҳои низоми обёрии сунъӣ, аз қабили корезҳо, каналҳо ва ҳавзҳои маснуӣ, аз рушди баланди кишоварзӣ ва ташаккули низоми мукаммали обёрӣ дар давраи асримиёнагӣ гувоҳӣ медиҳад. Ҳамзамон, бунёди қалъаҳо ва деворҳои мустаҳками муҳофизатӣ, аз ташаккули низоми мураттаби дифоӣ ва талоши сокинон барои таъмини амнияту суботи сиёсӣ дарак медиҳад. Пешрафти меъморӣ ва санъати сохтмон дар ин минтақа тавассути истифодаи хишти пухта ва хишти хом, ҳамчунин, ороишоти меъморӣ ба шакли нақшу нигор ва кандакорӣ дар чӯб ва гаҷ таҷассум ёфта, ҳисси зебоипарастӣ ва ҳунармандӣ сокинони давраи асримиёнагӣ гувоҳӣ медиҳад. Илова бар ин, сохтмони иншооти динӣ, аз қабили масҷидҳо, мадрасаҳо ва мақбараҳо, далели нуфузи дини ислом ва ташаккули ҷаҳонбинии маънавию фарҳангии аҳолии маҳаллӣ мебошад.

Бо таваҷҷуҳ ба хусусият ва вазифаҳо ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара ба чанд гурӯҳ ҷудо мешаванд. Гурӯҳи аввал қалъаҳо ва марказҳои дифоӣ мебошанд, ки бо сохтори муҳандисии мураккаб, аз ҷумла деворҳои ғафсу баланд, хандақҳо ва бурҷҳои муҳофизатӣ муҷаҳҳаз буда, ҳамзамон, ҳамчун марказҳои маъмурӣ ва идораи маҳаллӣ низ хидмат кардаанд (мисол: Қалъаи Сари Купрук ва Қалъаи Чортеппа). Гурӯҳи дуюм шаҳракҳои қадима ва марказҳои аҳолинишин мебошанд, ки бо мавҷудияти кӯчаҳои рост ва манзилҳои истиқоматӣ нишон медиҳанд, ки меъёрҳои шаҳрсозӣ ва банақшагирии муҳити зист дар асрҳои миёна риоя мешудаанд (мисол: Тоҷикқалъа, Тупхонаи Иғрои боло ва Золи Зард). Гурӯҳи сеюм мақбараҳо ва ёдгориҳои динӣ мебошанд, ки гувоҳӣ аз нақши дин ва эътиқоди исломӣ дар ҳаёти иҷтимоӣ ва фарҳангии ҷомеа доранд ва бисёре аз онҳо ба шахсиятҳои маъруфи динӣ мансубанд (мисол:

Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ва Мавлоно Обиддин). Гурӯҳи чаҳорум иншооти иқтисодӣ ва тиҷоратӣ, аз қабили бозорҳои қадима, корвонсаройҳо ва анборҳои тиҷоратӣ мебошанд, ки мавқеи муҳимми Данғараро дар низоми тиҷоратии асримиёнагӣ нишон дода, ҳамзамон имкони муоширату табодули фарҳангиро фароҳам овардаанд (мисол: боқимондаҳои корвонсаройҳо дар канори шаҳракҳои қадимӣ).

Таърихи халқи тоҷик дар давраи асрҳои миёна, яке аз марҳилаҳои сарнавиштсоз ва муҳимми ташаккули давлатдорӣ, фарҳанг ва сохтори иҷтимоии миллӣ ба ҳисоб меравад. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин давра бе ҷалби сарчашмаҳои моддии таърих, аз ҷумла, ёдгориҳои бостоншиносӣ, номумкин аст. Дар ин замина, ёдгориҳои таърихӣ ҳудуди ноҳияи Данғара ҳамчун манбаи боэътимоди илмӣ ва шоҳиди хомӯши воқеиятҳои таърихӣ, нақши муассир доранд.

Таҳқиқи ин ёдгориҳо имкон фароҳам меорад, ки ба равандҳои муҳимми таърихӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии халқи тоҷик дар асрҳои миёна равшанӣ андохта шавад. Ба воситаи омӯзиши муфассали ин ёдгориҳо метавон тасаввури дақиқтар ва мукаммалтар аз вазъи иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давра пайдо намуд.

Аҳаммияти куллии ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар таҳқиқоти таърихӣ он ифода меёбад, ки онҳо сатҳи баланди рушди ободонӣ ва шаҳрсозиро инъикос намуда, ташакули муҳити муназзами зистро таҷассум мекунад. Ҳамзамон, ин ёдгориҳо гувоҳи мавҷудияти робитаҳои тиҷоратии дохилӣ ва минтақавӣ буда, нақши муҳимми иқтисодии минтақаи Данғараро таъкид мекунад. Онҳо инчунин равандҳои густариши дини ислом ва ташаккули равияҳои мазҳабиро инъикос карда, нишонаи рушди фарҳанги мазҳабии асриминагӣ маҳсуб меёбад. Дар баробари ин таҳлили ёдгориҳо имкони омӯзиши масоили оморӣ ва иҷтимоиро, аз ҷумла, таркиби аҳолӣ ва сохтори иҷтимоии ҷомеаро фароҳам меорад.

Омӯзиши мушаххаси ёдгориҳои таърихии Данғара, бахусус, шаҳракҳо, бозорҳо ва дигар марказҳои ҳаётии иқтисодӣ, имкон медиҳад, ки сатҳи баланди иқтисоди минтақа дар асрҳои миёна ба таври илмӣ арзёбӣ гардад. Вуҷуди иншооти тиҷоратӣ ва анборҳои маҳсулот нишон медиҳад, ки робитаҳои устувори иқтисодӣ ва мубодилаи мол миёни Данғара ва дигар манотиқ вуҷуд доштааст.

Ғайр аз ин, шаҳракҳои қадима ва мустаҳкамоти дифоӣ, ки дар қаламрави ноҳияи Данғара ҷойгиранд, дар таҳлили равандҳои афзоиши аҳолӣ дар шаҳр ва ташаккули сохтори шаҳрӣ нақши муассир мебозанд. Тарҳи иншооти меъморӣ ва тарҳи шаҳрҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки дар минтақа низомҳои мураттаби роҳҳо, марказҳои савдо ва ҷойҳои ҷамъиятӣ ташаккул ёфта буданд. Ин ҳолат аз вуҷуди низоми банақшагирифтаи идоракунии шаҳракҳо ва аҳаммияти стратегии онҳо дар низоми иқтисодиву иҷтимоии кишвар гувоҳӣ медиҳад.

Ҳамин тавр, ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара ҳамчун манбаи таърихӣ, илова бар аҳамияти маҳаллӣ, дорои арзиши миллӣ ва ҳатто минтақавӣ мебошанд ва таҳқиқи амиқи онҳо ба равшан сохтани бисёр паҳлӯҳои торики таърихи асримиёнагии тоҷикон мусоидат мекунад.

Омӯзиши ҳамаҷонибаи ёдгориҳои таърихии ноҳияи Данғара имкон медиҳад, ки баъзе масъалаҳои муҳимми таърихи асримиёнагии халқи тоҷик бо назари илмӣ баррасӣ ва таҳлил гарданд. Ин ёдгориҳо ҳамчун сарчашмаҳои мустақим ва нодир, маълумотҳои муфассал ва амиқро дар бораи равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, иқтисодӣ ва мазҳабии асрҳои миёна пешниҳод менамоянд.

Ёдгориҳои кашфшуда аз Данғара на танҳо равандҳои дохилии таърихиро, балки нақши Тоҷикистонро дар равобити байниминтақавии асримиёнагӣ низ равшан менамоянд. Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки Данғара яке аз минтақаҳои фаъол ва ҳамгирошудаи ҷаҳони асримиёнагӣ буда, дар мубодилаи фарҳангӣ ва тиҷоратӣ саҳми назаррас доштааст.

Бозёфтҳои бостоншиносӣ дар Данғара имкон доданд, ки тасаввуроти анъанавии таърихӣ дар бораи ҳаёти ҷомеа, иқтисод ва фарҳанги асримиёнагӣ таҳрир ва такмил ёбанд. Бисёре аз фарзияҳо ва назарияҳои қаблӣ бо илми муосир такмил ёфта, таҷдиди назар шуданд, ки ин нишонаи сатҳи баланди таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Ёдгориҳои ноҳияи Данғара ҳамчун сарчашмаҳои бонуфузи таърихӣ, дар омӯзиши масоили муҳимми таърихи асримиёнагии халқи тоҷик нақши асосӣ мебозанд. Вуҷуди қалъаҳои дифоӣ, шаҳракҳои қадима, маҳалҳои зист, роҳҳои савдо ва осори моддӣ ва фарҳангии гуногун имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои мухталифи ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии асримиёнагӣ таҳлил ва баррасӣ шаванд.

Таҳлили ёдгориҳои бостоншиносӣ собит месозад, ки Данғара яке аз минтақаҳои фаъоли муносибатҳои дохилӣ ва хориҷӣ буда, дар сохтори сиёсӣ ва иҷтимоии замон ҷойгоҳи муҳимми стратегӣ дошт. Ин таҳлилҳо равшан месозанд, ки халқи тоҷик дар давраи асримиёнагӣ соҳиби шаклҳои мукаммали истеҳсолот, тиҷорат, фарҳанг ва эътиқод буд.

Мушкилоти ҳифз ва истифодаи дурусти мероси бостоншиносӣ зарурати таҳияи барномаҳои миллии муҳофизат ва рушди таҳқиқоти илмию маҷмуиро тақозо мекунад. Барқарорсозии харитаҳои таърихӣ, таъсиси осорхонаи махсуси маҳаллӣ, ҷалби аҳолӣ ба маърифати таърихӣ ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ аз самтҳои муҳими рушди минбаъдаи соҳа маҳсуб мешаванд.

Ин таҳқиқ нишон медиҳад, ки бе омӯзиши ҳамаҷонибаи ёдгориҳои маҳаллӣ, таҳлили комил таърихи халқи тоҷики асримиёнагӣ ғайримумкин мебошад ва дар ин раванд, ноҳияи Данғара дорои мақоми муҳим мебошад.

Хулоса. Ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара дар омӯзиши таърихи асримиёнагии халқи тоҷик нақши муҳим ва муассир доранд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин ёдгориҳо имкон медиҳад, ки ҷанбаҳои

гуногуни ҳаёти иҷтимоӣ, сиёсӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии давраи асримиёнагӣ бо таҳлили амиқ ва боэътимод баррасӣ гардад. Ёдгориҳои моддӣ ва сохторҳои меъмории Данғара ҳамчун сарчашмаҳои мустақими воқеиятҳои таърихӣ, метавонанд равандҳои муҳимми ташаккули давлатдорӣ, созандагӣ, рушди тиҷорат ва таъсири дин ва фарҳангро бозсозӣ ва таҳлил намоянд.

Мавқеи ҷуғрофӣ ва иқлими мусоиди Данғара, ҳамчунин, ҷойгиршавии он дар низомҳои тиҷоратии минтақавӣ ва байналмилалӣ, ин ноҳияро ба як маркази асосии таърихию фарҳангӣ табдил додааст. Омӯзиши ёдгориҳо нишон медиҳад, ки дар ин минтақа сохтори муназзами деҳаву шаҳрак, низоми мустаҳками дифоӣ ва пешрафти санъати меъморӣ ба вуҷуд омада, ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ ба сатҳи баланди рушд расидааст.

Ёдгориҳои Данғара нақши муҳим дар таҳлили муносибатҳои дохилӣ ва байналмилалӣ, паҳншавии арзишҳои мазҳабӣ ва фарҳангӣ ва рушди санъат ва ҳунармандӣ доранд. Таҳқиқоти онҳо ба бознигарӣ ва такмили назарияҳои анъанавии таърихӣ мусоидат менамояд.

Бо такя ба аҳаммияти илмӣ ва таърихии ёдгориҳои Данғара, зарур аст, ки ҳифз ва истифодаи дурусти ин мероси бостонӣ тавассути барномаҳои миллии муҳофизат, таъсиси осорхонаи махсус ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ таъмин гардад. Ин тадбирҳо заминаи устувор барои рушди баъдӣ таҳқиқи таърихӣ ва фарҳангӣ ва густариши маърифати таърихии ҷомеа хоҳанд буд.

Дар маҷмуъ, таҳқиқи ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара ҳамчун марҳалаи муҳимми омӯзиши таърихи асримиёнагии халқи тоҷик ба ҳисоб рафта, мавқеи ин минтақа дар таърихи миллӣ ва минтақавӣ равшан ва тақвият дода мешавад.

Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара манбаи муҳим ва бебаҳои омӯзиши таърих, фарҳанг ва иҷтимоиёти ин минтақа ба шумор меравand.

Омӯзиши ёдгориҳои асримиёнагии барвақта (асрҳои III–VIII), аз ҷумла, ёдгории Сари Купрук, нишон медиҳад, ки ин минтақа дар ташаккули сохторҳои сиёсӣ, низомӣ ва маъмурӣ нақши муассир дошта, бо рушди шаҳрсозӣ, ҳунарҳои сафолгарӣ ва низоми пулӣ алоқаманд аст. Ёдгориҳои дигари ин давра, мисли Маҷмааи Кампиртеппа ва Духтарқала, дар фаҳмиши урфу одатҳо, сохтмон ва муносибатҳои иҷтимоӣ саҳми назаррас доранд.

Дар асрҳои IX–XII ёдгориҳои қалъаҳои Чортеппа ва Тоҷикқалъа намунаи равшани рушдёбии меъморӣ ва шаҳрсозӣ буда, хусусиятҳои сохтори дифоӣ, маъмурӣ ва иҷтимоиро намоиш медиҳанд. Таҳқиқи муосир бо истифода аз усулҳои илмӣ (стратиграфия, карбон-14, таҳлилҳои кимиёвӣ ва геофизикӣ) имкон медиҳанд, ки равандҳои таърихӣ ва фарҳангии асримиёнаги мутараққӣ ҷиддӣ омӯхта шаванд.

Баъд аз асрҳои XIII–XVI таҳқиқи шаҳраки қадимаи Данғара маълумотеро дар бораи муҳити шаҳрсозӣ, системаҳои обёрӣ ва санъати кулолгарӣ фароҳам меоранд, ки бо давраҳои Темуриён ва ҳатто пеш аз он алоқамандии қавӣ доранд. Бо вуҷуди зарарҳои соли 1970, маълумот дар бораи сохтори меъморӣ ва алоқаҳои иҷтимоӣ ва мазҳабӣ, ба мисли расму ойинҳои зардуштӣ, ҳифз шудаанд.

Ёдгориҳои Данғара ҳамчун сарчашмаҳои бевоситаи таърихӣ имкон медиҳанд, ки равандҳои ташаккули давлатдорӣ, шаҳрнишинӣ, тиҷорат ва таъсири мазҳаб ва фарҳанг, бо таҳлили амиқ ва боэътимод баррасӣ гардад. Мавқеи ҷуғрофӣ ва иқлими мусоиди ноҳия ин ҷоро ба маркази муҳимми таърихию фарҳангӣ, чорводорӣ ва тиҷоратӣ табдил додааст.

Бо таваҷҷуҳ ба аҳаммияти илмию таърихии ёдгориҳои Данғара, зарур аст то ҳифз ва омӯзиши минбаъдаи онҳо тавассути истифодаи усулҳои муосир, таъсиси осорхонаҳои махсус ва густариши ҳамкориҳои байналмилалӣ идома ёбад. Ин тадбирҳо барои таҳкими ҳувияти миллӣ,

рушду тавсеаи илмҳои бостоншиносӣ ва сайёҳии таърихӣ дар минтақа нақши муҳим хоҳанд дошт.

Дар асоси маводди мавҷуд ва нашряҳои илмӣ вобаста ба ёдгориҳои алоҳида ноҳияи Данғара муайян карда шуд, ки аз рӯйи хусусиятҳои ба худашон хос онҳо ба се гурӯҳи асосӣ тақсим мешаванд. Гурӯҳбандии ин ёдгориҳо бе асос набуда, дар иртибот бо давраҳои муайяни таърихӣ, қабатҳои маданӣ, намунаҳои фарҳанги моддӣ ва натиҷаҳои таҳқиқоти мухталифи илмӣ тартиб дода шудаанд, ки ҳар кадом барои дарки масоили мухталифи иқтисодӣ-иҷтимоӣ, равандҳои таърихӣ-фарҳангӣ дар доираи таҳқиқи таърихи халқи тоҷик дар асрҳои III-XVIII нақши созгори илмӣ доранд. Таҳлил ва ҷамъбаст карда шуд, ки ёдгориҳои бостонии мухталифи мавриди таҳқиқ қарор дошта барои равшании таърихи асрмиёнагии халқи тоҷик, ба хусус, қисмати ҷанубии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷойгоҳи махсуси илмӣ доранд. Гарчанде онҳо дар асоси матолиби мавҷуда ва баррасии мероси таърихию фарҳангии ноҳия, ки дар ин рисола ҷойдода шуда, то ҳадди имкон таҳқиқ гардиданд, бо вуҷуди ин ёдгориҳои ноҳияи Данғара (асрҳои III-XVIII) ба бознигарии илмӣ ниёз дошта, ҳафриётҳои мунназзами бостоншиносӣ дар оянда метавонанд боз ба бисёре аз масоили фарҳанги моддии минтақа нақши калидиро бозанд.

Дар маҷмуъ, ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара, ки беш аз 360 адад мебошанд, барои омӯзиши таърихи қадим, асримиёнагӣ ва тамаддуни халқи тоҷик манбаи бебаҳо буда, таҳқиқи минбаъда ва ҳифзашон аҳаммияти калони илмӣ ва фарҳангӣ дорад.

## БОБИ III. ЁДГОРИҲОИ МЕЪМОРИИ АСРҲОИ МИЁНАИ НОҲИЯИ ДАНҒАРА

### 3.1. Ёдгориҳои меъмории мақбараи Шайх Шақиқи Балхӣ ва мақбараи Мавлоно Обиддин

Пеш аз баррасии хусусиятҳои таърихӣ, меъморӣ ва фарҳангии ёдгориҳои меъмории асрҳои миёнаи ноҳияи Данғара, аз ҷумла мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ ва Мавлоно Обиддин, зарур аст, ки ба таърихи омӯзиш ва таҳқиқоти илмии ин ёдгориҳо таваҷҷуҳ зоҳир намоем. Зеро омӯзиши таърихи таҳқиқот имконият фароҳам меорад, ки дараҷаи омӯзишёбӣ, вазъи ҳифз, масъалаҳои баҳсталаб ва саҳми муҳаққиқон дар шинохти ин ёдгориҳо муайян гардад.

Таҳқиқоти анҷомдодаи таърихшиносон, бостоншиносон ва меъморон маълумоти арзишмандро оид ба замони бунёд, хусусиятҳои меъморӣ, марҳилаҳои ташаккул ва рушди иншоот, инчунин ҷойгоҳ ва аҳаммияти онҳо дар таъриху фарҳанги минтақа пешниҳод менамоянд. Дар ин замина, баррасии осори илмии муҳаққиқон ва натиҷаҳои таҳқиқоти қаблӣ барои арзёбии воқеии мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ ва Мавлоно Обиддин ҳамчун намунаҳои барҷастаи меъмории мазҳабии асрҳои миёна аҳамияти муҳим дорад. Аз ин рӯ, таҳлили таърихи омӯзиши ин ёдгориҳо яке аз марҳилаҳои муҳими таҳқиқоти илмӣ ба ҳисоб рафта, барои дарки ҳамаҷонибаи арзиши таърихӣ, меъморӣ ва фарҳангии онҳо заминаи мусоид фароҳам меорад.

**Таърихи омӯзиши ёдгориҳои меъмори ноҳияи Данғара.** Данғара яке аз минтақаҳои қадимии тоҷикон маҳсуб ёфта, дар ҳудуди он ёдгории гуногунзамоне мавҷуд аст. Ин ноҳия дар асрҳои XIV–XVI ҳамчун маркази фарҳангӣ ва маъмурии асосии минтақа шинохта мешуд. Шоҳиди ин раванд боқимондаҳои ёдгориҳои меъмории муҳим, аз ҷумла мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ, Мавлоно Обиддин, Мавлоно Тоҷиддин, Маҷмааи назди ҷашма (мақбараи Шаҳидон), сағонаҳои сохташуда аз хишти пухтаи

Булёни Поён ва харобаи шаҳраки асрҳои X–XVI хумдони хиштпазӣ мебошанд.

Дар асри XIV дар ин минтақа яке аз суфиёни маъруфи ҷараёни Нақшбандия, шогирди Баҳовуддини Нақшбанд Мавлоно Тоҷиддини Дашти Кӯлакӣ зиндагӣ ва фаъолият дошт. Данғара ҳамчун шаҳри калони обод бо масоҳати беш аз 50 гектар маъруф буд ва ҳамчун маркази муҳимми маъмурӣ, фарҳангӣ ва тиҷоратӣ шинохта мешуд. Дар он мактабҳо, мадрасаҳо, масҷидҳои маҳаллӣ, масчидҳои ҷомеъ, бозорҳо, корвонсаройҳо, ҳамому хумдонҳои зарфпазӣ ва хиштпазӣ мавҷуд буданд.

Данғара бо номи Дашти Кӯлак низ маъруф буд, ки эҳтимолан ба номи маҳалли маркази харобаҳои Золи Зард иртибот дорад, зеро дар атрофи он кӯли дигаре вуҷуд надорад.

Таҳқиқоти бостоншиносӣ нишон медиҳанд, ки дар ин давра шаҳракҳои калон ва обод, мисли Булёни Боло, Булёни Поён, Пушинг ва Кангурт дар ҳудуди Данғара вуҷуд доштанд ва нақши муҳимеро дар ҳаёти иҷтимоиву иқтисодии минтақа бозиданд [172, с. 3-4].

Бори аввал тирамоҳи соли 1973 меъмор В.Л. Воронина ба минтақаи Данғара сафар намуда, барои омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ ва меъмории тоҷикон корҳои таҳқиқӣ анҷом дод. Вай, махсусан, ба таҳлили зерсутунҳо ва сарсунтуни Пушинг, ҳамчунин, масҷиди асрҳои XIX ва ибтидои асри XX дар маҳаллаи Давлатшоҳиён диққат додааст [85, с. 209].

Меъмор Варонина чунин менависад: «Дар бораи Пушинг маълум аст, ки пайдоиши деҳа бо қабристонҳои васеи хеле қадим алоқаманд мебошад. Ин сағонаҳои аз хишти пухта барои аҳолӣ ҷойи муқаддас ба шумор мерафтанд ва одамон барои дафн дар он ҷо ҳатто аз масофаи дур меомаданд. Дарёчае, ки дар рӯдҳои пешина ва муосир ҷорӣ аст, қабристонро ба чанд қисмати алоҳида тақсим менамояд. Дар замони Сомониён деҳаи Пушинг яке аз деҳаҳои калон ва обод дар Роҳи бузурги абрешим маҳсуб мешуд, ки ин ҳолат тавассути сарсутуни

кандакоришудае, ки дар қабристон пайдо шудааст, тасдиқ мегардад. Сарсутун аз берун бо тарҳи ҳашттарқаи нимсутун оро ёфта, бо гулҳои барҷастаи давраи Сомониён ҳаккокӣ гардидааст. Дарозии сарсутун 2 метр ва қутраш 35 см мебошад. Аз лиҳози нақшбандӣ сарсутун ба сарсутуни чӯбии асри XI-и деҳаи Урметани ноҳияи Фалғар (ҳоло Айнӣ) шабоҳат дорад. Ин сарсутун нодир буда, дараҷаи баланди санъати ҳайкалтарошии ҳунармандони Пушингро нишон медиҳад» [85, с. 211–212; 84, с. 210–220]. Ҳамчунин, дар баъзе ҷойҳо гаҳворасангҳои мунаққаш, ки дар болои қабрҳо ҷойгиранд, мушоҳида мешаванд. Ин гаҳворасангҳо гувоҳӣ аз мақоми динӣ ва фарҳангии соҳибони онҳо дар асрҳои миёна медиҳанд.

Бозёфтҳо аз манотиқи гуногун, аз ҷумла Кангурт, Ғарғара, Пушинг, Ғуҷовак, Паркамчӣ, Маликова, Вахшу, Чоркул (Золи Зард), Данғара, Чашмаи Тор (Торбулоқ) ва Булёни Поён (Буроби Поён А.С.) гувоҳӣ медиҳанд, ки дар давраҳои қадим ва асрҳои миёна ноҳияи Данғара яке аз ободтарин ва муҳимтарин минтақаҳои Хатлон мебошад.

Дар замони Мавлоно Тоҷиддин ва Хоҷи Ҳусайни Кангуртӣ ин минтақа маркази илму маърифат ва фарҳанги Хатлон ба шумор мерафт.

Дар таҳқиқи ёдгориҳои меъмории ноҳияи Данғара ва нақши онҳо дар таҳкими таърих ва фарҳанги миллӣ бахшида шудааст.

Таҳқиқ нишон дод, ки бори аввал аз ёдгориҳои меъмории ноҳияи Данғара меъмор В.Л. Воронина тирамоҳи соли 1973 барои омӯзиши ёдгориҳои таърихӣ ва меъмории тоҷикон корҳои таҳқиқотӣ анҷом дод. Вай, махсусан, ба таҳлили поясутунҳо ва сарсунтуни Пушинг, ҳамчунин масҷиди асрҳои XIX ва ибтидои асри XX дар маҳаллаи Давлатшоҳиёни ҷамоати деҳоти Кангурт диққат додааст, барои омӯзиши ёдгориҳои меъмории минтақа як саҳифа нав буд. Ҳамин замина гардид, ки дар солҳои баъдӣ муҳаққиқони мухталиф ёдгориҳои гуногуни меъмории ноҳияи Данғара ва ба хухусус мақбараҳои Шайх Шақиқи Балхӣ, Мавлоно Обиддин ва Мавлоно Тоҷиддинро мариди омӯзиш қарор дода, барои

дурнамои ҳифз ва нигоҳдории онҳо чораҳои заруриро андешанд. Ёдгориҳои меъмории асримиёнагии ноҳияи Данғара дар шинохти баъзе аз масъалаҳои ҳунари меъмерӣ, илми ирфонӣ ва фарҳангии асрҳои IX–XV маълумоти боэътимоди илмиро фароҳам овардаанд, ки метавонад ҳамчун ҷузъи такимии таърихи ҳунари меъмории ноҳияи Данғара дар алоҳидагӣ ва Тоҷикистон дар умум арзёбӣ шавад.

**Ёдгории меъмории Мақбараи Шайх Шақиқи Балхӣ.** Мазор дар деҳаи Себистони ноҳияи Данғара, дар баландии теппае, дар масофаи як километрии аз роҳи Душанбе – Данғара ҷойгир аст. Ин деҳа дар гузаштаҳои дур бо номи Хучархӣ маъруф буда, дар замонҳои Шуравӣ 1-Май номгузорӣ шуда, ҳоло бо номи Себистон маъруф аст. Мазор аз хишти пухта бино шуда, сақфи он гунбадгуна буда, аз чаҳор тарафи деворҳои он гӯшаҳо бароварда ва вурудгоҳи он байзоист.

Муҳаққиқ М. Музаффарӣ, Ҳ. Камол, З. Наботзода дар бораи мақбараи болозикр чунин менависад: «Андозаи турбат 1,5 × 0,5 м буда, бо рӯйпӯш оро ёфтааст, ки дар он ояте аз Қуръони Карим нигошта шудааст. Дар қисми шарқии мақбара равзанае мавҷуд аст, ки ба дохили марқад рӯшанӣ медиҳад. Вурудгоҳи асосии мазор дар гузашта тавассути долоне сурат мегирифт, ки баландии он 2 м буда, ба дохили мазор мебарад. Солҳои 2004–2005 дар болои ин мақбараи қадимӣ иншооти нави боҳашамате сохта шуд, ки аз се тараф тиреза дошта, сақфи он гунбади филизӣ мебошад. Бо бунёди ин бино мақбараи қадимӣ аз таъсири омилҳои табиӣ ҳифз карда шуд. Ин иқдом аввалин таҷрибаи амалӣ дар самти ҳифз ва нигоҳдории осори муқаддаси таърихӣ дар Тоҷикистон ба шумор меравад. Пас аз сохтмони бинои нав, самти вуруд ба мазор тағйир ёфта, акнун тавассути зинаҳои рӯйкушода ба саҳни мазор сурат мегирад. Долони вурудгоҳи қадимӣ низ ҳамчун ёдгории таърихӣ ҳифз гардидааст. Дар назди мазор ду дарахти тут, ки синну соли онҳо хеле зиёд аст, то имрӯз сабз боқӣ мондаанд» [52, с. 97].

Номи комили Шақиқи Балхӣ Абуалӣ Шақиқ ибни Иброҳими Балхист ва аз орифони маъруфи садаи IX буда ва бархоста аз хонадони сарватманди Балх аст. Нақл аст, ки аз падар ба ӯ бештар аз 300 русто ба ирс расида ва нахуст шуғли Шақиқ тиҷорат буд ва аз ин сабаб, аз кишварҳои мухталиф дидан кардааст. Ривоят шудааст, ки Шақиқи Балхӣ боре ба ҷониби Туркистон расид ва бутхонаеро дид, ки дар он гурӯҳе аз мардум бутеро чун Худо мепарастиданд. Шақиқ аз яке пурсид, ки «Туро соне аст, чаро вайро напарастӣ ва аз парастиши ин асном бознаистӣ, ки аз эшон на бими зар асту на умеди нафъ?» Бутпараст посух дод, ки «Агар чунин аст, Худо қодир аст, ки дар шаҳри худ рӯзӣ диҳад, аз барои чи чандин ранҷ бар худ ниҳодӣ ва сафаре дурдаст ихтиёр кардӣ?» Гӯянд баъди шунидани ин посух Шақиқ ба ватанаш Балх бозпас гашт ва он чи ба варосат аз падар расида будаш ва ҳар он чи аз заҳмати тиҷорат ба даст оварда буд, ба мардум бахшоиш кард ва тавба намуду рӯй ба тақво ниҳод ва ба риёзат пардохт. Олимон М. Музаффарӣ, Ҳ. Камол, З. Наботзода дар асоси сарчашмаҳо чунин ривоятро овардаанд: «Нақл аст, ки дар Балх қаҳтии азим буд, чунон ки мардум якдигарро мехӯрданд. Ғуломе дар бозор дид, ки шодмону хандон аст. Гуфт: «Эй ғулом, чӣ ҷойи хуррамист, магар намебинӣ, ки халқ аз гуруснагӣ чӣ ҳол доранд? » Ғулом гуфт: Маро чӣ бок, ки ман бандаи касеам, ки ӯро деҳест хосса ва чандин ғалла дорад, маро гурусна намегузорад. Шақиқ он сухан шунида, гуфт: Илоҳӣ, ин ғулом ба хоҷае, ки анбор дорад, чунин шод аст, пас Ту, ки Моликулмулкӣ ва ризқдиҳандаӣ, мо чаро андӯҳ хӯрем? Дарҳол аз шуғли дунё рӯй гардонд ва тавба кард ва ба роҳи Ҳаққ рӯ овард ва дар таваккул ба ҳадди камол расид ва пайваста мегуфт: ман шогирди ғуломеам» [52, с. 99]. Шақиқи Балхӣ «Дар ҷанг бо туркон дар Кулон ё Восчирд (Мовароуннаҳр) дар соли 194 ҳ.қ./810 м. (ва ё дар соли 174 ҳ.қ. ва ба ривояте дар соли 153 ҳ.қ. [43, с. 673]) ба қатл расид. Турбати ӯ ба шаҳри Вишгард аст аз Мовароуннаҳр ва ин шаҳр бар ҳадди миёни Чағониён ва Хатлон аст» [43, с. 673; 52, с. 101].

А. Самарқандӣ дар зикри мазори Шақиқи Балхӣ чунин менависад: «Мазори эшон дар паҳлуи дарвозаи шаҳр (Самарқанд), ки онро Қаландархона мегӯянд, дар наздикии девори қалъа воқеъ аст ва ин мазор ба ҳамин ном машҳур мебошад» [61].

Шақиқ, ки худ сарватманд буд, ҳамчуноне ки дар фавқ ёд гардид, ибтидо ба ҷаҳонгардиву тиҷорат шуғл дошт ва яқин аст, ки ба шаҳри Самарканд омадааст. Ба андешаи мо, мазоре, ки Абутоҳирхоҷаи Самарқандӣ дар шаҳри Самарканд мутаъаллиқ ба Шақиқи Балхӣ медонад, ин қадамҷойи Шақиқи Балхист.

Имрӯз мақбараи Шайх Шақиқи Балхӣ дар гӯристони деҳаи Хоҷа Шақиқи Балхӣ, Себистони ноҳияи Данғара, ҳамчун макони зиёрат ва ҷойи муқаддаси таърихӣ шинохта шудааст. Мақбара дар асри XV сохта шуда, дар охири асри XX пайравону муҳаббоби ӯ онро бо тарзи оддӣ таъмир ва эҳё карданд (расм 33).

Бо истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, миллати тоҷик имконият ёфт, ки таърихи худро беш аз пеш омӯзад ва аз нав бедор гардад. Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон мардумро ба омӯзиши таърихи гузашта ва эҳёи мероси фарҳангӣ даъват намуд. Дар ин раванд, мақбараи Шайх Шақиқи Балхӣ низ аз тарафи фарзандони саховатманди миллат таъмиру барқарор гардид.

Ҳамчунин ба ҳаёт ва фаъолияти Хоҷа Шақиқи Балхӣ яке аз сӯфиёни барҷастаи асрҳои IX–X бахшида шудааст. Мавсуф ҳамчун шахсияти маънавӣ ва орифи маъруфи исломӣ бо илму фалсафа ва таълимоти зоҳдии худ нақши муҳим дар ташаккули маънавиёти мардум дошта, мақоми зиёратгоҳ ва осори адабӣ ва ахлоқии ӯ то имрӯз дар байни мардуми минтақа эҳтиром ва нуфуз дорад. Хоҷа Шақиқ намунаи комили зоҳд ва истиқлолият дар таълимоти исломӣ буда, мероси маънавӣ ва таърихии ӯ дар ҳудуди Хатлон ва Тоҷикистон то имрӯз арҷгузорӣ мегардад.

**Ёдгории меъмории мақбараи Мавлоно Обиддин.** Имрӯзҳо ноҳияи Данғараро бо масҷиду мақбара ва мазорҳои номдораш дар ҷумҳурӣ ва берун аз он мешиносанд. Аз ин рӯ ҳар як шаҳрванди ҷуҳурӣ бояд дар ободонӣ ва ҳифзи ёдгориҳои таърихӣ саҳмгузор бошад, зеро яке аз ёдгориҳои муҳимми меъмории ноҳия мақбараи Мавлоно Обиддин ба ҳисоб меравад.

Мақбараи Мавлоно Обиддин (ҳоло аҳли деҳ бо ҳамин ном ёдовар мешаванд) дар деҳаи Корез, ҷамоати деҳоти Корези ноҳияи Данғара дар теппачаи қисми ҷанубии деҳа дар як гӯшаи хушманзарае ҷой дорад. Аз ду тарафи қисми шарқӣ ва ҷанубу ғарбияш дарёчаҳо мегузаранд. Ҳарчанд дарёчаҳо дар масофаҳои на он қадар дур аз мақбара воқеъ ҳастанд, вале ба мақбараи мазкур ягон осеб нарасониданд.

Мақбараи Мавлоно Обиддин солҳои 1997–1998 бо супориши Муассисаи давлатии «Иттиҳодияи илмию истеҳсолӣ оид ба муҳофизат ва таъмиру истифодаи ёдгориҳои таърихӣ ва фарҳангӣ»–и Вазорати фарҳанг ва итиллооти Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди омӯзиш қарор гирифт. Мақбараи Мавлоно Обиддин аз ҷониби ҷонишини сарвари муассисаи мазкур Н. Валиев (архитектор), Н. Ахмедов (бостоншинос) ва Э. Кусаев (коргар) мавриди таҳқиқ қарор гирифт [1, с. 1].

Н. Ахмедов дар бораи мақбараи Мавлоно Обиддин чунин менависад: «Дар рӯзи аввали корӣ мо ба мазор ва мақбараҳои ноҳия: Мавлоно Тоҷиддин, Қабри Қазоқ, мақбараи Золи Зард (Золи Зар), Қабри Деҳқон ва якчанд мазорҳои тозабунёд шинос шудем. Ин шиносоӣ ба мо дар кофтукови мақбараи Мавлоно Обиддин ёрии зиёд расонид. Дар таърихи 06.05.1997 мо корро дар мақбараи мазкур оғоз кардем. Ба мо дар ҳайати 5 нафар коргарони муассисаи ноҳияи Данғара ҳамчун ёвар кӯмак расониданд. Дар мавсими корҳои бостоншиносӣ дар мақбараи Мавлоно Обиддин гурӯҳи корӣ тавонист ду гӯрро кофта, дар натиҷа аз қабатҳои таҳқиқшуда сафолпораҳои зиёде ба даст овард. Ҳамчунин аз ҷониби

сокинони маҳаллӣ зарфҳои сафолӣ, ки ҳангоми кандани қабри нав аз ҳудуди теппа баромада буданд, ба ҳайати гурӯҳи корӣ супурда шуданд» [1, с. 2].

**Гумонаи 1**. Дар натиҷаи корҳои ҳафриётӣ аз ин гумона сафолпораҳои зиёде баромад, ки ба асри миёна рост меоянд. Қисми дохили зарфҳо бошад, нисбат ба қисми берунӣ дағалтар мебошанд, яъне ҷойи тоб додани панҷаҳо, ҳамҷунин ба воситаи латтапора ороиш ёфтаанд.

Сафолпораҳое, ки ба давраи асри миёна рост меояд (онҳоро дар хоҷагӣ барои об гирифтан, хӯрок пухтан, умуман дар ошхона истифода мебурданд), қисми дохил ва ҳатто як миқдорашон аз қисми беруна ҳам изи латтапораҳо ба таври аъло намоён мебошад. Аз ин лиҳоз, маълум мегардад, ки техникаи коркарди сафолҳо гуногун буда, ба худ хосиятҳои муҳимме дорост.

Тавре ки мардумшинос Е. М. Пешерева қайд кардааст, ки тарзи коркарди зарфҳои сафолӣ одӣ набуда, меҳнати зиёдеро талаб менамояд. Е. М. Пешерева менависад: «Аввал усто гилро тайёр намуда, андозаи зарфро муайян менамояд ва онро дар болои дастгоҳи тобдиҳанда гузошта, қисми болоии онро бо латта мепечонад» [56, с. 28–29, ил. 27, 128]. Яъне, ба таври яклухт ва баъди гирифтан онро аз болои дастгоҳ, дар ҳавли кушода мегузорад. Дар натиҷа, изи панҷа ва латтапора намудор мегардад [1, с. 2].

Ҳамчунин дар вақти кандани гумона таркиби хок намудҳои гуногун дошт. Аз ин маълум мешавад, ки мазор дубора тармин шудааст ва қисми поёнии хок нишон медиҳад, ки бунёди мазор ба ин қисм вобастааст. Қисми дигари сафолпораҳои ёфтшуда сир давонида шуда мебошанд. Ба ақидаи бостоншиносон чунин сохти зарфҳо нисбатан диққатҷалбкунанда ва барои истифода куҳантар мебошанд. Сафолпораҳои ёфтшуда аз қисми боло, яъне гарданак, қисми мобайнӣ ва даста, буни зарф (таги зарф) иборат мебошанд [1, с. 3].

Тарзи сохтани чунин зарфҳо аз зарфҳои дар боло зикршуда ба куллӣ фарқ мекунад. Чунки диққати усто асосан ба қисми беруна, яъне сирдор равона шудааст, ки он нисбатан суфта шуда, рангаш ҳам фарқ мекунад.

Асосан, ангобро аз гиле месозанд, ки махсус барои ороиш мувофиқ бошад. Намудҳои гили интихобшуда аз гили сурх, сафеди босифат, ҳамчунин, миқдори равғаннокӣ ба гармӣ тобоваранда ва ғайра иборат мебошанд.

Сафолпораҳои аз мазори Мавлоно Обиддин ёфтшуда нисбат ба дигар сафолпораҳои сирдори дигар минтақаҳо бо хусусиятҳои вижаи худ фарқ мекунад:

Намудҳои ин сафолпораҳо чунин хусусиятҳоро доранд:

1. **Бо рангаш** – намудҳои гуногуни рангҳои сурхи аз гил намудоршуда.
2. **Намуди берунӣ** – дурушти (ноҳанвор) носуфтаи якхела,
3. **Бадан** – бисёр тунук ва устувор
4. **Коркарди қисми болои зарф** – одатан якхела, бештар дорои хатти пардозновак дода шудааст.

Чунин намуди зарфҳои ангобдор дар давраҳои гуногун сифатнокии худро дигар намекунанд, яъне аз рӯйи ранг, намуд ва бардошти худ [1, с. 3-4]. Масалан дар асрҳои VIII–IX дар Осиёи Миёна намуди нави обгинадор – сирдор пайдо шуд, ки баъдан равнақ меёбад. Чунин сафолпораҳо аз гирду атрофи мазор дар вақти тоза кардани хок низ пайдо шуданд. Чуночи, қисми болои сафолпораҳо, яъне гарданаки зарф бо раххҳои махсус ороиш дода шудаанд, ки чунин раххо, зарфро аз ҷиҳати намуд зеботар нишон медиҳанд.

Зарфҳои сирдор гуногун мешаванд; ғафсии зарф аз қисми боло ангобдавонди фарқ мекунад. Яъне, он ба миқдори 0,002 мм. то 0,1 мм. мебошад.

Ба ақидаи муаллифи китоби «Таърихи тайёр намудани зарфҳои сафолии Осиёи Миёна дар асрҳои VIII–XII» (Э.В. Сайко) маълум мешавад, ки асрҳои XI–XII давраи нашъунамо ва тайёр намудани зарфҳои

сафолин ба шумор меравад. Аз ин лиҳоз, сафолпораҳои ёфтшудаи ин мавзеъ дақиқтараш аз гумонаи 1 пайдошуда гуногун буда, бори дигар исбот менамояд, ин гуна зарфҳо дар ин давра ба вуҷуд омадаанд [60, с. 211].

Аксари сафолпораҳои ёфтшуда дар ҳамин мавзеъ сохта шудаанд, чунки ҳунармандон дар ин давраҳо тарзи сохти онро ба зудӣ аз худ карда буданд. Баъзан чунин зарфҳои сафолин хушсохт ба воситаи савдогарон аз як шаҳр ба шаҳрҳои дигар бурда мешуданд. Аз ин лиҳоз, устоҳои моҳир аз он истифода карда намудҳои хушсифати онро интихоб мекарданд. Дар натиҷаи омӯзиш маълум, шуд, ки сохти онҳо ба зарфҳои Самарқанд, Чоч ва Хоразм шабоҳат дорад.

Аз рӯйи бозёфтҳои сафолӣ таърихи ёдгориро ба асрҳои XI–XII нисбат додаанд.

**Намуди умумии гумонаи 2.** Гумонаи 2 дар самти шимолии даромадгоҳ дар масофаи 50 см дуртар аз гавҳорасанги 4–ум (дар ин ҷо 4–то гавҳорасанг аст) чоҳ ба андозаи 1х1 м кофта шуд.

Қисми болои гумона то 20 см хок буда, 1 м поёнтар сангҳо хобонида шудааст. Дар ин гумонае, ки андозаи он 1х1 м буд, зиёда аз 130 дона санг пайдо шуд. Сангҳо якхела набуда, андозаи онҳо аз якдигар фарқ мекунанд. Маълум гашт, ки ин сангҳо ҳамаашон як давраро дар бар мегиранд. Чунин тарзи хобондани санг аз он гувоҳӣ медиҳад, ки он барои мустаҳкамии гирду атрофи гавҳорасангҳои нишона карда шудааст. Пас, маълум аст, ки гирду атрофи гавҳорасангҳо низ бо чунин сангҳо нишона карда шудааст [1, с. 6].

Ҳарчанд омӯзишу таҳқиқи ин масъала ба охир нарасида бошад ҳам, лекин дар натиҷаи чунин рафти кор дақиқ кардан аз гумон дур нест, ки дар он таҳхона вуҷуд надорад. Яъне, бо ин сангҳо аввал суфа сохта шуда, баъд барои гавҳорасангҳо замина муҳайё карданд. Бинобар ба охир расидани вақт дар ин гумона корҳои омӯзишҳои таҳқиқотӣ ба таври

комил анҷом нашудаанд. Шояд дар вақти омӯзиши оянда он боз ба таври комил маълумгардад.

Барои таҳқиқи комили мақбараи Мавлоно Обиддин дигарбора соли 1998 корҳои бостоншиносӣ анҷом дода шуд. [2, с. 1]. Аввал танҳо каму беш намуди як гавҳорасанг намоён буд. Дар вақти аз хок тоза кардан муайян шуд, ки дар ин ҷо чор гавҳорасанги болои турбат воқеъ аст.

Гирду атрофи гавҳорасангҳо бо хиштҳои андозаи 21x21x04 см фарш карда шудааст, дарозии ин фарш аз қабрҳо то охираш 1.7 м мебошад. Пас маълум карда шуд, ки он дар баландӣ, яъне болои суфа воқеъ аст ва суфа бо сангҳо чида шудааст. Фарши зиёратхона, яъне даромадгоҳ ба гӯрхона бо чанд қабат санг, баъд аз он бо миқдори 5 см хок ва боз санг чида шудааст [2, с. 1].

Вақте ки бостоншиносон биноро аз хок тамоман тоза карданд, маълум гашт, ки бино аз ду хона иборат мебошад. Хонаи аввал хурд буда, эҳтимолан, зиёратхона мебошад. Деворҳои ин хона низ аз хиштиҳои дорои андозаи 21x21x0,4 см сохта шудааст. Инчунин дар ин ҷо қайд намудан лозим меояд, ки дар бинои мазкур ду намуди хишт: якум хиштҳо бо андозаи 21x21x0,3 см ва дуюм бо андозаи 24x24x0.4 см истифода шудааст. Ин нишон медиҳад, ки бино дар солҳои баъдӣ аз нав тармин шудааст ва хиштҳои андозаи 24x24x0.4 см баъдтар пайдо шудаанд.

Маълум шуд, ки ин хона ҳамчун ҷойи зиёратгоҳ истифода мешудааст. Яъне, шахсоне, ки ба зиёрат меомаданд, махсусан, дар ҳамин хона зиёрат мекарданд, зеро дохили бино хело кам медаромаданд, чунки зери по кардани фарши назди қабрҳо аз рӯйи одат ва расму оини ислом хуб набуд [2, с. 3].

Хонаи дуюм низ бо усули меъмории ба худ хос сохта шудааст. Дар мобайн чор гавҳорасанг ва гирди ин гавҳорасангҳо фарш карда шуда, аз ду қабат хишти бо андозаҳои дар боло зикршуда сохта шудааст. Ин қабрҳо, ки бо гавҳорасанг болояшон пушонида шудааст, бо гаҷи сафед андова карда шудааст.

Аз хиштҳои андозаи 21х21х0,4 см ва баъзан сохти меъморӣ маълум мешавад, ки мақбара нисбатан аз дигар мазору мақбараҳои дар ноҳия воқеъбуда барвақтар сохта шудааст, ки ба асрҳои IX–XII рост меояд. Ин намуди сохти мақбара ҳам бисёр зебо буда, диққати бинандаро ба худ ҷалб мекунад.

Гавҳорасангҳо дар намудҳои зерин ҷойгиранд:

**Якум:** дарозияш 1,87 см, бараш 55 см аз руи фарш бо ду қабат хишти андозааш 24х24х0.4 см чида шудааст. Баъдан аз болои ин хиштҳо боз чор қабати дигар бо хишти мазкур чида шудааст, яъне гавҳорасангро арка додаанд. Паҳлӯ ва бари он бо гаҷи сафед андова шудааст. Аз хиштҳо ва андоваи гавҳорасанг маълум мешавад, ки гавҳорасанг баъд аз гавҳорасанги аввал (яъне дуюм) пайдо шудааст. Болои қабр, яъне гавҳорасанг дар натиҷаи беназоратӣ ва, ҳамнчунин, офатҳои табиӣ вайрон шудааст, ки танҳо таҳкурсии он осеб надидааст.

**Дуюм:** гавҳорасанги дуюм куҳнатар буда, дарозияш 1,87 см ва бараш 50 см мебошад. Аз болои фарш бо ду қабат хишт чида шудааст. Андозаи хиштҳои 21х21,0,4 см баъд аз болои он бо ҳамин навъи хишт бо тарзи амудӣ чида шуда, бо гаҷ пурра андова шудааст. Хиштҳо боло буда, дар масофаи 10–15 см аз ҳамдигар дуртар воқеъ шудаанд. Гаҷи андовакарда нисбатан аз гавҳорасангҳои дигар бисёр буда, фарқи калон доранд. Дақиқ мешавад, ки шояд ин аз худи бузургвор бошад ва нисбатан аз дигар куҳнатар аст.

**Сеюм:** ин гавҳорасанг низ аз рӯйи фарш бо ду қабати хишт бардошта шудааст. Атрофи он бо гаҷ андова шудааст. Ин қабр баъдтар пайдо шуда, хиштҳои он низ ба хиштҳои баъдӣ монанд аст. Дарозияш 1,65 см ва бараш 65 см. баробар мебошад. Аз болои фарш бо ду қабат хишт сохта шуда, қисми болои он осеб дидааст. Танҳо таҳкурсии он пурра воқеъ аст. Атрофи қабр бо гаҷ андова 5 см карда шудааст.

**Чорум:** ин гавҳорасанг ба гавҳорасанги сеюм бисёр монанд мебошад. Андозаҳояшон якхела (дарозиашон 1,65 см, барашон 50 см мебошанд. Бо хиштҳои 24х24х0,4 см ду қабат сохта шудааст. Бо гаҷ аз чор тарафаш андова шудааст. Ин гавҳорасангҳо аз ҳамдигар дар масофаҳои зерин 1 ва 2 (14 см), 2, 3, ва 4 (10 см) воқеъ мебошад. Ин андозаҳо бо гаҷ ҳошиякорӣ шудааст. Дар вақти кофтукоб маълум шуд, ки бисёр хиштҳои иморатӣ вуҷуд надорад. Аз гуфтаи пиронсолон, ки дар ҳамин деҳа зиндагӣ мекунанд, хиштҳои ин бино тақрибан солҳои 1935–1936 барои сохтмонӣ ҳамом ва кулуб ба маркази савхози Данғара кашонида шудааст. Аз биноҳо хиштҳои нишикаста боқӣ мондааст [2, с. 4].

Дар вақти аз хок озод намудани деворҳо бисёр сафолпораҳо ёфт шуд, ки намудҳои гуногун доранд. Махсусан, гарданаки хумчаҳои гуногун, қисми поёнии кӯза (бун) аз гил пухташуда сохта шудаанд. Ҳамчунин, сафолпораҳои нимшикастаи ғафсии девораи он 1 см, ки онро барои шустани либос шояд истифода баранд, қисми поёниаш дар шакли ҳамвор ёфт шуданд. Ба ғайр аз ин, сафолпораҳои сиёҳтоби барои хумчаҳо тайёр шудааст, ёфт шудаанд. Ин намуд зарфҳо дар болои халтаи пур аз хок тайёр шудааст, ки дар натиҷа изи матоъ дар тани сафолпораҳо боқӣ мондааст.

Аз хонаи аввал даромадгоҳ ба миқдори 20 дона қуббаҳои оҳанӣ ёфт шуд. Маълум мешавад, ки аз оҳан устоҳои ҳамонвақта ба пуррагӣ истифода мебурданд. Аз назди гавҳорасанги 2-юм, аниқтараш аз болои он сиккаи соли 1929 (10 тина) ёфт шуд. Тахмин меравад, ки сиккаи нуқрагин мебошад, чунки то соли 1931 сиккаҳоро дар давлатҳои дигар тайёр менамуданд ва онҳо аз нуқра тайёр мешуданд.

Аз қабати девори суфа, (қисми шимолӣ) сиккаи соли 1924 ёфт шуд. Дар вақти тоза намудани хок бисёр устухонҳои одам ва ҳайвонот ёфт шуданд. Дуртар аз мақбара дар масофаи 60 м чуқурии дигар кофта шуд, ки дарозияш 2х2 умқӣ 1,20 см буда, дар ин ҷо хиштҳои андозаи 24х24х0,4

см ёфт шуданд. Хиштҳо дар рӯйи хок ҳамвор ба монанди фарш чида шудааст [2, с. 5].

Ҳамин тавр, Мақбараи Мавлоно Обиддин ёдгории таърихӣ мебошад, ки дар ҳолати харобшуда қарор дошт ва дар солҳои 40-уми асри XX хиштҳои он барои сохтмони ҳаммоми совхози «Данғара» истифода шуданд. Мардум гирди мақбараро маҳкам карданд.

Натиҷаҳои ҳафриёт нишон дод, ки мақбара шакли ҳашткунҷа доштааст. Дар дохили он бақияи чор турбат ёфт шуд, ки аз хишти пухта сохта шудаанд. Мақбара аз ду қисм – сағонаи зеризаминӣ ва гӯрхонаи болоизаминӣ иборат аст. Сағона нақши мураббаъ ва пӯшиши балхӣ дошта, баландии он 1,5 м мебошад. Бинои болоизаминӣ нақши мураббаи бисёркунҷаро дорад.

Дар гӯрхона чор турбати хиштӣ мавҷуд аст, ки дар онҳо Мавлоно Обиддин ва наздиконаш дафн шудаанд. Зиёратхона аз пештоқи начандон калон иборат буда бо хишти пухтаи андозаи 21×21×0,4 см бино шудааст. Деворҳои мақбара дар гузашта гаҷандова карда шуда, фарши он бо хишт чида шудаанд. Мақбара борҳо таъмир ва бозсозӣ шудааст, аммо азбаски деворҳои он вайрон гардида буданд, муайян кардани қисмҳои бозсозигардидаи давраҳои баъдӣ душвор аст (расми 34).

Лоиҳаи тармими мақбараро меъмор А. Валиев тартиб дод, ки ба шакли ибтидоии он мутобиқат дорад. Атрофи мақбара бо суфачаи баланди мармарифарш оро дода шудааст.

Дар охир бояд қайд кард, ки сохтмони мазор ва тарзу услуби лоиҳаи он ва сафолпораҳои ёфтшуда, бори дигар исбот менамоянд, ки усулҳои гуногуни меъморӣ ва истифодаи шаклҳои гуногуни зарфҳо боиси омӯзиши мо қарор дорад. Аз ин лиҳоз, чунин ёдгориҳои қадима боз як саҳифаи таърихи халқи тоҷикро пурра мегардонад.

Мақбараҳои таърихии Мавлоно Обиддин ҳамчун ёдгориҳои таърихӣ ва муҳити таълимӣ ва маънавӣ арзишманд таҳқиқ шудаанд. Мақбараи

Мавлоно Обиддин низ, ки шакли ҳашткунҷа дорад ва дар гузашта борҳо таъмир ва барқарор шудааст, дар ҳолати ниҳоят арзишмандии таърихӣ қарор дорад.

### 3.2. Ёдгории меъмории мақбараи Мавлоно Тоҷиддин

Дар қисми шимолии минтақаи Корезҳои Данғара яке аз ёдгориҳои муҳими меъмории асримиёнагӣ – Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ҷойгир шудааст. Ин ёдгорӣ дар масофаи тақрибан 7 км шимолтар аз маркази ноҳияи Данғара ва 98 км ҷанубтар аз шаҳри Душанбе воқеъ буда, дар ҳудуди деҳаи Корези ҷамоати деҳоти Корези ноҳияи Данғара қарор дорад (нигаред ба харитаи маъмурӣ). Мақбара дар болои теппаи табиӣ бунёд гардидааст, ки мавқеи ҷуғрофии мусоид ва намоёни онро таъмин менамояд [96, с. 90] (расм 35).

Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин аз ҷумлаи ёдгориҳои арзишманди таърихию фарҳангии Тоҷикистон ба шумор рафта, на танҳо ҳамчун оромгоҳи яке аз шахсиятҳои маъруфи давраи худ аҳамият дорад, балки ҳамчун намунаи барҷастаи санъати меъмории асрҳои XIV–XV меладӣ дар минтақаи ҷанубии кишвар низ арзёбӣ мегардад. Мавқеи ҷойгиршавии ёдгорӣ бо координатаҳои ҷуғрофии 38.134310° арзи шимолӣ ва 69.344560° тули шарқӣ муайян карда мешавад. Баландии он аз сатҳи баҳр 680 метрро ташкил медиҳад.

Бинои мақбара шакли мураббаъ дошта, андозаҳои умумии он 12 × 12 метрро дар бар мегирад. Андозаи нисбатан бузурги иншоот ва ҷойгиршавии он дар нуқтаи баланд аз аҳамияти иҷтимоӣ, мазҳабӣ ва меъмории ёдгорӣ дар давраи бунёди он шаҳодат медиҳад.

Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин дар болои теппаи нисбатан ҳамвор ва каме баландшуда ҷойгир буда, ҳудуди онро қабристони таърихӣ ва муосир иҳота намудааст. Релефи мавзеъ асосан ҳамвор буда, аз самтҳои шарқ ва ҷануб ба заминҳои кишоварзӣ ва маҳаллаҳои аҳолинишин пайваст мешавад. Аз самтҳои шимол ва ғарб бошад, ҳудуди ёдгорӣ бо заминҳои корам, чарогоҳҳо ва қисман бо дафнгоҳҳои замони муосир маҳдуд мегардад.

Мақбара ҳамчун ҷузъи марказии маҷмааи таърихию мазорӣ аҳамияти махсус дошта, дар ташаккули фазои меъморӣ, фарҳангӣ ва маънавии минтақа нақши калидӣ мебозад. Иншоот на дар рӯи теппаи сунъӣ ё қабатҳои баланди фарҳангии бостоншиносӣ, балки дар сатҳи табиии замин бунёд гардидааст, ки аз мутобиқати меъмории он ба шароити табиии маҳал шаҳодат медиҳад.

Дар ҳудуди ёдгорӣ нишонаҳои фаъолияти тулонии инсонӣ ба мушоҳида мерасанд, ки онҳо дар шакли қабрҳо, сангҳои мазорӣ ва дигар унсурҳои марбут ба ободонӣ ва истифодаи мазорӣ таҷассум ёфтаанд. Таҳлили вазъи кунунии мавзеъ нишон медиҳад, ки қисми асосии ҳудуди он ҳамчун қабристон истифода мешавад. Дар баробари ин, мақбара то имрӯз мақоми худро ҳамчун маркази зиёратгоҳи маҳаллӣ нигоҳ дошта, дар ҳаёти фарҳангӣ ва мазҳабии аҳолии минтақа нақши муҳимро иҷро менамояд. Маҳз идомаи истифодаи мазорӣ ва зиёратии ёдгорӣ ба ҳифз ва пойдории арзишҳои таърихию фарҳангии он мусоидат кардааст.

Дар ҷараёни таҳқиқоти саҳроӣ ва омӯзиши меъморию таърихии ёдгорӣ як қатор объектҳои асосӣ муайян карда шуданд, ки ҳамчун замина барои таҳияи нақшаи такягоҳии таърихию меъморӣ истифода гардиданд. Ба ин объектҳо бинои Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин, қабристони таърихӣ ва муосири атрофи он, ҳудуди зиёратгоҳ ва роҳҳои дастрасӣ ба он, иншооти ёрирасони муосири марбут ба фаъолияти зиёратгоҳ, инчунин муҳити таърихию фарҳангии гирду атрофи ёдгорӣ дохил мешаванд. Омӯзиши ҳамаҷонибаи ин унсурҳо имконият фароҳам овард, ки ҷойгоҳ ва аҳамияти мақбара дар сохтори фарҳангии минтақа дақиқ муайян карда шавад.

Баррасии заминаҳои таърихии ташаккули ёдгорӣ нишон медиҳад, ки пас аз истилои муғулон рушди марказҳои бузурги шаҳрӣ дар водии Данғара ба таври назаррас коҳиш ёфт. Ҳуҷумҳои пайдарпай ва харобкориҳои истилогарон боиси таназзули бисёре аз шаҳру маҳалҳои

обод гардиданд. Дар чунин шароит қисми зиёди аҳолӣ ба мавзеъҳои нисбатан амни кӯҳистон ва деҳаҳои хурд кӯч баста, ҳаёти иҷтимоию иқтисодии худро дар онҳо идома доданд.

Дар натиҷа, дар давраи асрҳои XIII–XVIII мелодӣ сохтмони иншооти бузурги шаҳрсозӣ маҳдуд гардида, бештар биноҳои дорои хусусияти мазҳабӣ ва ёдгорӣ, аз ҷумла мазорҳо ва мақбараҳо, бунёд ва ҳифз шуданд. Аз ин рӯ, ёдгориҳои меъмории ин давра дар минтақа асосан бо маҷмааҳои мазорӣ ва мақбараҳо намояндагӣ мешаванд. Дар миёни онҳо Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ҳамчун яке аз намунаҳои арзишманди меъмории асримиёнагӣ ва мероси таърихию фарҳангии водии Данғара мавқеи хосро ишғол менамояд. Ин ёдгорӣ на танҳо аз рушди меъмории маҳаллӣ шаҳодат медиҳад, балки ҳамчун маркази муҳими мазҳабӣ ва зиёратӣ низ аҳамияти худро то имрӯз нигоҳ доштааст.

Доир ба Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин дар байни аҳолии маҳаллӣ ривоятҳо ва нақлҳои шифоҳии гуногун маҳфуз мондаанд, ки онҳо ҳамчун бахше аз мероси фарҳангии ғайримоддии минтақа аҳамияти хоса доранд. Яке аз чунин ривоятҳоро сокини куҳансоли деҳаи Корез Одинаев Абдуқодир нақл намудааст. Тибқи ин ривоят, Мавлоно Тоҷиддин аслан аз шаҳри Балх буда, дар ҷараёни сафар бо аҳли оилаи худ ба мавзеи Корез омада, минбаъд дар он ҷо муқимӣ гардидааст. Ба гуфтаи ровиён, дар маҳалли иқомати ӯ чашмае мавҷуд будааст, ки бо ташаббуси Мавлоно Тоҷиддин ба номи ҳамсараш «Бибичашма» номгузорӣ шудааст. Дар хотираи сокинони маҳаллӣ ин чашма то солҳои наздик маълум буда, ҳамчун яке аз ҷойҳои маъруфи деҳа шинохта мешуд.

Дар идомаи ривоят, шахсияти Мавлоно Тоҷиддин бо номи яке аз чеҳраҳои маъруфи олами тасаввуф – Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ алоқаманд карда мешавад. Мувофиқи нақли мардумӣ, Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳангоми сафар ба минтақаи Кӯлоб аз деҳаи Корез гузаштааст. Ривоят мекунад, ки байни ӯ ва Мавлоно Тоҷиддин мубоҳисаи маънавӣ ё

рақобати рӯҳонӣ ба вуҷуд омада, дар ниҳоят бартарӣ ба Мавлоно Тоҷиддин нисбат дода шудааст.

Бо вуҷуди ин, таҳлили манбаъҳои хаттии мавҷуда нишон медиҳад, ки чунин воқеа дар осори маъруфи тасаввуфӣ, аз ҷумла дар китоби «Сафват-ул-авлиё», ки дар он зиндагӣ ва фаъолияти Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва дигар шахсиятҳои маъруфи ирфонӣ баррасӣ шудааст, зикр нагардидааст. Аз ин рӯ, ривояти мазкурро бештар ҳамчун намунаи эҷодиёти шифоҳии мардумӣ ва инъикоси эҳтироми аҳолии маҳаллӣ нисбат ба шахсияти Мавлоно Тоҷиддин арзёбӣ кардан мумкин аст. Ҳарчанд маълумоти мазкур бо сарчашмаҳои хаттии таърихӣ тасдиқ намегардад, он барои омӯзиши анъанаҳои мардумӣ, хотираи таърихӣ ва нақши мақбара дар ҳаёти маънавии сокинони минтақа аҳамияти муайяни илмӣ дорад.

Тибқи маълумоти ровиёни маҳаллӣ, зоироне, ки қасди адои маросими ҳаҷро доштанд ё пас аз анҷоми он ба ватани худ бармегаштанд, ба зиёрати қабри Мавлоно Тоҷиддин меомаданд ва нисбат ба он эҳтироми хоса зоҳир менамуданд. Ин анъана аз мақоми баланди мазор дар ҳаёти маънавӣ, мазҳабӣ ва фарҳангии аҳолии минтақа шаҳодат дода, нақши онро ҳамчун яке аз марказҳои муҳими зиёратӣ дар водии Данғара инъикос менамояд.

Таҳлили ҷойгиршавии ёдгорӣ нишон медиҳад, ки барои бунёди мақбара баландтарин ва намоёнтарин нуқтаи мавзеъ интихоб гардидааст. Чунин интихоби ҷой на танҳо бо омилҳои меъморӣ, балки бо аҳамияти рамзӣ ва мазҳабии иншоот низ алоқаманд мебошад. Эҳтимолан, мақсади асосӣ аз интихоби ин мавқеъ таъмини намоён будани мақбара дар муҳити атроф ва таъкид намудани ҷойгоҳи вижаи он ҳамчун маркази зиёрат ва ёдгории муқаддас будааст.

Дар натиҷа, мақбара дар маконе бунёд шудааст, ки аз масофаҳои дур низ ба осонӣ дида мешавад ва ҳамчун унсури бартаридоштаи манзараи фарҳангии минтақа баромад менамояд. То имрӯз ин ёдгорӣ яке аз

нишонаҳои муҳими таърихию фарҳангии водии Данғара маҳсуб шуда, дар ҳифзи хотираи таърихӣ, арзишҳои маънавӣ ва анъанаҳои зиёратии аҳолии маҳаллӣ нақши назаррас дорад.

Нахустин таҳқиқи илмӣ доир ба мақбара соли 1942 аз ҷониби Институти таърих, забон ва адабиёти Шуъбаи Тоҷикистонии Академияи илмҳои ИҶШС амалӣ гардидааст [142, с. 95]. Минбаъд, солҳои 1986 ва 1991 гурӯҳи кормандони Сарраёсати ҳифзи ёдгориҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла Н.С. Талбаков, О. Никитина, С. Репнин ва П.Т. Самойлик корҳои барқарорсозии бинои валангоршударо анҷом дода, онро бо ҳифзи вижагиҳои аслии меъморӣ эҳё намуданд [19, с. 210].

Соли 2009 муҳаққиқони соҳаи бостоншиносӣ Т.Г. Филимонова ва М.Р. Ахметзянов дар ҷараёни таҳияи харитаи бостоншиносии минтақа мақбараро бо усули таҳқиқи саҳроӣ мавриди омӯзиш қарор доданд [149, 58]. Дар натиҷаи ин таҳқиқот муайян гардид, ки мақбара дар ҳудуде ҷойгир шудааст, ки осори маҳалли аҳолинишини мансуб ба давраи Кӯшониён дар он ба қайд гирифта шудааст. Ин ҳолат аз истифодаи тулонӣ ва пайвастаи мавзеъ дар марҳилаҳои гуногуни таърихӣ шаҳодат медиҳад.

Ҳамчунин, дар ҳудуди қабристон як қатор сангҳои мазорӣ ба қайд гирифта шуданд, ки аз ҷиҳати шакл ба мураббаъсангҳои дарозрӯя монанд буда, ба асрҳои XIV–XVIII мелодӣ мансуб дониста мешаванд. Мавҷудияти чунин сангҳои мазорӣ аҳамияти мазҳабӣ ва зиёратии мавзеъро дар давраҳои гуногуни таърихӣ тасдиқ менамояд.

Дар ҷараёни корҳои тармиму барқарорсозӣ ва омӯзиши ёдгорӣ як қатор бозёфтҳои бостоншиносӣ низ ба даст омаданд. Аз ҷумла, пораҳои зарфҳои сафолии дар чархи кулолгарӣ истеҳсолшуда ошкор гардиданд. Таҳлили морфологии ин бозёфтҳо нишон дод, ки онҳо ба қисмҳои кӯзаҳои сафолӣ тааллуқ доранд. Инчунин, якчанд сиккаҳои мисини давраи Темуриён дарёфт шуданд, ки метавонанд аз фаъолияти иқтисодӣ ва

мавҷудияти аҳолинишини обод дар ин мавзеъ дар асрҳои XIV–XV шаҳодат диҳанд.

Аз ҷумлаи бозёфтҳои муҳим зерсутуни сангине мебошад, ки бо нақши геометрии шашқиррадор оро ёфтааст. Қисми поёнии он шакли чоркунҷа дошта, аз рӯйи хусусиятҳои услубӣ ба давраи баъд аз истилои муғулон мансуб дониста мешавад. Сифати коркард ва тарҳи ороишии ин бозёфт аз рушди ҳунармандии сангтарошии маҳаллӣ дарак медиҳад. Эҳтимол меравад, ки зерсутуни мазкур барои нигоҳдории сутунҳои бино ё дигар унсурҳои конструктивии иншоот истифода мешудааст.

Маҷмӯи бозёфтҳои бадастомада ва натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомшуда аҳамияти баланди таърихӣ, меъморӣ ва бостоншиносии Мақбараи Мавлоно Тоҷиддинро тасдиқ намуда, барои омӯзиши марҳилаҳои ташаккул ва рушди ин ёдгории нодири фарҳангӣ маълумоти арзишманди илмӣ фароҳам меоранд.

Ин тадбирҳо барои ҳифзи илмӣ ва фарҳангии ёдгорӣ мусоидат намуда, заминаи минбаъдаи шомилсозии он ба феҳристи байналмилалиро фароҳам оварданд.

Муҳаққиқ Ғ. Ғоибов доир ба мақбараи мазкур чунин менависад: «Мақбара дорои тарҳи мураккаби меъморӣ буда, аз ду унсури асосӣ гурхонаи мураббаъ ва чилахонаи росткунҷа иборат мебошад. Гурхона асоси тарҳи меъмориро ташкил дода, чилахона эҳтимолан ҳамчун фазои маросимӣ ва ибодатӣ истифода мешудааст. Сохтори марказии гурхона тавассути чор равоқи амудӣ густариш ёфта, ба низоми классикии чортоқи меъмории Шарқи асримиёнагӣ мутобиқат мекунад (расми 36). Дар маркази гурхона се турбат дар сатҳи пасти фарш ҷойгир шудаанд: турбати марказӣ ба Мавлоно Тоҷиддин, турбати ғарбӣ ба ҳамсари ӯ ва турбати шарқӣ ба фарзандаш (эҳтимолан духтар) нисбат дода мешавад. (расми 37) Қисми зеризаминии иншоот дорои толори алоҳидаи мақбаравӣ буда, шакли мураббаъ (3,36 × 3,37 м) дошта, аз ҳафт қатор хишти гилии пухта

бунёд ёфтааст. Баландии гунбази он 1,82 м буда, бо усули анъанавии балхии гунбазсозӣ иҷро гардидааст. Андозаи хиштҳои истифодашуда 25 × 25 × 5 см буда, ба меъёрҳои меъмории давр мувофиқ мебошад. Даҳлези даромадгоҳ бо гунбази кӯзашакл пӯшонида шуда, бо истифода аз техникаи мураккаби гаҷкорӣ ва пайвандсозии чандқабата сохта шудааст. Тарҳи баландии мақбара низ нобаробар буда, дар самти шарқ 50–60 см ва дар ғарб то 1 м мерасад, ки ин ҳолат эҳтимолан ба шароити табиӣ ва хусусиятҳои конструктивии маҳаллӣ вобаста мебошад» [36, с. 21-22].

Даромадгоҳи асосии бино тавассути арки пайконшакл бо тирезаи холии болояш сохта шудааст ва дар он як хишти ороишӣ барои зинаткорӣ истифода шудааст. Фазои дохилии мақбара бо хишти кушодаи балхӣ пӯшонида шудааст, ки ба анъанаҳои меъмории маҳаллӣ пурра мутобиқ аст.

Муҳаққиқ Ғ. Ғоибов доир ба сохтори мақбараи мазкур чунин менависад: «Сохтори умумии мақбара, аз ҷумла нақшаи мураббаъ (5,12×5,15 м дар дохил ва 9,05×8,17 м дар берун), бо истифода аз тарҳи чортоқ амалӣ гардидааст, ки бозгӯйи пайвандҳои устувори фарҳангии пешазисломии минтақа бо меъмории исломии асрҳои миёна мебошад. Унсурҳои меъморӣ, аз ҷумла нақшунигорҳо, шаклҳои пайконмонанд, аркҳо ва пешайвонҳои П-шакл, мақбараро бо симои фарқкунандаи меъмории минтақа ғанӣ гардонидаанд» [36, с. 23].

То миёнаҳои асри XX мақбара дар ҳолати валангор қарор дошт. Соли 1987 бо ташаббуси Идораи давлатии ҳифзи ёдгориҳои таърихии Тоҷикистон, лоиҳаи тармими гунбаз, сардар ва девори ҷанубӣ таҳия ва амалӣ гардид. Муҳандисон Н. Валиев ва З. Ҳасанов дар таҳияи ин тарҳи эҳё саҳми назаррас гузоштанд. Дар ҷараёни барқарорсозӣ, таҳкурсӣ бо хишт ва бетон мустаҳкам гардида, гунбаз бо тунукаи сафеди зангногир рӯпӯш карда шуд.

Пас аз анҷоми корҳои тармиму барқарорсозӣ Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин дар ҳолати нисбатан хуби ҳифз қарор дорад. Тадбирҳои

анҷомдодашуда барои мустаҳкам намудани конструксияҳои бино ва барқарорсозии қисматҳои осебдидаи он имконият фароҳам овварданд, ки ёдгорӣ шакл ва хусусиятҳои асосии меъмории худро нигоҳ дорад. Дар натиҷа, сохтори меъмории мақбара то имрӯз дар ҳолати устувор қарор дошта, унсурҳои муҳими тарҳрезӣ ва ороишии он ҳифз шудаанд.

Дар атрофи мақбара аз давраи бунёди он қабристон мавҷуд буда, истифодаи ҳудуди мазкур ҳамчун макони дафн ва зиёрат то замони муосир идома дорад. Ин ҳолат аз пайвастагии анъанаҳои фарҳангӣ ва мазҳабии аҳолии маҳаллӣ шаҳодат медиҳад. Дар айни замон мақбара ҳамчун зиёратгоҳи фаъол амал намуда, барои сокинони маҳаллӣ ва меҳмонони минтақа дастрас мебошад. Бо назардошти аҳамияти таърихӣ ва мазҳабии ёдгорӣ, нигоҳубини бино ва ҳудуди атрофи он аз ҷониби хизматгузорони зиёратгоҳ ва сохторҳои масъул ба таври мунтазам амалӣ карда мешавад.

Вазъи нигоҳдорӣ ва ҳифзи Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ҳамасола аз ҷониби мақомоти соҳавии ҳифзи мероси фарҳангӣ мавриди санҷиш ва назорат қарор мегирад. Бо назардошти арзиши баланди таърихию фарҳангии он, ёдгорӣ соли 2011 ба Феҳристи давлатии ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун объекти дорои аҳамияти ҷумҳуриявӣ ворид карда шудааст.

Таҳлили вазъи кунунии ёдгорӣ нишон медиҳад, ки дар айни ҳол таъсири ҷиддии омилҳои антропогенӣ ва табиӣ, ки метавонанд ба ҳолати физикии бино хатар эҷод намоянд, ба қайд гирифта нашудааст. Бо вуҷуди ин, истифодаи доимии мақбара ҳамчун зиёратгоҳ ва идомаи фаъолияти қабристон дар ҳудуди он зарурати татбиқи чораҳои мунтазами ҳифз, мониторинги техникӣ ва риояи низоми муҳофизатиро тақозо менамояд. Амалӣ намудани чунин тадбирҳо барои таъмини ҳифзи дарозмуддати ёдгорӣ ва нигоҳдории арз

Бо дастури Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, гирду атрофи мақбара бо пешайвони сутундор оро ёфта, ба симои фарҳангии он шукуҳи тоза зам гардид (расми 38).

Соли 2017, ёдгорӣ расман ба Феҳристи давлатии ёдгориҳои таърихию фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №73 шомил гардид. Аз соли 2022 раванди омодасозии парвандаи номинатсионӣ барои ворид намудани мақбара ба Феҳристи мероси фарҳангии умумиҷаҳонии ЮНЕСКО оғоз гардид. Дар соли 2024 парванда аз ҷониби Шурои байналмилалии ИКОМОС (Шурои байналмилалӣ оид ба ҳифзи ёдгориҳо ва маконҳои таърихӣ) ҳамчун комил арзёбӣ гардида, ин ёдгорӣ ба рӯйхати муваққатии ЮНЕСКО (Tentative List) шомил карда шуд. Моҳи сентябри соли 2024, эксперти байналмилалии ИКОМОС аз ин ёдгорӣ боздид намуда, ҷараёни арзёбии саҳроии он анҷом пазируфт [19, с. 209].

12 июли соли 2025 дар иҷлоси 47 Кумитаи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар шаҳри Париж, комплекси ёдгориҳои Хуттали Қадим, ки Мақбараи Мавлоно Тоҷиддинро низ дарбар мегирад, расман ба Феҳристи мероси фарҳангии умумибашарӣ ворид гардид. Бо ин қарор, Тоҷикистон соҳиби панҷумин объекти эътирофшуда дар сатҳи ҷаҳонӣ гардид.

Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ба гурӯҳи ёдгориҳои нодир ва арзишманди меъмории асрҳои XIV–XVI мелодӣ мансуб буда, сарфи назар аз осебҳои ҷузъии дар давраҳои гуногуни таърихӣ расида, то замони мо дар ҳолати нисбатан хуб ҳифз гардидааст. Таҳқиқот ва корҳои тармиму барқарорсозии анҷомдодашуда нишон медиҳанд, ки бино хусусиятҳои асосии меъморӣ ва тарҳрезии аслии худро нигоҳ доштааст. Дар ҷараёни барқарорсозӣ усулҳои анъанавии сохтмон, тарзи бунёди деворҳо, низоми пӯшишҳо ва дигар унсурҳои меъмории хоси минтақа мавриди омӯзиш ва эҳё қарор гирифтанд. Дар натиҷа, мақбара имрӯз ҳамчун намунаи

барҷастаи меъмории мазҳабии исломии давраи асрҳои миёна дар ҷануби Тоҷикистон арзёбӣ мегардад.

Аз нуқтаи назари бостоншиносӣ аҳамияти ёдгорӣ боз ҳам бештар мегардад, зеро он дар ҳудуде ҷойгир шудааст, ки осори маҳалли аҳолинишини мансуб ба давраи Кӯшониён дар он ба қайд гирифта шудааст. Ин ҳолат аз пайдарҳамии истифодаи фарҳангии мавзеъ дар тули асрҳо шаҳодат медиҳад ва арзиши таърихии онро афзоиш медиҳад.

Татбиқи чораҳои консерватсионӣ дар асоси меъёрҳо ва усулҳои эътирофшудаи байналмилалӣ барои ҳифзи аслият (аутентичность) ва якпорчагии (интегритет) сохторҳои таърихии ёдгорӣ аҳамияти калидӣ дорад. Ҳамзамон, муайян ва тасдиқ намудани минтақаҳои муҳофизатӣ имконият фароҳам меорад, ки муҳити таърихию фарҳангии вобаста ба ёдгорӣ аз таъсироти манфии беруна эмин нигоҳ дошта шавад.

Бо мақсади таъмини ҳифзи дарозмуддати Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин татбиқи тадбирҳои зерин тавсия карда мешавад:

1. Минтақаҳои муҳофизатии ёдгорӣ, аз ҷумла минтақаи ҳифзи қабати фарҳангӣ, минтақаи муҳофизатии ёдгорӣ, минтақаи танзими сохтмон ва минтақаи манзараи табиии муҳофизатшаванда мутобиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон расман тасдиқ карда шаванд.
2. Сарҳадҳои ёдгорӣ ва минтақаҳои муҳофизатии он ба ҳуҷҷатҳои банақшагирии истифодаи замин ворид карда шаванд.
3. Маълумот дар бораи сарҳадҳои ёдгорӣ ва минтақаҳои муҳофизатии он ба Кадастри давлатии замин дохил карда шавад.
4. Сарҳадҳои ҳудуди ёдгорӣ ва минтақаҳои муҳофизатии он дар маҳал бо аломатҳо ва нишонаҳои махсуси муҳофизатӣ муайян карда шаванд.
5. Дар байни аҳолии маҳаллӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба аҳамияти таърихию фарҳангии ёдгорӣ ва низоми муҳофизатии он ба роҳ монда шаванд.

6. Барои мониторинги мунтазами ҳолати ёдгорӣ ва минтақаҳои муҳофизатии он гурӯҳи махсуси назоратӣ таъсис дода шавад.

Ягонагӣ ва аҳамияти истисноии Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин пеш аз ҳама дар шароити таърихии бунёди он таҷассум меёбад. Пас аз истилои муғулон раванди шаҳрсозӣ ва сохтмони иншооти монументалӣ дар минтақаҳои зиёди Мовароуннаҳр ва Хутталон ба таври назаррас коҳиш ёфт. Тавре ки В.В. Бартольд қайд намудааст, дар нимаи дуюми асри XIII ва ибтидои асри XIV Хуттал ҳамчун яке аз воҳидҳои сиёсии марбут ба муҳити туркию муғулӣ дар заминаи пошхӯрии улуси Чағатой вуҷуд дошт (Бартольд, 1966, саҳ. 556). Дар чунин шароит бунёди иншооти бузурги меъморӣ маҳдуд гардида, шумораи ёдгориҳои монументалии ин давра хеле кам мебошад.

Аз ин рӯ, Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ҳамчун яке аз намунаҳои нодири меъмории асрҳои миёнаи баъдимуғулӣ арзиши баланди таърихию фарҳангӣ дошта, метавонад ҳамчун объекти дорои арзиши истисноии умумибашарӣ (Outstanding Universal Value) арзёбӣ гардад.

Дар натиҷаи корҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва таҳияи ҳуҷҷатгузории илмӣ маводди мукаммали таҳлилӣ ва графикӣ оид ба ҳудуди ёдгорӣ ба даст оварда шуд, ки натиҷаҳои асосии онҳо чунин мебошанд:

1. Нақшаи такягоҳии таърихию бостоншиносии мавзеъ таҳия гардид.
2. Асосҳои таърихию фарҳангии ташаккул ва рушди ёдгорӣ муайян ва таҳлил карда шуданд.
3. Вазъи кунунии ҳудуд ва муҳити таърихии ёдгорӣ мавриди арзёбӣ қарор гирифт.
4. Сарҳадҳои ҳудуди ёдгорӣ ва минтақаҳои муҳофизатии он муайян карда шуданд.
5. Низоми истифода ва нигоҳдории минтақаҳои муҳофизатӣ таҳия гардид.
6. Тавсияҳои илмӣ барои ҳифз, истифода ва идоракунии минбаъдаи ёдгорӣ пешниҳод шуданд.

Барои ворид намудани Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин ба Феҳристи мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО иҷрои талаботи «Дастурамал оид ба татбиқи Конвенсияи ҳифзи мероси ҷаҳонӣ» зарур мебошад. Яке аз шартҳои асосӣ муайян намудани сарҳадҳои дақиқи ёдгорӣ ва минтақаҳои муҳофизатии он, инчунин таъмини риояи қатъии низоми ҳифз дар ин ҳудудҳо ба ҳисоб меравад.

Аз ин рӯ, таҳқиқоти анҷомдодашуда ва ҳуҷҷатҳои омодагардида ҳамчун марҳилаи муҳим дар раванди омодасозии ёдгорӣ барои ворид шудан ба Феҳристи пешакии мероси ҷаҳонӣ ва минбаъд ба Феҳристи асосии мероси ҷаҳонии ЮНЕСКО дар доираи номинатсияи сериявӣ ва транссарҳадии «Роҳи Абрешим» арзёбӣ мегарданд.

Татбиқи тадбирҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ ва танзимкунанда дар сатҳи миллӣ имконият медиҳад, ки пойдорӣ, якпорчагӣ ва аслияти ёдгорӣ таъмин гардида, он аз таъсири манфии фаъолияти сохтмонӣ, хоҷагидорӣ ва дигар омилҳое, ки метавонанд ба арзишҳои таърихию фарҳангии объект осеб расонанд, ҳифз карда шавад.

Хулоса, мақбараи Мавлоно Тоҷиддин яке аз муҳимтарин ёдгориҳои меъмории асримиёнагии Тоҷикистон маҳсуб ёфта, дорои арзиши баланди таърихӣ, меъморӣ ва фарҳангӣ мебошад. Он на танҳо ҳамчун маҳалли дафни шахсияти маъруф, балки ҳамчун осори зиндаи тамаддуни меъмории миллӣ, пайванди фарҳангҳои маҳаллӣ ва минтақаӣ ва нишонгари шинохти ҳувияти миллӣ арзёбӣ мегардад. Шомил шудани он ба феҳристи ЮНЕСКО далели дигарест бар аҳаммияти ҷаҳонии ин ёдгории нодир ва зарурати ҳифзи устувори он барои наслҳои оянда.

Мақбараи Мавлоно Тоҷиддин бо тарҳи анъанавии мақбараҳои пешазисломӣ сохта шуда, аз бино ва сағонаи зеризаминӣ иборат аст ва ҳузури онҳо нишонаи эҳтироми баланди фарҳангӣ ва динӣ мебошад.

Данғара яке аз марказҳои муҳим ва қадимтарини мамолики тоҷикон маҳсуб ёфта, махсусан, дар асрҳои XIV–XVI ҳамчун маркази фарҳангӣ,

маъмурӣ ва тиҷоратӣ шинохта мешуд. Дар натиҷаи таҳқиқот маълум гардид, ки дар Данғара ва атрофи он ёдгориҳои бостонӣ ва меъмории гуногунзамонӣ, аз ҷумла, осори Мавлоно Обиддин, Мавлоно Тоҷиддин, пойгоҳҳои сангӣ, поясутунҳо ва сарсутунҳои кандакоришуда, ки нишонаҳои дараҷаи баланди санъати ҳаҷҷорӣ ва равандҳои фарҳангии он давраҳо мебошанд, мавҷуданд.

Таҳқиқи бостоншиносӣ ва таърихӣ гувоҳӣ медиҳанд, ки деҳаҳои ҳамҷавори Данғара, мисли Пушинг, Булёни Поён, Булёни Боло ва Кангурт дар асрҳои миёна ҳамчун марказҳои муҳим фаъолият мекарданд. Ёдгориҳои меъмории ин ноҳия, аз ҷумла, сарсутунҳои кандакоришуда ва гаҳворасангҳои муннаққаш, мақоми марказии динӣ ва фарҳангии минтақаҳоро дар он давраҳо нишон медиҳанд.

Дар маҷмуъ, ёдгориҳои меъморӣ ва фарҳангии Данғара ва мақбараҳои таърихии он дар таҳкими мероси фарҳангӣ, омӯзиши таърих ва таҳлили равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва мазҳабии минтақа нақши ҳалкунанда доранд. Нигоҳдорӣ ва таҳқиқи баъдӣ онҳо барои фаҳмиши амиқ ва густариши донишҳои таърихӣ ва фарҳангии миллати тоҷик аҳаммияти ҷиддӣ дорад. Ҳамзамон, таваҷҷуҳ ва кумак дар ҳифзи ин ёдгориҳо, барои нигоҳ доштани сарчашмаҳои таърихӣ ва маънавии халқ нақши муҳим мебозад.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Минтақаи Данғара дар ташаккули тамаддуни халқи тоҷик нақши босазо гузоштааст. Арзишҳои таърихию фарҳангии марбут ба аҳолии ориёӣ дар ҳудуди Данғара то имрӯз ҳифз гардида, аз қадимӣ будани ин минтақаи Тоҷикистон шаҳодат медиҳад. Ёдгориҳои бостонӣ дар баробари дигар унсурҳои фарҳангии миллӣ, аз ҷумла забон, урфу одат ва анъанаҳо, яке аз сарчашмаҳои асосии омӯзиши таъриху фарҳанги кишвар ба ҳисоб меравад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти бостоншиносӣ нишон медиҳад, ки минтақаи Данғара аз давраи асри санг маскани одамон буда, дар ҳеҷ як марҳилаи таърихӣ раванди зиндагии аҳолӣ қатъ нагардида, балки пайваста дар ҷараёни тағйиру таҳаввул қарор доштааст.

Ёдгориҳои бостоншиносии ноҳияи Данғара бори аввал дар чоряки дуюми асри XX аз ҷониби муҳаққиқон ба қайд гирифта шудаанд. Марҳилаи асосии омӯзиши илмии ёдгориҳои бостонии ноҳияи Данғара дар давраи шуравӣ рост меояд, ки дар ин марҳила омӯзиши низомнок ва касбии ин ёдгориҳо аз ҷониби муҳаққиқони соҳа оғоз гардид.

Солҳои 1942-2024 дар Данғара экспедитсия ва гурӯҳҳои бостоншиносон корҳои таҳқиқотӣ ва ҷустуҷӯйиро анҷом додаанд.

Дар тайи солҳои 1942-2024 аз ҷониби олимон дар натиҷаи экспедитсияҳо дар Данғара 360 ёдгории таърихию фарҳангӣ кашф, ҳафриёт ва ба қайд гирифта шуданд. Натиҷаи таҳқиқ нишон дод, ки ин ёдгориҳо ба асрҳои сангу биринҷӣ, аҳди бостон, давраҳои асри миёна ва ёдгориҳои меъморӣ тааллуқ доранд. Муҳаққиқон, махсусан, бостоншиносон дар заминаи корҳои ҳафриётӣ ва таҳқиқи маводди бостоншиносии Данғара диссертатсияҳои илмӣ, монографияҳо, асарҳои илмӣ, ҳисоботи мавсимии бостоншиносон ва мақолаи илмӣ таълиф

намудаанд, ки дар баррасии масоили дар диссертатсия мазкур ҷойдошта ба таври зарурӣ истифода шудаанд.

Даврони истиқлол марҳилаи нав дар омӯзиши бостоншиносии Данғара ба шумор меравад. Агарчи дар ин давра ёдгориҳои бостоншиносӣ камтар кашф шуда, ҷараёни таҳқиқот нисбатан сусттар суръат гирифтааст, раванди таҳқиқу ҷустуҷӯҳои бостоншиносӣ қатъ нагардида, якчанд ҳафриёти арзишманд, анҷом дода шуданд.

Таҳқиқи илмӣ доир ба ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара гувоҳӣ медиҳад, ки ин минтақа дар тули таърих, бахусус дар давраи асрҳои миёна (III–XVIII) яке аз марказҳои муҳимми сиёсӣ, фарҳангӣ ва мазҳабии ҷануби Тоҷикистон ба ҳисоб мерафт. Таҳлили ҳамаҷонибаи маълумоти ҷуғрофӣ, топонимикӣ, бостоншиносӣ ва меъморӣ исбот менамояд, ки Данғара дорои мероси бойи таърихию фарҳангӣ буда, қонуниятҳои рушди, фарҳангӣ ва сиёсиро ҳам дар сатҳи маҳаллӣ ва ҳам дар сатҳи минтақавӣ инъикос мекунад.

Мавқеи ҷуғрофии ноҳияи Данғара, инчунин шароити мусоиди табиӣ-иқлимӣ барои рушди чорводорӣ, кишоварзии устувор ва шаҳрсозӣ мусоидат намуданд. Мавҷудияти дарёҳо, водиҳо, минтақаҳои кӯҳӣ ва роҳҳои табиии иртиботӣ ба шомил гардидани минтақа ба низоми робитаҳои байниҳамдигарии минтақавӣ мусоидат кард. Дар маҷмӯъ, ин омилҳо дар якҷоягӣ бо захираҳои табиӣ шароити мусоидро барои ташаккул ва рушди ниҳодҳои иҷтимоӣ ва фарҳангӣ фароҳам оварданд.

Омӯзиши илмии ёдгориҳои таърихии Данғара дар нимаи дуюми асри XX оғоз гардида, дар даҳсолаҳои охир ба туфайли иштироки муҳаққиқони тоҷик ва ҳамкорони хориҷии онҳо ба таври назаррас фаъол гардид. Аввалин таҳқиқ ба сабт ва мустанадсозии мавқеи ёдгориҳо нигаронида шуда буд, вале тадриҷан шуруъ аз соли 1956 равиш ба таҳлили сохторӣ, таҳқиқи муҳитшиносӣ ва муайянсозии хусусиятҳои вазифавии онҳо табдил ёфт. Имрӯз таҳқиқ бо истифода аз усулҳои муосири

бостоншиносӣ, равишҳои рақамӣ ва таҳлили байнисоҳавӣ амалӣ мегарданд.

Дар байни топонимҳои дар ноҳияи Данғара мавҷуда танҳо номҳои ҷудогонае ҳастанд, ки дар пайдоиши онҳо нишонаҳои фарҳанги ҳифзшудаи аҷдодони тоҷикон мушоҳида шуда, асоси онҳо ба шарқии эронии қадим мансуб аст ва ба давраҳои таърихии мухталиф рост меоянд. Омӯзиши топонимҳо имконият медиҳад, ки ҷойгиршавӣ, синну сол, аҳаммият ва вазифаи асосии ёдгориҳо дар муҳити таърихӣ дуруст арзёбӣ шаванд. Ин ҷанба барои санагузорӣ ва муайянсозии ҷараёни таҳаввулоти таърихии маконҳо аҳаммияти назаррас дорад.

Ёдгориҳои асримиёнагии Данғара ба се марҳилаи асосӣ тақсим мешаванд:

**Ибтидои асрҳои миёна (асрҳои III–VIII).** Бо ташаккулёбии аввалин марказҳои шаҳрӣ, маҳалҳои аҳолинишин, қалъаҳои мудофиавӣ ва иншооти ибодатии ибтидоӣ тавсиф мешавад. Ёдгориҳои бостоншиносии ин давра аз ташаккулёбии низомҳои нави сиёсӣ ва иҷтимоӣ шаҳодат медиҳанд.

**Асрҳои миёнаи мутараққӣ (асрҳои IX–XII).** Бо болоравии фарҳангӣ ва иқтисодӣ тавсиф мешавад, ки дар ин давра шаҳрсозӣ, муҳандисии ҳарбӣ, низомҳои обёрӣ, сохтмони муассисаҳои маърифатӣ ва марказҳои тиҷоратӣ ба сатҳи олӣ мерасанд. Ёдгориҳои бостоншиносӣ ва меъмории ин давра аз рушди босуръати ҳаёти ҷамъияти, хоҷагӣ ва фарҳангии минтақа шаҳодат медиҳад.

**Асримиёнаи баъдина (асрҳои XIII–XVIII).** бо он фарқ мекунад, ки ин давра таҳти таъсири рӯйдодҳои таърихӣ, аз ҷумла истилои муғулҳо ва эҳёи минбаъдаи унсурҳои фарҳангӣ дар сатҳи маҳаллӣ ҷараён гирифта, бо рушди меъмории динӣ, сохтмони мақбараҳо ва масҷидҳои ҷомеъ алоқаманд мебошад.

Ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара барои омӯзиши таърихи халқи тоҷик аҳаммияти муҳим доранд. Онҳо сарчашмаҳои арзишманди таърихӣ мебошанд, ки имконият медиҳанд равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ мавриди таҳқиқ қарор дода шаванд. Маводди бостоншиносӣ хусусиятҳои сохтори сиёсӣ, анъанаҳои фарҳангӣ ва рушди меъмории минтақаро инъикос намуда, инчунин имкон медиҳад, ки марҳилаҳои асосии таҳаввули онҳо пайгирӣ карда шаванд.

Ёдгориҳои меъморӣ, аз қабили мақбараи Шайх Шақиқи Балхӣ, мақбараи Мавлоно Обиддин ва мақбараи Мавлоно Тоҷиддин, намунаҳои барҷастаи меъмории динии давраи асримиёнагӣ ба ҳисоб меравaнд. Онҳо бо сатҳи баланди маҳорати меъморӣ, ғановати ороиши нақшӣ ва истифодаи анъанаҳои маҳаллии сохтмонӣ фарқ мекунанд. Хусусиятҳои тарҳрезӣ, симои меъморӣ ва ҷойгиршавии ин ёдгориҳо хусусиятҳои рушди меъмории муқаддас ва фарҳанги маънавии замони худро инъикос менамоянд.

Натиҷаҳои таҳқиқот шаҳодат медиҳанд, ки асрҳои миёнаи ноҳияи Данғара яке аз марказҳои муҳими таърихию фарҳангии ҷануби Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ёдгориҳои боқимонда дорои арзиши баланди таърихӣ, меъморӣ, фарҳангӣ ва ҷамъиятӣ буда, ҷузъи ҷудонашавандаи мероси таърихию фарҳангии халқи тоҷик мебошанд. Дар ин робита, омӯзиш, ҳифз ва маъруфгардонии онҳо бояд яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳифзи мероси фарҳангӣ боқӣ монад.

Натиҷаҳои бадастомада аз таҳқиқи бостоншиносӣ ва меъморӣ дар ҳудуди ноҳияи Данғара нишон дод, ки дар ин минтақа тули асрҳои миёна тамаддуни фаъол ва устувор ташаккул ёфтааст. Натиҷаҳои илмии ин омӯзишҳо ба таври зайл ҷамъбаст мешаванд:

– Бори аввал дар доираи ин таҳқиқоти мазкур ёдгориҳои асримиёнагии ноҳияи Данғара аз давраи асри III то асри XVIII ба таври

ҳамаҷониба, ҳамчун як ҷузъи ҷудонашавандаи низоми ёдгориҳои таърихию фарҳангии кишвар омӯзиш ва таҳлил шуданд. Манобеи илмӣ ва маводди бостоншиносӣ ҷамъоварӣ ва ба низом даровардa шуда, ҷанбаҳои норасои таҳқиқи қаблӣ, сатҳи рушди методологии илмӣ ва тамоюлҳои нави таҳқиқӣ муайян гардиданд, ки ин минъбад низ метавонад барои гузаронидани таҳқиқотҳои бостоншиносӣ ва ҳифзу муаррифии мероси таърихию фарҳангии ноҳияи Данғара ва атрофи он заминаи илмӣ ва дастурӣ шавад. Ин замина барои таҳқиқоти баъдӣ ва ҷойгоҳи мавзуъ дар мактабҳои илмии ватанӣ ва хориҷӣ низ аҳаммияти устувор хоҳад дошт.

– Раванди таҳқиқи бостоншиносӣ дар ноҳия бо истифода аз санадҳо ва маълумоти илмӣ ба се марҳалаи асосӣ ҷудо карда шуд:

- марҳилаи аввал – солҳои 1942–1950;

- марҳилаи дуюм – солҳои 1955–1990;

- марҳилаи сеюм – солҳои 1997–2024.

